**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**
**КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАРОБОВА МАҲБУБА ҚУРБОНМУРОДОВНА**

# МАВҚЕИ ЖАНРИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ АШУР САФАР

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси

10. 01. 04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич**

Душанбе – 2023

## Мундарича:

**Муқаддима** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . ... 3–14

**Боби I. Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти Ашур Сафар ...................... 15-21**

I.1. Нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ .....................15-21

I.2. Мавқеи жанри ғазал дар маҷмуаҳои ашъори шоир.......................22-30

I.3. Устухонбандӣ ва бандубасти мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар.....31-44

**Боби II. Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар ........ 45-54**

II.1. Мавзуи Ватан ва сулҳу ваҳдат дар ғазалиёти Ашур Сафар ........ 45-54

II.2. Мавзуи ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Ашур Сафар ................. 55-63

II.3. Бузургдошти зан-модар дар ғазалиёти Ашур Сафар ................. 64-70

II.4. Мавқеи панду ҳикмат дар ғазалиёти Ашур Сафар ..................... .71-78

II.5. Мавзуи ҳаҷв дар ғазалиёти Ашур Сафар ................................... .79-87

**Боби III. Хусусиятҳои поэтикӣ ва сабкии ғазалиёти Ашур Сафар...88-108**

III.1. Хусусиятҳои поэтикии ғазалҳои Ашур Сафар ................. ...... 88-108

III.2. Хусусиятҳои сабкии ғазалҳои Ашур Сафар ..........................109 - 131

**Боби IV. Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ашур Сафар ............. .... 132-145**

**IV**.1. Мавқеи тамсил дар ғазалиёти Ашур Сафар ..........................132- 145

**IV**.2. Нақши талмеҳ дар офаридани мазмунҳо ...............................146-155

**IV**.3. Нақши дигар санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар ...156-162

Хулоса ..........................................................................................163-166

Тавсияҳооид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ...................167-168

Адабиёт ......................................................................................169-184

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ............................ ..185**

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ғазал ба ҳайси жанри маъруфи суннатӣ дар эҷодиёти шоирони муосири тоҷик, ҳам дар даврони шуравӣ ва ҳам замони истиқлол аз мавқеи хосса бархурдор мебошад. Дар шеъри даврони шуравӣ жанри мазкур дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ оғоз гардида, дар эҷодиёти суханварони насли баъдӣ, амсоли: Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир ва дигар шоирони ҳамнасли онон мавриди истифода қарор гирифтааст. Зимнан, бояд қайд кард, ки жанри ғазал дар эҷодиёти суханварони доираи адабии Кӯлоб ҳам, ки дар ибтидои асри XX ҳанӯз дар оғози даврони шуравӣ оғоз ёфта, пас аз инқирози сиёсати шуравӣ дар идомаи фаъолият қарор гирифта буд, аз истифода ва рушду инкишоф бознамондааст.  Дар доираи адабии ду асри охири Кӯлоб жанри ғазал маншаи корбурди худро аз эҷодиёти Сомеъ Одиназода ва Сайидалӣ Вализода гирифта, дар эҷодиёти шоироне, амсоли: Ашур Сафар, Сайидҷон Ҳакимзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Хосият Вализода, Абдулҳай Қаландар ва дигар суханварони доираи мазкур аз истиқболи гарм бархурдор гардид. Аммо, воқеият ин аст, ки миёни шоирони доираи адабии Кӯлоб жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мавқеи намоёнтару устувортарро доро мебошад. Зеро, ҳам аз нигоҳи басомади жанрӣ, яъне теъдоди ғазал дар кулли эҷодиёт, ҳам аз ҷиҳати дарбаргирии мавзуъ ва ғоя ва ҳам аз нигоҳи дарёфтҳои ҳунарию офариниши образҳо, жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мақоми хосса дорад.

Ашур Сафар ҳанӯз аз ибтидои эҷодиёти худ, ки ба солҳои 50-ум-60-уми асри гузашта рост меояд, ба ғазал даст зада, то охирин лаҳзаҳои умри хеш ба эҷодиёти жанри мазкур машғул будааст. Дар тамоми маҷмуаҳои шоир ғазал ба ҳайси жанри асосӣ миёни кулли жанрҳои дигари эҷоднамудаи ӯ ҷилваи махсус дорад. Аммо, бо вуҷуди шуҳрати

зиёди Ашур Сафар ба ҳайси як суханвари ширингуфтори муосири тоҷик, ғазалиёти вай то ҳанӯз ба таври алоҳида мавриди таҳқиқи фарогири илмӣ қарор нагирифтаанд, ки ин ҳолат зарурати таҳқиқи ҷиддиву густардаро дар иртибот бо ғазалиёти шоир пеш меорад.

Роҷеъ ба баъзе паҳлуҳои ашъори Ашур Сафар агарчи аз ҷониби баъзе муҳаққиқони тоҷик мақолаҳои алоҳида таълиф гаштаанд, аммо онҳо ё ба дигар паҳлуҳои эҷодиёти шоир бахшида шудаанд, ё худ хусусияти умумию иттилоотӣ дошта, ба мавзуи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир алоқаманд нестанд. Маҳз ҳамин халои омӯзиш аз мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионии мо далолат намуда, дар муайян кардани хусусиятҳои гуногуни мавзуӣ, сабкӣ, поэтикӣ ва бадеии  жанри ғазали нимаи дувуми асри гузашта ва ибтидои даврони истиқлол дар мисоли эҷодиёти як намояндаи барҷастаи доираи адабии Кӯлоб сабаб мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Бо вуҷуди он ки Ашур Сафар аз миёнаҳои солҳои панҷоҳуми асри XX ба майдони суханварӣ ворид гардидааст, аввалин баҳодиҳӣ ва изҳори назар ба шеъри вай марбут ба сарсуханҳои хурде мебошанд, ки аз ҷониби муҳаррирону мураттибони маҷмуаҳои ашъори вай навишта шуда буданд. Аз ҷумла, соли 1964 Муҳиддин Фарҳат дар сарсухани хурде зери унвони «Муждаи умед», ки ба аввалин маҷмуаи шеърҳои шоир навишта буд, дар ин маврид чунин қайд менамояд: «Шоири ҷавон конкретнависиро пеша кардааст. Дар ин роҳ ба чӣ муваффақиятҳое нойил шудааст, чӣ камбудиҳо дорад, хонандаи ин маҷмуаи нахустини шоир, ки бо унвони «Ибтидои роҳ» ба хонандагон пешкаш мешавад, аён хоҳад кард. Хусусан, забони равони шоир дили хонандаро мерабояд...» [40, саҳ.5]. Соли 1970, вақте ки дуюмин маҷмуаи Ашур Сафар зери унвони «Илҳом» ба чоп мерасад, дар сарсухани хурди беунвоне, ки Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ба ин маҷмуа менависад, чунин қайд менамояд: «Баъди курс-конференсияи адибони ҷавон, соли 1959 Ашур

Сафар роҳи дурусти эҷодии худро дарёфт намуд...»Маҷмуаи нави шоир гулчине аз маҳсули эҷодии солҳои гуногуни ӯст...» [41, саҳ.3].

Соли 1979 тақризи Ғаффоралӣ Сафар зери унвони «Армуғони шоир» дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» роҷеъ ба маҷмуаи тозанашри Ашур Сафар «Дастёри додо», ки ба кӯдакон бахшида шуда буд, ба чоп мерасад [148, саҳ.4]. Тақризи мазкур танҳо ба ашъори кӯдаконаи Ашур Сафар бахшида шуда, дар он дар хусуси ғазалиёти шоир сухан ба миён намеравад.

Маълумоти дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» овардаи муҳаққиқи давраи шуравии тоҷик О. Нуриддинов ҳам ҳарчанд дар иртибот бо ҳаёту фаъолияти Ашур Сафар то ҷое қобили таваҷҷуҳ аст, аслан, ба мавзуи таҳқиқнамудаи мо алоқаманд нест, зеро дар он дар хусуси ғазалиёти шоир маълумоти лозимӣ оварда нашудааст. Дар маълумоти муҳаққиқи мазкур танҳо дар маҷмуаи шоир «Гули маҳтоб» дохил шудани ғазалҳои шоир қайд шудааст, ки он кофӣ нест, зеро он танҳо хусусияти энсиклопедӣ дорад, на таҳқиқӣ [197, саҳ.209].

Бояд зикр кард, ки аввалин назари илмӣ, ки махсус ба ғазалиёти Ашур Сафар бахшида шудааст, тақризе мебошад, ки шоир ва адабиётшинос Рустам Ваҳҳоб зери унвони «Сухани даркорӣ» соли 1985 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба муносибати ба чоп расидани маҷмуаи ашъори Ашур Сафар «Гули маҳтоб» ба чоп расонидааст [96, саҳ. 127]. Бо вуҷуди он ки тақризи мазкур ҳаҷман хурд аст ва танҳо як саҳифаро дар бар мегирад, аммо онро метавон нахустин иқдом ё изҳори назар оид ба ҳунари ғазалсароии Ашур Сафар эътироф кард. Муаллифи тақризи мазкур кӯшиш намудааст, ки ба баъзе хусусиятҳои ғазалҳои шоир, аз ҷумла қаҳрамони лирикӣ ва сабку забон дахл намояд.

Дуюмин назари илмӣ, ки дар он ба ғазалиёти Ашур Сафар таваҷҷуҳи нисбатан бештар зоҳир шудааст, ин мақолаи Аламхон Кӯчаров ба маҷмуаи «Гулбоғ»-и шоир мебошад, ки 11-уми декабри соли

1991 дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» тахти унвони «Самараи умр» ба нашр расидааст [110, саҳ.4]. Мақолаи мазкур ҳаҷман бузургтар буда, дар он ба хусусиятҳои ғоявию мавзуии ашъори шоир, ҳунари тасвиркории вай, ҳамчунин, ба вижагиҳои сабкию забонӣ ва сохторию поэтикии ғазалҳои шоир дахл шудааст, ки дар муайян кардани ҳунари ғазалсароии Ашур Сафар то ҷое кумак расонида метавонад.

Дар даврони истиқлолият, пас аз даргузашти шоир, аҳли илму адаби тоҷик нисбат ба эҷодиёт ва ҳунари суханварии Ашур Сафар таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд. Аз ҷумла, маҷмуаи дастҷамъие, ки бо таҳияи фарзанди шоир – Гурез Сафар зери унвони «Ҳабиби дилҳо» ба муносибати даргузашти шоир ба табъ расид, фарогири мақолаҳо, ёддоштҳо, шеърҳо ва андешаҳои аҳли илму адаби тоҷик, монанди: Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Бобо Ҳоҷӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҳоҷӣ Мурод, Бароталӣ Нозимов, Худой Шарифов, Саидалӣ Маъмур, Абдулҳамид Самад, Урватулло Тоиров, Муҳаммад Ғоиб, Бобоқул Қурбоналиев, Ҳақназар Ғоиб, Нуралӣ Аюбӣ, Мирзо Файзалӣ, Файз Сафаров ва аз донишмандони эронӣ Алиасғари Шеърдӯст роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти шоирии Ашур Сафар мебошад. Он чи дар маҷмуаи мазкур ба мавзуи кори мо то ҷое дахл дорад, навиштаҳои адабиётшиноси тоҷик Худой Шарифов ва донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст мебошад. Худой Шарифов дар хусуси ғояву мавзуъ, забон ва услуби нигориши Ашур Сафар сухан ронда, ҳатто дар маҳдудаи як мақолаи хурд як ғазали шоирро мавриди шарҳ қарор додааст [176, саҳ.8-16]. Алиасғари Шеърдӯст роҷеъ ба таваҷуҳи махсуси Ашур Сафар ба жанрҳои суннатӣ, аз ҷумла ғазал изҳори назар намуда, ҳунари ғазалсаройии шоирро аз нигоҳи вижагии мавзуъ ва мундариҷа, мазмунсозӣ, лаҳну забон ва гироиши сабкӣ баррасӣ карда, ҳатто чанд намунаи ғазалҳои шоирро барои тасдиқи андешаҳои ибрознамудааш мисол меорад [182, саҳ.22-30].

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик аввалин таҳқиқоти ҷиддиву фарогир ва маҳз ба эҷодиёти Ашур Сафар бахшидашуда ва ба кори мо алоқаманд – ин рисолаи диссертатсионии Шафиев Фарҳод Ашурович зери унвони «Ашур Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб дар нимаи дуюми асри ХХ» мебошад [178]. Диссертатсияи мазкур иборат аз се боб буда, дар бобҳои дуюм ва сеюм муаллиф ба мавзуъ ва мундариҷа, хусусиятҳои шаклию жанрӣ, сабк ва баёни ашъори шоир дахл намудааст. Агарчи диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии муосири тоҷик нахустин таҳқиқоти густарда дар мавзуи Ашур Сафар ва эҷодиёти ӯст, аммо руҷуи муаллифи диссертатсия ба эҷодиёти шоир ба таври умумӣ роҳандозӣ шудааст. Зеро ӯ масоили мазкурро на дар маҳдудаи як жанр, балки дар нигоҳ ба кулли ашъор ва жанрҳои шеърии эҷодиёти Ашур Сафар таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин, вақте ки муаллифи диссертатсияи мазкур дар фасли сеюми кораш оид ба жанрҳои эҷодиёти Ашур Сафар таваҷҷуҳ менамояд, ғазалҳои шоир ва хусусиятҳои сохторию шаклии онҳоро танҳо дар маҳдудаи як асари вай – «Борони ҳидоят» баррасӣ менамояд. Вале, ҳарчанд ки мавзуи баҳс дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баррасии ҳаёту фаъолияти Ашур Сафар ва муайян намудани мавқеи шоир дар доираи адабии Кӯлоб мебошад ва дар нигоҳ ба таҳқиқи эҷодиёти шоир хусусияти умумӣ дорад, чун он аввалин таҳқиқоти ҷиддию фарогири диссертатсионӣ дар атрофи шинохти шахсият, шеър ва умуман, ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ашур Сафар мебошад, дорои аҳамияти илмӣ аст.

Фарҳод Шафиев, ҳамчунин, мақолаҳои илмие дар атрофи мавзуи диссертатсия навиштааст, ки ба хусусиятҳои мавзуӣ, сабкиву забонӣ ва бадеии ашъори Ашур Сафар бахшида шудаанд [179, 176-180; 180, саҳ.148-151; 181, 166-170]. Миёни асарҳои мазкур махсусан мақолае, ки таҳти унвони «Ташбеҳот дар ғазалиёти Ашур Сафар» навишта шудааст [180, саҳ.148-151], ба кори мо робитаи бештар дорад, чун он маҳз ба яке аз

хусусиятҳои ғазалиёти Ашур Сафар бахшида шудааст. Муаллифи мақолаи мазкур кӯшиш намудааст, ки вижагиҳои баёниву тасвирии ғазалиёти Ашур Сафарро дар мисоли санъати ташбеҳ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Аммо дар мақолаи мазкур муаллиф танҳо ба ҳунари ташбеҳсозии Ашур Сафар дахл намудаасту бас, яъне мавзуи мавриди баҳси ӯ басо маҳдуд аст.

Соли 2014 дар китоби «Адибони Тоҷикистон» роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ашур Сафар маълумот дохил карда мешавад [188, саҳ.216-217]. Аммо бояд зикр кард, ки асари мазкур хусусияти тазкиравию энсиклопедӣ дошта, дар он оид ба ғазалиёти Ашур Сафар ва хусусиятҳои онҳо маълумоте дода нашудааст.

Дуюмин таҳқиқоти густардаву фарогир, ки он ҳам ба эҷодиёти Ашур Сафар бахшида шуда ва бо кори мо алоқаманд мебошад, ин рисолаи диссертатсионии Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна зери унвони «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашур Сафар» мебошад [169]. Диссертатсияи мазкур иборат аз се бобу 10 фасл буда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар он оид ба унсурҳои забони омиёна ва мавқеи онҳо миёни дигар калимаҳои забон, баъдан, мавқеи калимаҳои омиёна дар ашъори Ашур Сафар, хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории унсурҳои забони омиёна дар ашъори шоир ва нақши унсурҳои халқӣ, амсоли фразеологизмҳо ва зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори шоир таҳқиқоти илмӣ барад. Бо вуҷуди он ки муаллифи диссертатсия дар баррасии хусусиятҳои ашъори Ашур Сафар саъйи қобили таваҷҷуҳ карда, ба муваффақиятҳои назаррас низ ноил гардидааст, аммо бояд қайд кард, ки пажӯҳиши вай дар самти забоншиносӣ сурат пазируфтааст. Дигар ин ки дар диссертатсия ва ҳам дар мақолаҳое, ки Ҷалилова А. дар иртибот бо мавзуи таҳқиқоти худ навиштааст [167; 168], на як жанри адабӣ, балки кулли ашъори Ашур Сафар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар нигоҳ ба изҳори назарҳо ва таҳқиқоти боло метавон бар чунин натиҷа расид, ки омӯзиши ғазалиёти Ашур Сафар, баррасии хусусиятҳои ғоявӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии он ва тавассути ин, муайян кардани мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик яке аз масъалаҳои мубраму актуалӣ ба ҳисоб рафта, ниёз ба таҳқиқи фарогиртаре дар шакли як рисолаи диссертатсиониро дорад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара таълиф шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Муаллифи диссертатсия тасмим гирифтааст, ки дар заминаи маводи илмию бадеӣ ғазалиёти Ашур Сафар ва хусусиятҳои гуногуни сохторию мундариҷавӣ, сабкӣ ва бадеии онҳоро баррасӣ намуда, мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафарро муайян намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Бо мақсади таҳқиқи комил ва ҳалли дурусти мавзуъ масъалаҳои зерин ба ҳайси муҳимтарин вазифаҳои таҳқиқ қарор дода шуданд:

-муайян кардани миқдори ғазалиёт дар маҷмуаҳои Ашур Сафар ва таъйини басомади онҳо дар девони мукаммали шоир;

-таҳқиқи сохтору шакл ва басомади абёт дар ғазалиёти Ашур Сафар;

-таъйини ғазалиёти Ашур Сафар аз нигоҳи ягонагӣ ва парокандагии мавзуъ;

-баррасии мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ашур Сафар;

-омӯзиши хусусиятҳои поэтикии ғазалиёти Ашур Сафар аз нигоҳи вазн ва қофияву радиф;

-таҳлили вижагиҳои сабкии ғазалиёти Ашур Сафар дар нигоҳ бар андешаҳои шахсии шоир нисбат бар шеъри худ, чигунагии корбурди унсурҳои халқӣ, муколама, такрори вожаҳову таркибҳо;

-таъйини асоситарин воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар дар мисоли санъатҳои тамсил, талмеҳ, ташбеҳу истиора.

**Объекти таҳқиқи** диссертатсияро адабиёти муосири тоҷик, махсусан назми нимаи дуюми асри XX ва ибтидои даврони Истиқлол дар мисоли мероси адабии Ашур Сафар ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқ.** Дар диссертатсия муайян сохтани фаъолияти эҷодӣ ва мақоми адабии Ашур Сафар ба ҳайси мавзуи таҳқиқ интихоб гардида, дар иртибот бо ин масоил хусусиятҳои мавзуӣ-ғоявӣ, сохторию шаклӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии ғазалиёти Ашур Сафар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мо андешаҳои назарӣ, пажӯҳишҳои суратгирифта ва таҷрибаҳои таҳқиқии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, амсоли И. С. Брагинский, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, А. Абибов, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А. Ҳакимов, Р. Мусулмониён, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзода, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Кӯчарзода, Р. Ваҳҳобов, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Маҳмуд Ибодиён, Алиасғари Шеърдӯст, Шафеии Кадканӣ, Муаззама Иқболӣ ва дигарон мавриди истифода қарор дода шуда, аз онҳо суд гирифта шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳлили сохтори асари бадеӣ ва консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ маҷмуаҳои бачопрасидаи ашъори Ашур Сафар, аз ҷумла «Борони ҳидоят», «Гулбоғ», «Анфоси баҳор», «Арзи меҳр», «Базми садоқат», «Ибтидои роҳ», «Мунтахабот», «Рӯзи сиёҳ», «Садбарги таманно», «Самари умр», «Девон»-и баъд аз вафот батабърасидаи шоир ва дигар маҷмуаҳои хурду бузурги дастҷамъиву инфиродии ӯ ва,

ҳамчунин, фарҳангномаҳо, манбаъҳою сарчашмаҳои адабӣ ва осори дигари илмии классикон ва муҳаққиқони муосир роҷеъ ба назарияи адабиёт мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Нававарии муаллиф дар он муайян мегардад, ки то таҳқиқоти вай дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон ба баррасии вижагиҳои гуногунпаҳлуи ғазалиёти эҷодиёти Ашур Сафар дар шакли диссертатсияи алоҳида таваҷҷуҳи махсус зоҳир нашуда буд. Бинобар ин, метавон гуфт, мавзуи интихобнамуда ва масоили матраҳнамудаи муаллиф дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор дар шакли диссертатсияи комил ҳалли пурраи худро ёфта, дар иртибот бар ин бори аввал хусусиятҳои сохторию шаклӣ, мавзуию мундариҷавӣ, ғоявӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии ғазалҳои Ашур Сафар ба таври монографӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мақоми хосса дошта, миёни дигар жанрҳои суннатӣ ва, ҳамчунин, шаклҳои нави шеърӣ ҷилваи махсус дорад. Ғазалҳои Ашур Сафар аз нигоҳи теъдоди байтҳо, умуман, аз 3 то 17 байт мебошанд.  Аммо қисмати асосии ғазалиёти шоир 6-11 байтро фаро мегиранд, ки дар маҷмуъ 85%-ро ташкил медиҳанд.

2. Дар ғазалиёти Ашур Сафар мавзуъҳои марказӣ ва ҳукми калидӣ дошта – инҳо мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ, таблиғи сулҳу ваҳдат, тасвири ишқу муҳаббати самимӣ, бузургдошти зан-модар, андешаҳои пандуҳикматӣ ва ҳаҷву мутоибаҳои шоир ба ҳисоб мераванд. Ҳарчанд ки дар ғазалиёти шоир мавзуъҳое амсоли: тасвири табиат ва зебоиҳои он, таърифу ситоиши шахсони гуногуни таърихию фарҳангӣ, дарҷи нукоти таърихӣ ва амсоли инҳо низ гоҳ-гоҳ мушоҳида мешаванд, аммо дар қиёс бо мавзуъҳои боло мақоми басо пасттар доранд.

3. Ғазалиёти Ашур Сафар, умуман, дар панҷ навъи вазни маъруфи шеъри форсӣ: се баҳри аслӣ - ҳазаҷ, раҷаз, рамал ва ду баҳри фаръӣ - музореъ ва мунсареҳ истифода гардидаанд. Аз он ҷумла, 184 ғазал ба баҳри рамал, 147 ғазал ба баҳри ҳазаҷ, 14-то ба баҳри музореъ, 11-то дар баҳри раҷаз ва 4-то дар баҳри мунсареҳ суруда шудаанд. Аз 360 ғазали девони шоир 93 %-и он ба баҳрҳои рамал ва ҳазаҷ тааллуқ доранд, аз инҳо ҳудуди 50% ба баҳри рамал, тақрибан 40-45% ба баҳри ҳазаҷ.

4. Дар ғазалиёти Ашур Сафар хусусияти аз ҳама назаррас дар мавриди корбурди қофия – ин такрори қофия мебошад. Дар ғазалҳои шоир баъзан калимаи қофияшаванда аввалан дар миёни мисраи қаблӣ омада, баъдан, шоир онро ҳамчун қофия истифода мебарад. Дар ҳолати дигар ин такрор баръакс мушоҳида мешавад, қофия дар мисраи баъдӣ, яъне оғози байти нав такрор шуда, мусиқию оҳанги махсуси байтҳо ва, умуман, ғазалро таъмин менамояд.

5. Дар ғазалиёти Ашур Сафар нақши радиф басо назаррас аст. Дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар ҷанбаи назарраси мусиқибахшии радиф бештар эҳсос мешавад. Аммо дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар нақши назарраси корбурди радифҳои нав, амсоли: «мешуда бошад», «моро напурсед», «чӣ гӯянд», «мекунӣ ё не», «шудам ман», «гуфт маро», «гул мекунад» мушоҳида мешавад, ки аз ибтикороти шоир дар ин маврид далолат менамоянд.

6. Аз нигоҳи сабку услуб ғазалиёти Ашур Сафар содаву равонанд. Дар ғазалиёти Ашур Сафар печидагӯйиву мушкилбаёнӣ ба чашм намерасанд ва кулли ғазалҳои ӯ дархӯри фаҳм мебошанд. Яке аз нишонаҳои назарраси сабкию услубӣ ва далолаткунандаи содагию равонии забони ғазалиёти Ашур Сафар – ин корбурди унсурҳои халқӣ ба ҳисоб меравад. Унсурҳои мазкур бештар хосси забони гуфтугӯйӣ мебошанд, ки ин аз майли халқӣ доштани шоир далолат менамояд.

7. Дар ғазалиёти Ашур Сафар, ҳамчунин, чанд хусусияти дигар мушоҳида мешаванд, ки онҳоро метавон нишондиҳандаи сабки фардии

шоир муаррифӣ кард. Аз ҷумлаи ин хусусиятҳо корбурди вижаи муколама, такрори вожаҳо дар матни ғазал, ба кор бурдани феълҳои махсус, ки марбут бар услуби классикон мебошанд, ба ҳисоб мераванд.

8. Миёни кулли орояҳо ё воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар мақоми назаррасро санъатҳои тамсил ва талмеҳ ишғол намуда, сутунҳои устуворро дар тасвирҳои шоиронаи вай ташкил медиҳад. Дар ғазалҳои шоир, ҳамчунин, санъатҳои ташбеҳ ва истиора ҷилваи хос дошта, дар ҷанбаи тасвирӣ гирифтани образҳову мазмунҳои шоирона мавқеъ доранд.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Аҳамияти назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонанд дар таҳқиқи адабиёти ҳамин давра, бахусус, пажӯҳиши жанри ғазал дар нимаи дуюми асри гузашта ва ибтидои истиқлол мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия ва андешаҳои назарии муаллифи он дар такмили масоили назариявии адабиётшиносӣ, ҳамчунин, вижагиҳои сохторию мундариҷавии жанри адабӣ, таҳлили сабкшиносии матнҳои адабӣ ва амсоли инҳо метавонанд мусоидат кунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳову хулосаҳо ва маводи илмии диссертатсия дар таҳқиқи амалии адабиёти интиҳои давраи шуравӣ ва ибтидои даврони истиқлоли тоҷик, омӯзиши жанри ғазали муосир қобили истифодаанд. Маводу масоил ва натиҷагириҳои алоҳидаи диссертатсияро, ҳамчунин, дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳову васоит, мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ аз курси адабиёти муосир, таҳияи курси лексияҳо оид ба таърихи адабиёт, курс-семинарҳо роҷеъ ба жанрҳои адабӣ ва амсоли инҳо метавон истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо

шинosномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Таҳқиқу баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф ба ҳисоб меравaнд. Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъоварӣ ва таҳлилу таҳқиқи маводи фаровони илмӣ оид ба фаъолияти эҷодии Ашур Сафар ва дар асоси онҳо бо далелу мисолҳои муътамад муайян кардани мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти гуногунжанри Ашур Сафар инъикос меёбад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Дастовардҳо ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар семинару курсҳои махсус ва дарсҳои лексиониву амалии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» мавриди истифода қарор гирифтаанд. Роҷеъ ба мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии диссертатсия муаллиф дар конфронсҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ маърузаҳо хондааст. Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара таҳти №7, аз 25-уми феврал муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Нуктаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия: «Суханшиносӣ» ва «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, сездаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Бобҳои рисола ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шудаанд.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 185 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

# Боби I

## Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти Ашур Сафар

### I.1. Нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ

Ашур Сафар яке аз шоирони пурмаҳсул ва номдори адабиёти муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Ӯ баъд аз Сайдалӣ Велизода маъруфтарин ва маҳбубтарин суханвари ҳавзаи адабии Хатлонзамин, хосса шаҳри Кӯлоб, ба ҳисоб меравад. Шеъри даврони муосири ҳавзаи адабии Хатлонро бе дарназардошти эҷодиёти гаронбор ва гуногунпаҳлуи Ашур Сафар тасаввур кардан мумкин нест. Дар ҳақиқат, парчами шеъри муосири тоҷик дар ҳавзаи адабии мазкур дар ин даврон маҳз тавассути Ашур Сафар барафрошта шуда, аксари шоирони маъруфи ин ҳавза, амсоли: Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Саидҷон Ҳакимзода, Муҳаммад Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ ва монанди инҳо тарбиятёфтагони мактаби адабии Ашур Сафар маҳсуб мешаванд ва ба қавли шоири маъруфи доираи адабии Кӯлоб Сафар Аюбзодаи Маҳзун, вай «сорбони корвони адабии Хатлон буд» [126, саҳ.6]. Зеро маҳз бо саъю кӯшишҳои Ашур Сафар адибони доираи адабии Кӯлоб сарҷамъ гардида, дар рушди шеъру адаби минтақа саҳм гузоштанд. Дар ҳамин маврид адабиётшинос Бароталӣ Нозимов дуруст қайд менамояд, ки «муваффақиятҳои доираи адабии муосири Кӯлоб бо номи ӯ (Ашур Сафар – Ш.М.) алоқаманд мебошанд» [122, 62].

Ашур Сафарро метавон яке аз пешқадамтарин ва ҳунармандтарин суханварони ғазалсарои на танҳо доираи адабии Кӯлобу Хатлон, умуман, нимаи дуюми асри гузаштаи тоҷик эътироф намуд. Аҳли илму адаб роҷеъ бар пояи суханварии Ашур Сафар, ба хосса оид ба ғазалиёти шоир, ки дар эҷодиёти вай мақоми арзандаро соҳиб мебошанд, изҳори назар намуда, бо ин тариқ мақоми шоирии Ашур Сафарро то ҷое баррасӣ намудаанд. Аз ҷумла, устоди шаҳир Лоиқ Шералӣ соли 1997 дар маросими дафни Ашур Сафар оид ба истеъдоди шоирии вай сухан ронда,

ҳамчунин, зикр менамояд, ки «Ашур Сафар таронасарои мо буд, то чор сол қабл аз ин тамоми умр таронасарои халқи тоҷик буд» [114, саҳ.3]. Зери мафҳуми «таронасаро», бояд зикр кард, ки устод Лоиқ, пеш аз ҳама, ишорат бар ғазалсароии Ашур Сафар менамояд; зеро баъд аз ин суханаш устод ин байти маъруфи шоирро, ки матлаи яке аз ғазалҳояш мебошад, зикр менамояд:

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад,
Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад.

Устод Худой Шариф ҳам зимни баррасии ҳунари суханварии Ашур Сафар бар мақоми жанри ғазал дар эҷодиёти шоир ишорат намуда, қайд менамояд, ки агарчи қолаби асосии шеъри Ашур Сафар жанрҳои суннатӣ, махсусан жанри ғазал ба ҳисоб мераванд, аммо ибтикороти шоир дар мавриди луғоту таркибот ҳамагӣ бардошту пайравӣ аз ғазали суннатӣ нест ва ба ақидаи ӯ, «луғат, ибора ва таркиботаш хеле кам суннатии классикиянд» ва «онҳо аксаран бофта ва ёфтаи андешаи худаш ҳастанд» [173, саҳ.15].

Нависандаи маъруф Абдулҳамид Самад дар ишорат бар пояи суханварии Ашур Сафар чакидаҳои хомаи ӯро салису равон зикр намуда, нақши ӯро дар шеъри муосири тоҷик барҷаста арзёбӣ менамояд [140, саҳ.17].

Аз муҳаққиқони хориҷӣ Алиасғари Шеърдӯст роҷеъ ба шоирӣ, хусусан ҳунари ғазалсароии Ашур Сафар мулоҳизаронӣ карда, мақоми ғазал дар эҷодиёти шоирро ба таври шоиста баррасӣ намудааст: «Зиндаёд Ашур Сафар аз намояндагони пешкисвати шеъри муосири тоҷик буд, ҳам аз ин рӯй бо маворису сунани адаби порсӣ унсу улфате тамом дошт. Ин муонисат дар вуҷуду абъоди гунагуни афзоиши шеъри ӯ пажвок ёфтааст. Ашур Сафар дар қолабҳои мухталиф, аз ҷумла қасида, ғазал, мусаммат дар миёни шоирони тоҷик рӯйкарде ғолиб ва шоеъ аст... Устод Ашур Сафар дар густураи ғазал шоире соҳибном аст. Рӯйкарди

вай ба ғазал бо мустаснӣ сохтани устод Лоиқ ва хонум Гулрухсор дар шеъри муосири тоҷик камназир аст» [182, саҳ.23-26].

Ин андешаҳо ва изҳори назарҳои муҳаққиқону адибон ба ғазалҳои Ашур Сафар нишон медиҳанд, ки дар эҷодиёти шоир миёни кулли жанрҳои суннатӣ ва ашъори ба тарзи нав суруда ҷилва ва мақоми жанри ғазал бештар мебошад. Майлу рағбат ва муҳаббати Ашур Сафар ба ғазалсароӣ то ба дараҷае зиёд будааст, ки ҳатто охирин навиштаи вай марбут бар ин жанр будааст. Чунончи байти зеринро фарзанди шоир Гурез Сафар, ки мураттиби девони падараш аст, дар радифи дигар ғазалҳо зери унвони «Охирин байт» овардааст:

Кори дил вазнин шавад, бинам ба дасте чун камон,
Пои ман аз кор мемонад ба як дам то миён [67, саҳ.561].

Эҳтимол меравад, ки байти мазкур матлаи ғазали нотамоми шоир будааст ва гумон ин аст, ки ин байт, дар ҳақиқат, аз охирин эҷодкориҳои Ашур Сафар ба ҳисоб меравад. Зеро, чунонки аз мисраи аввали байт бармеояд, шиддати дарди дил шоирро азият медодааст. Ин нишон медиҳад, ки Ашур Сафар дар тамоми марҳалаҳои шоирию эҷодкории хеш ба жанри ғазал рӯй оварда, тамоми ҳаёт ва сарнавишти хешро бештар аз ҳама бар ин жанри суннатӣ бахшида будааст. Муҳаққиқи дақиқкор ва устоди хушбаён устод Аламхон Кӯчаров, ки ҷуз аз таҳқиқоти арзишманд дар эҷоди ашъор, ба хосса жанри суннатии рубоӣ низ килки тез доранд, бахшида ба вафоти Ашур Сафар рубоие сурудаанд, ки дар он ишораи хубе бар ғазалсароии шоир намудаанд:

Як умр ғазал навишт бобои Ашур,
Кохе ба сухан сиришт бобои Ашур.
Пок аз гунаҳу сидқу сафо – тӯшаи раҳ,
Во кард дари биҳишт бобои Ашур [123, саҳ.102].

Бад-ин тариқ, фаъолияти ғазалсароии Ашур Сафар то охирин лаҳзаҳои ҳаёти шоир идома ёфта, дар эҷодиёти вай аз мақоми бас арҷманде бархӯрдор аст.

Эҷоди аввалин шеърҳои Ашур Сафар ба ибтидои солҳои панҷоҳуми асри гузашта рост меояд. Фаъолияти адабии Ашур Сафар, аслан, бо ду роҳ: тавассути васоити ахбори омма, яъне рӯзномаву маҷаллаҳо ва нашри маҷмуаҳову китобҳо ҷараён гирифтааст. Нашри ашъори Ашур Сафар дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба ду марҳалаи эҷодиёти шоир тааллуқ доранд: даврони шуравӣ ва замони истиқлолият. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ашур Сафар яке аз шоирони басо сермаҳсули адабиёти муосир – ҳам даврони шуравӣ ва ҳам замони истиқлоли тоҷик маҳсуб шуда, дар даврони ҳаёту фаъолияти эҷодияш коргоҳи адабию эҷодии ӯ мудом дар фаъолияти ҷиддӣ қарор доштааст.

А. Абдуманнонов анъанаи ғазалсароӣ дар назми муосири тоҷикро дар солҳои 60-70-уми асри гузашта махсусан қайд карда, дар баробари дигар шоирон пайваста ба эҷоди ғазал даст задани Ашур Сафарро низ махсусан қайд менамояд [78, саҳ.127]. Аввалин муаррифии намунаҳои ғазалиёти Ашур Сафар ба хонандагон ва дӯстдорони адаб қабл аз маҷмуаҳои шеърии худи шоир ва маҷмуаҳои дастҷамъӣ солҳои 50-уми асри гузашта аз тариқи рӯзномаҳову маҷаллаҳо сурат пазируфтааст. Чунонки аз рӯзномаҳову маҷаллаҳои солҳои панҷоҳум дида мешавад, дар баробари ашъори ба истилоҳ нав ё ғайрисуннатӣ ва ашъори суннатии амсоли рубоиёт, ғазалиёти шоир низ ба чашм мерасанд. тааллуқ доштанд. Қайди ин нукта ҳам зарур аст, ки фаъолияти шоирии Ашур Сафар бо ашъори дар шакли нав сурудашуда оғоз мегардад. Аввалин шеърҳои шоир зери унвони «Сулҳ», «Илми Ленин мехонем» ва «Армияи советӣ» эҷод гардидаанд [124, саҳ.475; 66, саҳ.44], ки ба жанри ғазал тааллуқ надорад. Аз ҷумлаи инҳо метавон шеърҳоеро, ки дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Кӯлоб» зери унвонҳои «Ба падар» (№21/1, 1954), «Ваъдаи солинавии Шодигул» (№1/1, 1955), «Тухфа бар иди кабир» (№7/11, 1955), «Озода» (№8/13, 1955), «Овоз медиҳам» (№27/2,

1955) ба чоп расидаанд, ном бурд, ки ҳамагӣ дар анвои ғайри ғазал эҷод шудаанд.

Аввалин ғазали Ашур Сафар 19-уми ноябри соли 1957 дар рӯзномаи «Газетаи муаллимон» зери унвони «Ғазал» ба чоп мерасад, ки он баъдтар, соли 1964 дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» бознашр мешавад. Ғазали мазкур аз чаҳор байт иборат буда, матлааш чунин аст:

Нестам бе ёди ту як дам, гули бодоми ман,
Дар хаёлат банд бошад аввалу анҷоми ман [21, 4].

Агар соли таваллуди шоирро, ки 1928 аст, дар назар бигирем, маълум мешавад, ки ин ғазали худро дар 29-солагияш эҷод кардааст.

Ғазали дуюми шоир дар матбуоти даврӣ дар маҷаллаи «Маориф ва маданият» зери унвони «Як ғазал» (ва як шеъри озоди дигар таҳти унвони «Сурудам кош меомад писандат») соли 1965 ба табъ расидааст [69, саҳ. 3]. Муҳимияти ғазали мазкур дар он аст, ки Ашур Сафар дар он аввалин бор номи худро ҳамчун тахаллуси шоирияш ба кор бурдааст, ҳол он ки баъд аз ин танҳо дар як ғазали дигари вай ин тахаллус истифода гардидаасту бас. Ғазал чунин аст:

Туро «ҷон» гуфтани ман бесабаб нест,
Маро бе рӯи ту баски тараб нест.
Даме бо ту мусоҳиб мешавам ман,
Ба чашмам дар ҷаҳон гӯё ки шаб нест.
Ба рӯят пеш медидам ғазаб ман,
Кунун дар он нишоне аз ғазаб нест.
Ба сӯи ҷои корат ҳар пагоҳӣ
Чаро оям? Ту медонӣ, аҷаб нест.
Маро мардум бигӯяд ошиқи ту,
Бароям хубтар ҷуз ин лақаб нест.
Биё наздам, макун шарме, азизам,
Ашур аз ошиқони беадаб нест [69, саҳ. 3].

Солҳои ҳафтодум ғазалҳои Ашур Сафар бештар дар рӯзномаи собиқ вилояти Кӯлоб - «Роҳи ленинӣ» ба нашр мерасанд. Чунончи дар шумораҳои №4, 14 апрел; №6, 26 июн; №9, 15 сентябр зери унвонҳои «Ғазалҳо», «Аз дафтари лирика» ва «Ду ғазал» саҳифаҳои рӯзномаи мазкурро зеб медиҳанд.

Нақши нашрияҳои даврӣ дар нашру пахши ғазалҳои Ашур Сафар махсусан дар  солҳои 80-уми асри бист қобили таваҷҷуҳ аст. Дар давраи мазкур, ки онро метавон даҳсолаи охирини фаъолияти адабии даврони шуравии Ашур Сафар унвон дод, ашъори шоир ва махсусан ғазалҳои ӯ дар нашрияҳои даврӣ, илмӣ-оммавӣ ва адабие, амсоли: «Маориф ва маданият», «Садои Шарқ», «Илм ва ҳаёт», «Маданияти Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», «Газетаи муаллимон», «Тоҷикистони Советӣ», «Комсомоли Тоҷикистон», «Роҳи ленинӣ» ба чоп расидаанд. Дар даҳсолаи мазкур дар рӯзномаҳову маҷаллаҳо бештар ғазалҳои Ашур Сафар ба нашр мерасанд. Ҳарчанд ки дар ин давра ашъори дар шакли ғайрисуннатӣ сурудаи шоир ҳам   гоҳ-гоҳ дар нашрияҳо, бахусус дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп мерасиданд, аммо аксари шеърҳои Ашур Сафар бештар дар шакли ғазал саҳифаҳои нашрияҳои давриро зинат мебахшанд. Солҳои ҳаштодум нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ бештар ба назар мерасад. Ғазалҳои шоир, махсусан, дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ», нашрияҳои ҷумҳуриявии «Газетаи муаллимон», «Комсомоли Тоҷикистон» ва маҷаллаҳои «Маориф ва маданият», «Маданияти Тоҷикистон» мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла, ғазалҳои шоир соли 1980 дар ду шумораи маҷаллаи «Маориф ва маданият» зери унвонҳои умумии «Ғазалҳо» ва «Ду ғазал»  [29, саҳ.3; 35, саҳ.3], дар «Садои Шарқ» бо номи «Чаҳор ғазал» [62, саҳ.39-40]; соли 1981 дар ду шумораи рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» бо номҳои «Ғазали баҳор» ва «Ду ғазал» [22, саҳ. 4; 37, саҳ. 4], дар «Комсомоли Тоҷикистон» тахти унвони «Ду ғазал» [33, саҳ. 3], дар «Тоҷикистони Советӣ» чаҳор ғазал бо

номи «Ғазалҳои нав» [31, саҳ.3], дар «Маданияти Тоҷикистон» зери унвони «Ду ғазал» [34, саҳ.3]; соли 1982 дар «Комсомоли Тоҷикистон» се ғазал бо номи «Ғазалҳо» [28, саҳ.3], дар «Роҳи ленинӣ» ду ғазал зери унвони «Аз дафтари ғазалҳо» [11, саҳ.4]; соли 1983 дар «Роҳи ленинӣ» 5 ғазал таҳти унвони «Ғазалиёт» [24, саҳ.4]; соли 1986 дар «Адабиёт ва санъат» зери унвони «Чаҳор ғазал» [60, саҳ.7]; соли 1989 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» таҳти унвони «Ҳафт ғазал» [59, саҳ.57-59], дар «Адабиёт ва санъат» зери унвони «Ғазали ишқи арзон» [26, саҳ.16], дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» бо унвони «Ду ғазал» [38, саҳ.4] ба табъ расиданд.

Агарчи дар солҳои 90-ум нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ нисбат ба солҳои 80-ум камтар ба назар мерасанд, аммо дар қиёс бо солҳои 60-уму 70-ум бештар мебошад. Чунончи, соли 1990 дар маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» ду ғазали шоир таҳти унвони «Ғазалҳо» [27, саҳ.38]; соли 1992 дар «Ҷумҳурият» зери унвони «Се ғазал» [52, саҳ.4]; соли 1993 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» таҳти унвони умумии «Мардуми озодаро шаҳди сухан бахшад даво» 6 ғазал [43, саҳ.3-8], дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти номи «Чор ғазал» [63, саҳ.3], дар «Паёми Душанбе» бо номи «Чаҳор ғазал» [61, саҳ.4]; соли 1994 дар ҳафтаномаи калонҳаҷми «Тоҷикистон» зери унвони «Бовар надорам зиндагӣ дилгир монад ин қадар» якбора 13 ғазал [15, саҳ.4-5]; соли 1997 дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти номи «Ғазалиёт» [25, саҳ.4] чанд ғазали шоир ба нашр мерасад. Зимнан, қайд кардан бамаврид аст, ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» охирин нашрияи даврист, ки қабл аз вафоти Ашур Сафар ғазалҳои вай дар он ба нашр расидаанд.Чунонки дида мешавад, дар даҳсолаи охири садаи бистум, аслан дар ҳафт соли даврони мазкур (чун шоир соли 1997 вафот намудааст), ғазалҳои шоир аз тариқи матбуоти даврӣ бештар муаррифӣ гашта, нисбат ба солҳои 60-уму 70-ум дар рӯзномаву маҷаллаҳо бисёртар нашр гардидаанд. Агар ба оморнигошти боло диққат диҳем, дар 7 соли пеш аз вафоти шоир теъдоди ғазалҳои чопшудаи вай дар ҳар шумора

нисбат ба даҳсолаҳои қаблӣ бештар аст ва ҳатто, чунонки аз ҳафтаномаи «Тоҷикистон» дида мешавад, то ба 13 адад мерасад. Ин, бе шубҳа, аз таваҷҷуҳи махсуси шоир ба ғазал ва мавқеи вижаи жанри мазкур дар эҷодиёти ӯ гувоҳӣ медиҳад. Чунонки дида мешавад, ғазалҳои Ашур Сафар дар тамоми фаъолияти шоирии вай дар аксари нашрияҳои даврии ҷумҳурӣ ба нашр расида, хотири завқмандони шеъру адабро болида гардонидаанд.

## I.2. Мавқеи жанри ғазал дар маҷмуаҳои ашъори шоир

Дар эҷодиёти шоирони муосир аз жанрҳои суннатӣ жанрҳои рубоӣ ва ғазал нисбат ба дигар жанрҳои суннатӣ мавқеи назаррастарро касб кардаанд. Инро муҳаққиқон ҳам зикр намудаанд. Аз ҷумла, Солеҳ Қосимзода дар ин маврид дуруст қайд кардааст, ки «ғазал ин ғизоли ягона ва ромшудаи адабиётамон ҳанӯз аз дӯстдоштатарин қолаби шеърӣ барои шоирон боқӣ мондааст» [112, саҳ.173]. Чун мавзуи таҳқиқи мо ба жанри ғазал иртибот дорад, андешаҳои муҳаққиқонро роҷеъ ба таваҷҷуҳи шоирони муосир ба жанри мазкур мавриди қайд қарор медиҳем. Аз ҷумла, адабиётшинос Юсуф Акбарзода дар ин маврид зикр менамояд, ки дар адабиёти даврони шуравӣ шоирон аз солҳои шастум ба жанри ғазал майли бештар пайдо намуданд. Мазкур дар баробари Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ, Гулназар Келдӣ, Бобо Ҳоҷӣ, аз Ашур Сафар низ ном бурда, қайд менамояд, ки дар эҷодиёти онҳо жанри суннатии ғазал мавқеи хосса дорад [82, саҳ.211]. Беҳрӯзи Забеҳулло ҳам зимни таҳқиқи шеъри давраи муосири тоҷик қайд намудааст, ки ҷилваҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷик дар ашъори дар қолабҳои суннатӣ суруда бештар ба назар мерасад [104, саҳ.122]. Чун як қисмати бузурги ғазалиёти Ашур Сафар ба солҳои 70-80-ум тааллуқ дорад, сухани муҳаққиқи мазкур ба эҷодиёти ӯ ҳам алоқамандӣ дорад, зеро ҷилваҳои ҳунарии шоир маҳз дар жанри суннатии ғазал бештар ба мушоҳида мерасад. Аскар Ҳаким ҳам қайд менамояд, ки дар даҳаи охири асри бистум шоирони тоҷик, аз

ҷумла Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Ашур Сафар ва дигарон ба анвои суннатии шеър таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуданд [160, саҳ.99].

Аз муҳаққиқони хориҷ, аз ҷумла Алиасғари Шеърдӯст, дар жанри ғазал соҳибном будани Ашур Сафарро ишорат намуда, қайд мекунад, ки дар сурудани ғазал бо мустаснӣ сохтани Лоиқ Шералӣ ва Гулрухсор «дар шеъри муосири тоҷик камназир аст» [182, саҳ.26]. Ашур Сафар дар ҳама марҳалаҳои эҷодиёти худ ба жанри ғазал таваҷҷуҳи хосса доштааст. Инро дар нигоҳ ба нашри маҷмуаҳои шоир, ки нишондиҳандаи рушди мароҳалавии эҷодиёти вай ба ҳисоб меравад, метавон ба таври возеҳ мушаххас намуд. Аввалин маҷмуаи ашъори Ашур Сафар, ки дар он ғазалҳои шоир ҷой дода шудаанд, ин «Ибтидои роҳ» аст, ки соли 1964 ба табъ расида, ҳаҷман хурд аст. Дар маҷмуаи мазкур 5 ғазали шоир ҷой дода шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки китоби мазкур ҳамзамон бо нашри аввалин ғазалҳои шоир дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» аст, ки он ҳам соли 1964 аст. Аз ғазалҳои китоби мазкур 2-то аз се байт, 2-тои дигар аз 6 байт ва 1-то аз 7 байт иборат аст. Як хусусияти ғазалҳои китоби мазкур иборат аз он аст, ки дар охири ҳамаи онҳо соли эҷоди ғазалҳо нишон дода шудааст. Аз нишондоди мазкур маълум мешавад, ки соли эҷоди ғазалҳои шоир на 1964 (ки соли нашри аввалин маҷмуаи ашъори шоир ва соли нашри аввалин ғазалҳои ӯ дар матбуоти даврӣ аст), балки пештар аз он будааст. Масалан, тибқи нишондоди шоир, ғазалҳои зери унвони «Ишқ» ва «Гули садбарг» дар соли 1956; ғазали зери унвони «Агар фатҳи наве ёбӣ» соли 1958, ғазали таҳти номи «Номаи ёр» соли 1959, ғазали таҳти унвони «Ба кайҳоннавардон» соли 1962 эҷод гардидааст. Чунонки дида мешавад, қадимтарин ғазалҳои шоир марбут ба соли 1956 мебошад, ки соли эҷоди ҳар ду ба 28-солагии вай рост меояд. Ғазалҳои мазкур нисбат ба ҳамаи ғазалҳои шоир аз нигоҳи замон

бартарӣ доранд. Ғазали якум «Гули садбарг» унвон дошта, аз се байт иборат аст ва мавзуи он васфи зебоии гули садбарг аст:

Аҷаб хушрангу хушрӯӣ ту, садбарг,
Гули озоду хушбӯӣ ту, садбарг.
Миёни гулшану гулҳои ранга
Назокатбахшу некуӣ ту, садбарг.
Ба дасти гулрухону навҷавонон
Ба рӯзи иду дар тӯӣ ту, садбарг [40, саҳ.44].

Ғазали дигар аз 6 байт иборат буда, мавзуи он ишқӣ аст:

Нигоре рӯзе аз наздам гузар кард,
Каме истода бар ман як назар кард [40, саҳ.56].

Се ғазали боқимондаи шоирро низ дар нигоҳ ба замони эҷоди онҳо метавон аз шумори аввалин ғазалҳои ӯ ҳисоб кард.

То соли 1970, замони ба табъ расидани дуюмин китоби шеърҳои Ашур Сафар ғазалҳои ҷудогонаи вай дар маҷмуаҳои дастҷамъӣ ва матбуоти даврӣ, ки дар фасли пешин зикр шуд, чоп мешаванд. Аз ҷумла, соли 1965 дар маҷмуаи дастҷамъии «Фаввора» ғазали дигари шоир бо ин матлаъ ба чоп мерасад:

Ман тоҷикаму чу гул ҷавонам,
Сарве ба миёни бӯстонам [74, саҳ.271].

Соли 1970 дар маҷмуаи хурдҳаҷми «Илҳом» се ғазали шоир бо матлаъҳои зерин ба табъ мерасанд:

1. Туро «ҷон» гуфтани ман бесабаб нест,
   Маро бе рӯи ту баски тараб нест [41, саҳ.37].
2. Саҳна зи ҷавлони ту зинати дигар гирифт,
   Ҷои қадамҳои ту муҳраю гавҳар гирифт [41, саҳ.38].
3. Ба баҳри зиндагонӣ беқарорам,
   Мисоли мавҷи тӯфон ҷӯш дорам [41, саҳ.45].

Соли 1973 дар маҷмуаи дигари хурдҳаҷми шоир – «Хандаи гулҳо» шаш ғазали вай зери унвонҳои «Лутф» [55, саҳ.7-8], «Хаёли ту» [55, саҳ.8-9], «Инъоми мо» [55, саҳ.18], «Тӯша» [55, саҳ.19], «Тасаллои дил» [55, саҳ.19-20] ва «Гуфтам: Ба чашм» [55, саҳ.55-56] ба чоп мерасанд.

Соли 1976 дар маҷмуаи нисбатан калонҳаҷми шоир – «Фарзанди аср» 8 ғазали ӯ бо номҳои «Фирӯза» [54, саҳ.5], «Ҷавонӣ» [54, саҳ.25], «Вориси оянда» [54, саҳ.30], «Банди гуфторам ҳанӯз» [54, саҳ.44], «Номус» [54, саҳ.45], «Дар вафои ту» [54, саҳ.47] 64, «Пора» [54, саҳ.53], «Кавказ» [54, саҳ.63], «Шабе дар лаби баҳр» [54, саҳ.68] ба табъ мерасанд.

Теъдоди нисбатан бештари ғазал дар аввалин маҷмуаи калонҳаҷми шоир - «Самари умр» ҷой дода мешавад [51]. Дар ин маҷмуа ҳам ғазалҳои қаблан дар дигар китобҳо батабърасида ва ҳам ғазалҳои нави шоир ба чоп мерасанд, ки ҷамъан иборат аз 17 адад мебошанд. Ғазалҳои маҷмуа ҳама алоҳида унвонгузорӣ шудаанд: «Ҷон садқаи ту, эй партия - роҳбар» [51, саҳ.16], «Ба кайҳоннавардон» [51, саҳ.46], «Даҳр мегӯяд, ки боло дасти мову номи мост» [51, саҳ.58], «Номус» [51, саҳ.62], «Дар вафои ту» [51, саҳ.97], «Агар фатҳи наве ёбӣ» [51, саҳ.100], «Гули садбарг» [51, саҳ.102], «Номаи ёр» [51, саҳ.103], «Тӯша» [51, саҳ.108], «Вориси оянда» [51, саҳ.127], «Хаёли ёр» [51, саҳ.138], «Лутф» [51, саҳ.139], «Расми шоир» [51, саҳ.160], «Гиря» [51, саҳ.167], «Забондароз» [51, саҳ.235], «Панҷдақиқаҳа» [51, саҳ.238].

Бояд қайд кард, ки аввалин маҷмуаи ашъори шоир, ки дар он ғазалҳои Ашур Сафар дар қисмати алоҳида ба нашр мерасанд, ин «Гули маҳтоб» мебошад [19]. Агар дар маҷмуаҳои қаблӣ ғазалҳои шоир дар қисматҳо ё фаслҳои гуногун ба таври омехта ҷой дода шуда бошанд, дар «Гули маҳтоб» дар қисмати алоҳида зери унвони «Ғазалиёт» ҷой дода мешаванд. Ин қисмат 148 ғазали шоирро дар бар мегирад, ки аввалини онҳо ғазали зерин аст:

Байрақафрозони роҳи сулҳи дунёем мо,

Аз баландии хирад ин роҳ паймоем мо.
Пои шабдези ҷаҳонпаймо нагардад суда ҳеҷ,
Дар ғами бечораҳои бесару поем мо.
Ғам махӯр, эй модари фарзандҳои хурдакак,
Бас кафили қисмати имрӯзу фардоем мо.
Оташе гар сар занад бар қасди мо дар гӯшае,
Бар сараш туғёни садҳо баҳру дарёем мо.
«Он ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад»,
Дар паноҳи сулҳ фотеҳу тавоноем мо.
Ҳастии мо қалъае бошад, ки он нашкастанист,
Хокиему чун Замин подору барҷоем мо [19, саҳ.4].

Бо чопи маҷмуаи мазкур агар, аз як тараф, мавқеи жанри ғазал миёни дигар анвои шеърии ин китоб то ҷое муайян мегардад, аз ҷониби дигар, мақоми жанри мазкур дар кулли эҷодиёти то ин замони шоир низ равшан мегардад.

Бо вуҷуди он ки соли 1984 маҷмуаи нисбатан хурди ашъори Ашур Сафар бо номи «Базми садоқат» дар ҳаҷми 79 саҳифа мебарояд [12], аммо дар ин маҷмуа низ қисмати назарраси ашъори шоирро ғазалҳои вай ташкил менамоянд. Дар маҷмуаи мазкур 24 ғазали шоир ҷой дода мешаванд, ки қариб нисфи ҳаҷми онро фаро мегиранд. Аммо дар маҷмуаи нави шоир зери унвони «Гапи подор», ки соли нашри он 1987 мебошад [17], дар қиёс бо ҳаҷм, навъ ва теъдоди ашъори он ғазалҳои шоир камтар ҷой дода мешаванд; онҳо ҳамагӣ 14 ададро дар бар гирифта, дар китоб ба таври омехта ҷойгир карда шудаанд.

Дар соли мазкур, ҳангоме ки аввалин бор мунтахаби ашъори Ашур Сафар бо забони русӣ таҳти номи «Плоды жизни» дар шаҳри Москва ба табъ мерасад [64], дар маҷмуаи мазкур дар фасли алоҳида зери унвони «Газели» 55 ғазали шоир (аз саҳ. 48 то 88) низ ҷойгир карда мешаванд. Ин агар, аз як тараф, далолат аз шуҳрати ғазалсароии Ашур Сафар

берун аз марзи Тоҷикистон бикунад, аз тарафи дигар, нишондиҳандаи мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти ӯ мебошад.

Чаҳор сол баъд, соли 1988 маҷмуаи дигари Ашур Сафар таҳти унвони «Холи фатир» ба чоп мерасад [56], ки дар он, баръакс, теъдоди бештари ғазалҳои шоир ҷойгир карда мешавад. Бо вуҷуди он ки дар ин маҷмуа ҳам ғазалҳои шоир ба таври омехта ҷойгир мешаванд, теъдоди онҳо 38 ададро ташкил медиҳанд, ки ин аз мавқеи назарраси жанри ғазал дар китоби мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Зиёдтарин теъдоди ғазал дар маҷмуаҳои Ашур Сафар то нашри «Девон»-и бузурги ӯ, ин дар калонҳаҷмтарин маҷмуаи даврони ҳаёти шоир – «Гулбоғ» ҷамъоварӣ шудаанд [18]. Маҷмуаи мазкур 544 саҳифаро дар бар гирифта, чунонки дар фасли қаблӣ зикр кардем, аз 7 қисмати алоҳида иборат мебошад ва дар он ҷамъан 206 ғазали шоир ҷой дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки миёни ҳамаи қисматҳои китоби мазкур ғазалҳои шоир бештар дар қисмати «Пуштаи сабз» гирдоварӣ шудаанд, ки теъдоди онҳо 190 адад [18, саҳ.208-396], яъне беш аз 90 фоизи ғазалҳои китобро ташкил медиҳанд. Агар дар қисмати «Неши хор» 2 ғазал, дар қисматҳои «Савдо» ва «Раҳовард» 3-ғазалӣ, дар «Нолаи дил» ва «Равона бо замона» 4-ғазалӣ ба назар расанд, дар қисмати «Кулчаи орзу» ягон ғазали шоир ба чашм намерасад.

Маҷмуаи мазкур ягона асар дар замони зиндагонии шоир аст, ки теъдоди бузурги ғазалиёташ дар он гирдоварӣ шудаанд. Ҳарчанд ки қабл аз вафот ду маҷмуаи ашъори шоир зери унвони «Рӯзи сиёҳ» [49] ва «Хӯшаи нур» [58] низ ба табъ расиданд, аммо теъдоди ғазалҳои онҳо дар қиёс бо маҷмуаи «Гулбоғ» хело камтар мебошанд. Дар маҷмуаи «Рӯзи сиёҳ» ҳамагӣ 22 ғазал ва дар «Хӯшаи нур» 87 ғазали шоир ба чоп расиданд. Аммо маҷмуаи «Рӯзи сиёҳ» бо вуҷуди хурдҳаҷмии худ (ки фарогири 53 саҳифа мебошад) анқариб 45-50 фоизи ашъораш жанри ғазалро дар бар мегирад, ки боз ҳам далолаткунандаи мавқеи назарраси

жанри мазкур дар асар мебошад. Як сол баъд аз нашри асари мазкур маҷмуаи «Хӯшаи нур» ба чоп мерасад, ки фарогири ду қисмат мебошад. Қисмати 1-уми он «Гулҳои сурхосафед» ва 2-юм «Рӯзи сиёҳ» унвонгузорӣ шудаанд. Дар қисмати 1-ум 48 ғазал ва дар қисмати 2-юм 36 ғазали шоир ҷой дода мешаванд. Агар дар маҷмуаи «Рӯзи сиёҳ» (ки соли 1994 ба нашр расида буд) 22 ғазали шоир мавҷуд бошад, дар қисмати «Рӯзи сиёҳ»-и маҷмуаи «Хӯшаи нур» бар иловаи 22 ғазали маҷмуаи фавқ 14 ғазали дигар зам мегардад ва шумораи онҳо 36 ададро ташкил медиҳад. Ин далолат аз он мекунад, ки шоир дар овони фаъолияти эҷодии худ мудом дар пайи сурудани ғазал буда, нисбат бар он таваҷҷуҳи хосса доштааст.

Дар ҳамаи маҷмуаҳои бузурги ашъори Ашур Сафар, ки баъд аз вафоти вай ба табъ расидаанд, жанри ғазал аз мавқеи назаррас бархӯрдор буда, дар қиёс бо ҳама навъҳои шеър, чи ашъори дигари суннатӣ ва чи ашъори дар шаклҳои нав сурудаи шоир аз ҳайси теъдод бартарӣ доранд. Аз ҷумла, дар аввалин маҷмуаи ашъори баъд аз вафоти шоир бачопрасида - «Мунтахабот», ки соли нашри он 2003 мебошад [44], ғазалҳо фоизи назаррасро ташкил медиҳанд. Чунонки дар фасли пешин қайд гардид, ин китоб иборат аз се қисмат бо унвонҳои алоҳида аст. Дар қисмати «Рӯзи сиёҳ» 37 ғазал, дар қисмати «Ашъори китобатнашуда» 41 ғазал ва дар «Хӯшаи нур» 23 ғазали шоир гирдоварӣ шудаанд. Миёни қисматҳои мазкур, чи хеле ки дида мешавад, дар қисмати 2-юм ғазалҳои нави шоир, ки то замони чопи китоб ҳанӯз рӯйи чопро надидаанд, ҷой дода шудаанд. Дар ин маҷмуа, ки аз 256 саҳифа иборат аст, теъдоди ғазалҳо 101 ададро дар бар мегиранд ва чи хеле ки дида мешавад, қисмати қобили таваҷҷуҳи онро жанри ғазал ташкил медиҳад. Ин аз мавқеи басо назарраси жанри ғазал дар китоби мазкур далолат менамояд.

Дар дуюмин маҷмуаи ашъори баъди вафоти шоир батабърасида – «Бороии ҳидоят» (соли нашр: 2008), ки пас аз «Девон»-и бузург

калонҳаҷмтарин маҷмуаи вай ба ҳисоб меравад ва фарогири 336 саҳифа аст [16], ғазалҳои шоир фоизи асосии он, балки анқариб ҳамаи онро ташкил медиҳанд. «Борони ҳидоят», умуман, аз ду қисм иборат буда, қисми 1-ум беунвон аст ва дар он дар баробари дигар анвои шеърӣ ду ғазали шоир ҷой дода шудааст. Қисмати 2-юм, дар навбати худ, аз чаҳор қисми унвондор – «Кулчаи орзу», «Нолаи дил», «Сатрҳои гӯё» ва «Ғазалҳо» иборат буда, фоизи асосии ғазалиёт дар қисмати охири он ҷойгир шудаанд. Дар қисмати аввал - «Кулчаи орзу» ягон ғазал вуҷуд надорад. Дар ду қисмати мобайнӣ миқдори бисёр ками ғазал ҷой доранд, аз ҷумла дар «Нолаи дил» 2 ғазал ва дар «Сатрҳои гӯё» 1 ғазал. Қисмати «Ғазалҳо», дар навбати худ, аз чаҳор қисми алоҳида – «Пуштаи сабз», «Рӯзи сиёҳ», «Гулҳои сурхосафед» ва «Сатрҳои охирин» иборат аст. Дар қисмати «Пуштаи сабз» 189 ғазал, дар «Рӯзи сиёҳ» 36 ғазал, дар «Гулҳои сурхосафед» – 47 ва дар «Сатрҳои охирин» 35 ғазали шоир ҷой дода шудаанд, ки дар маҷмуъ 307 ғазалро дар бар мегиранд. Теъдоди мазкур бо иловаи 2 ғазал аз қисмати беунвон, 3-то аз қисматҳои «Нолаи дил»-у «Сатрҳои гӯё» ба 401 ғазал мерасад. Ин аввалин теъдоди бузурги ғазалҳо дар маҷмуаҳои ашъори бачопрасидаи Ашур Сафар мебошад. Чунонки мушоҳида мешавад, дар нигоҳ ба ҳаҷми «Борони ҳидоят», ки 336 саҳифаро дар бар мегирад, теъдоди ғазалҳои он (401 ғазал!) басо назаррас буда, жанри мазкур миёни кулли навъҳои шеърии дар маҷмуа ҷойдошта фоизи асосиро ишғол менамояд. Ин далолаткунандаи мақоми басо баланди жанри ғазал дар маҷмуаи шоир ва, умуман, дар эҷодиёти ӯ мебошад.

Дар маҷмуаи нисбат ба «Борони ҳидоят» хурдҳаҷмтари Ашур Сафар – «Садбарги таманно» низ, ки 192 саҳифаро дар бар мегирад, дар нигоҳ ба ҳаҷми он, фоизи назаррасро ғазалҳои шоир ташкил медиҳанд [50]. Ин маҷмуа аз се қисмат иборат буда, дар ҳар се қисмат ғазалҳои шоир ҷой дода шудаанд. Аммо теъдоди ғазалҳои ин қисматҳо чун дигар

маҷмуаҳои батабърасидаи шоир аз ҳам фарқ менамоянд. Бо вуҷуди он ки дар ин маҷмуа низ қисматҳое аз маҷмуаҳои қаблии шоир такрор шудаанд, монанди «Пуштаи сабз» ва «Гулҳои сурхосафед», аммо унвони қисмати охири он – «Сатрҳои охирин» нав аст. Ин нишондиҳандаи он аст, ки дар ин қисмат охирин ғазалҳои Ашур Сафар гирдоварӣ шудаанд. Дар қисмати «Пуштаи сабз» 118 ғазал, дар «Гулҳои сурхосафед» 11 ғазал ва дар «Сатрҳои охирин» 15 ғазали шоир ҷой дода шудаанд, ки дар маҷмуъ 144 ғазалро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд дар китоби мазкур нисбат ба «Борони ҳидоят» теъдоди ғазалҳои шоир хело каманд, аммо дар қиёс бо дигар анвои шеърии худи асар хеле зиёданд ва аз нигоҳи басомад мақоми нахустинро ишғол менамоянд.

Охирин маҷмуаи ашъори Ашур Сафар бо исми «Девон» соли 2018 тавассути нашриёти «Адиб» ба чоп расидааст, ки қисмати асосии жанрҳои шеърии онро ғазал ташкил медиҳад. Маҷмуаи мазкур, метавон гуфт, дарбаргирандаи кулли ашъори Ашур Сафар мебошад, зеро дар он ба ғайр аз қисмате аз шеърҳои даврони шуравии шоир, ки хусусияти сиёсӣ дошта ва ё ҳаммаром бо сиёсати давраи мазкур буданд, дигар тамоми навъҳои шеърии дар муддати умр эҷоднамудаи Ашур Сафар гирдоварӣ шудаанд.

Чунонки дар фасли қаблӣ дарҷ гардид, «Девон» аз фаслҳову қисматҳои алоҳида иборат буда, дар ҳар кадоми онҳо ғазалҳои шоир ҷой дода шудаанд. Дар нигоҳ бар дигар навъҳои шеърии дар «Девон» мавҷудбуда, то чи дараҷа аз мавқеи хосса бархӯрдор будани ғазалҳои шоирро метавон муайян кард. Ҳарчанд ки мо дар таҳқиқоти худ дигар маҷмуаҳои шоирро низ мавриди истифода қарор додаем, аммо ба хотири ҷомеият ва охирин китоби бачопрасидаи шоир будани «Девон» маҳз аз ҳамин маҷмуаи ашъори вай истифода намудаем. Чун дар аксари маҷмуаҳои шоир дар «Девон» ҳам жанри ғазал аз мақоми назаррас

бархӯрдор мебошад. Дар маҷмуаи мазкур 390 ғазали шоир ҷой дода шудаанд.

Метавон бар ин натиҷа расид, ки жанри ғазал дар қисмати зиёди осори бачопрасида ва, умуман, эҷодиёти Ашур Сафар дорои мақоми махсус буда, дар қиёс бо дигар навъҳои шеърии эҷодиёти вай, чи жанрҳои суннатию чи ашъори дар шакли нав сурудаи шоир аз ҷиҳати теъдод фарқи назаррас дорад. Дар нигоҳ ба фаъолияти шоирии Ашур Сафар, ки маҳсули эҷоди ӯ ҳам аз тариқи матбуоти даврӣ – рӯзномаҳо, ҳафтаворҳо, маҷаллаҳо, ҳам аз тариқи чопи маҷмуаҳои алоҳидаи вай ба нашр расидааст, метавон бар чунин хулоса омад, ки шоир дар тамоми даврони фаъолияти хеш нисбат бар эҷоди ғазал ҳамеша таваҷҷуҳи хосса дошта, ҳарчанд ки дар эҷоди дигар анвои шеърӣ саъю кӯшиши зиёд нишон медодааст, аммо ба эҷоди жанри ғазал таваҷҷуҳи бештар доштааст. Нишони далолаткунандаи ин иддао теъдоди бартаридоштаи ғазалҳои шоир дар ҳама маҷмуаҳои ашъораш мебошад, ки миёни дигар навъҳои шеърияш ҷилваи махсус дорад.

### I.3. Устухонбандӣ ва бандубасти мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар

Ғазалҳои Ашур Сафар аз ҷиҳати теъдоди байтҳо гуногун аст ва онҳоро метавон ба чаҳордаҳ қисм ҷудо намуд: ғазалҳои 3-байтӣ, 4-байтӣ, 5-байтӣ, 6-байтӣ, 7-байтӣ, 8-байтӣ, 9-байтӣ, 10-байтӣ, 11-байтӣ, 12-байтӣ, 13-байтӣ, 14-байтӣ, 15-байтӣ, 16-байтӣ, 17-байтӣ ва 33-байтӣ. Дар девони шоир, ҳамчунин, як байт дар радифи дигар ғазалҳои вай зери унвони «Охирин байт» ҷой дода шудааст [67, саҳ.561] ва бо сабаби дар боло қайд намудан онро такрор намекунем. Байти мазкур дар баҳри рамали мусаммани мақсур суруда шудааст, яъне:

Фоъилотун – фоъилотун – фоъилотун – фоъилун (/ фоъилон)

- v -- / - v -- / - v -- / - v - (- v~)

Дар девони шоир ғазалҳое, ки дар се, чаҳор, сездаҳ ва сиву се байт суруда шудаанд, теъдоди онҳо яктоӣ аст. Масалан, ин намунаи ғазали 3-

байтии шоир аст, ки онро ҳам дар баҳри рамали мусаммани мақсур сурудааст:

Фатҳи нав гар ёбӣ, ёро, бар сарат гул мезанӣ,
Пасту боло ранг-ранг дар банди кокул мезанӣ.
Дар хиромидан намоӣ шармсор оҳуи маст,
Бо суруде таънаҳо бар савти булбул мезанӣ.
Шеъри манро медиҳӣ ранги наву мазмуни нав,
Лек дилро бурда бар зулфи чу сунбул мезанӣ [67, саҳ.10].

Дар ғазали мазкур мақтаъ вуҷуд надорад, зеро байти охир давоми мантиқӣ ва мавзуии байтҳои қабл аз худ ба ҳисоб меравад. Дар байти охир фикри шоир ҷамъбаст нагардидааст ва чунонки хосси ғазал аст, шоир тавассути байти охир бар ғазал ҳусни анҷом набахшидааст. Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки ин ғазал ҳам нотамом аст. Таърихи сурудани ғазали мазкур соли 1959 қайд шудааст ва он марбут бар даврони навҷавонии муаллифи он аст. Шояд шоир дигарбора барои таҷдиди ин ғазал кӯшиш накардааст ва он дар бойгонии коргоҳи эҷодӣ тавассути фарзандони вай рӯйи чопро дидааст.

Аммо дар ғазали 4-байтии шоир, ки онро ҳам соли 1959 ва дар вазни мунсареҳи матвии максуфи мавқуф (муфтаъилун-фоъилун-муфтаъилун-фоъилон) сурудааст, ҳусни мақтаъ дида мешавад:

Саҳна зи ҷавлони ту  зиннати дигар гирифт,
Ҷои қадамҳои ту нукраю гавҳар гирифт.
Дар дами рақсидани шӯху басо форамат
Чашмаки ту сурати чашми кабӯтар гирифт.
Аз лаби хандони ту лола ба саҳро шукуфт,
Ошиқи бечораат ҳамчу алав дар гирифт.
Санъати зебои ту дидаму дил шод шуд,
Дасти навэҷоди ман хомаю дафтар гирифт [67, саҳ.26].

Дар девони Ашур Сафар як ғазал дида мешавад, ки дорои 33 байт аст. Ин ягона ғазали бузурги шоир аст, чун ғазалҳои бузургҳаҷми вай аз 16-17 байт убур намекунанд ва онҳо дар девони шоир ҳам ҳамагӣ якададиянд. Ғазали 33-байтии шоир дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (яъне: ҳашт бор такрор ёфтани мафоъӣлун дар як байт) суруда шуда, матлаи он чунин аст:

Мапурс аз рӯзи талхам – як дили оғӯшта дар хунам,

Парешонхотиру оворагарди дашту ҳомунам [67, саҳ.548].

Бо ин тариқ, бузургҳаҷмтарин ғазал дар девони шоир ин ғазали 33-байтӣ ба шумор меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки Ашур Сафар бештар ба сурудани ғазалҳои камҳаҷм майл дошт, ки онҳо аксаран 6, 7 ва 8 байтро фаро мегирифтанд. Инро мо зимни таҳлили оморие, ки аз рӯйи охирин маҷмуаи ашъори шоир ба субут расонидем, муайян намудем. Дар таҳлили омории мо басомади ғазалҳои шоир вобаста ба теъдоди абёт чунин мебошад:

| | **Басомади теъдоди байтҳо дар девони ғазалиёти Ашур Сафар** | |
|---|---|---|
| **Мақом** | **теъдоди байтҳо дар ғазалҳои шоир** | **теъдоди ғазалҳо дар девони шоир** |
| №1 | ғазали дорои 6 байт | 138 ғазал |
| №2 | ғазали дорои 7 байт | 94 ғазал |
| №3 | ғазали дорои 8 байт | 33 ғазал |
| №4 | ғазали дорои 9 байт | 23 ғазал |
| №5 | ғазали дорои 10 байт | 19 ғазал |
| №6 | ғазали дорои 11 байт | 15 ғазал |
| №7 | ғазали дорои 12 байт | 4 ғазал |
| №8 | ғазали дорои 14 | 3 ғазал |

| | | |
|---|---|---|
| №8 | ғазали дорои 15 байт | 3 ғазал |
| №9 | ғазали дорои 1 байт | 1 ғазал |
| | ғазали дорои 3 байт | 1 ғазал |
| | ғазали дорои 4 байт | 1 ғазал |
| | ғазали дорои 16 байт | 1 ғазал |
| | ғазали дорои 17 байт | 1 ғазал |
| | ғазали дорои 33 байт | 1 ғазал |

Чунонки дида мешавад, дар девони шоир, вобаста ба басомад, мақоми аввалро ғазалҳое ишғол менамоянд, ки теъдоди байтҳо дар онҳо 6 ададро ташкил медиҳанд. Ғазалҳои 6-байтӣ беш аз 38% девони шоирро фаро мегиранд. Мақоми дувумро ғазалҳои 7-байтии шоир мегиранд, ки фоизи онҳо ба 24% мерасад. Ғазалҳои 8-байтии шоир 8-9%-ро ташкил медиҳанд. Ба ҳамин тариқ, таваҷҷуҳи Ашур Сафар дар эҷоди ғазал бештар ба ғазалҳои 6-7-байтӣ буда, ин қисм ғазалҳо, дар маҷмуъ, 62%-и ғазалҳои «Девон»-и ӯро ташкил медиҳанд. Донишмандон теъдоди абёти жанри ғазалро аз 6-7 байт то понздаҳ байт зикр кардаанд [6, саҳ.167]. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки Ашур Сафар дар эҷоди жанри мазкур меъёрро умуман риоя кардааст ва дар ин маврид басо эҳтиёткорона муносибат доштааст.

Ғазалҳои Ашур Сафар аз нигоҳи устухонбандии дарунӣ дорои тарҳи якзайл мебошанд, ки бо анъанаи ғазалсаройии форсу тоҷик мувофиқати тамом доранд. Дар умум, ғазалҳои Ашур Сафарро бо тарҳи «Мадхал + руҷуоти шоирона + хулоса» устухонбандӣ гардидаанд. Қисмати мадхал, аслан, ҳамон қисмати аввали ғазал аст, ки дар истилоҳ матлаъ номида мешавад. Аммо бояд зикр кард, ки матлаъ аслан ба устухонбандии зоҳирӣ ё сохтории ғазал тааллуқ дорад, на ба устухонбандии дарунӣ, ки мавзуи мавриди баҳси он мавзуъ ва мазмун мебошад. Дар устухонбандии зоҳирии байти аввали ғазал дар ин маврид

шакли он ба назар гирифта мешавад, ки бар тибқи қоидаи ғазал ҳар ду мисраи байти нахустин ҳамқофия ё ҳамрадиф мешаванд. Аммо дар устухонбандии дарунӣ дарунмояи ғазал, яъне мазмуну мавзуъ ба инобат гирифта мешавад. Ҳамин тариқ, баъзан қисмати мадхали ғазалҳои Ашур Сафар на танҳо байти матлаъ, ду ва ё зиёда байтро низ фаро мегирад. Масалан, дар ғазали зерини шоир қисмати мадхал ду байти нахустинро дар бар мегирад:

Аз Ватан гап мезанад ин дил мудом,
Оча гуфта тифл бикшояд калом.
Дӯст дар аспи тараб гардад савор,
Ҳар гаҳе аз дӯст мегирад паём.
Шарм одамро бубахшад ҳусни хос,
Пешгуфтори адаб бошад салом.
Пеши аҳли фазл хомӯшист хуб,
Корд бе зангор монад бе наём,
Аз муҳаббат нурполояст дил,
Бар муҳаббатзодагон бошад ғулом.
Меваи ширин чӣ дорӣ орзу?
То наояд офтоб андар қиём [67, саҳ.496].

Чунонки дида мешавад, ду байти аввал дар ғазали мазкур ҳукми мадхалро дошта, тавассути он шоир ба се мавзуъ дахл менамояд: Ватан, тифл (-у оча) ва дӯст. Вале бояд қайд кард, ки симоҳои тифл ва дӯст дар ин қисмат ба туфайли мавзуи Ватан хотирнишин мегарданд. Пас аз ин қисмати руҷуоти шоирона оғоз меёбад, ки се байти баъдиро фаро мегиранд. Қисмати руҷуоти мазкури ғазалро метавон руҷуоти андарзӣ унвон дод, зеро тавассути он муаллиф ба се мавзуи пандуахлоқӣ: шарм, хомӯшӣ ва муҳаббат даст задааст. Байти охирини ин қисматро, ки ба муҳаббат бахшида шудааст, метавон, ҳамчунин, қисмати гурез аз руҷуи андарзӣ ба қисмати хулосаи ғазал ҳисоб намуд.

Дар кулли ғазалҳои Ашур Сафар ҳамин сохтори дарунӣ риоя гардидааст. Агарчи мавзуъҳои матраҳгардида дар ҳар се қисмати ғазалҳои шоир устувор нестанд ва дар бисёр мавридҳо омехта ва гуногунранг ба назар мерасанд, аммо ҳар қисмат – мадхал, руҷуи шоирона, хулоса ҳамеша ҷойи худро устувор нигоҳ доштаанд. Мешавад, ки қисмати мадхал ва ё хулоса, ки аксаран вазифаи матлаъ ва мақтаъро иҷро менамоянд, дар устухонбандии дарунии ғазалҳои шоир ду байт ва ё беш аз онро дар бар бигирад, яъне аз нигоҳи мавзуъ ҳар як алоҳида бошанд ё силсилаи мавзуоти умумиро фаро гиранд.

Агарчи донишмандони илми бадеъ тахаллусро аз воситаҳои «ҳусни ихтитоми калом» донистаанд [3, саҳ.98], аммо дар қисмати мақтаъ шоир ба овардани тахаллуси худ чандон аҳамият намедодааст. Дар кулли ғазалҳои шоир танҳо ду бор номи ӯ ҳамчун тахаллус истифода гардидаасту бас [67, саҳ.485; 69, саҳ.3]. Истифода накардани тахаллус дар ғазалиёти Ашур Сафар агарчи бозгӯкунандаи вижагии назарраси он мебошад, аммо аз ибтикороти шоир дар эҷоди жанри ғазал ба ҳисоб намеравад, зеро на танҳо пеш аз Ашур Сафар дар ашъори шоирони дигари муосир, балки асрҳо пеш дар эҷодиёти шоирони ғазалсарои классики баъд аз Саъдӣ корбурди тахаллус аҳамияти худро гум карда буд [116, саҳ.41].

Ғазалиёти Ашур Сафар аз нигоҳи ҳифзи ягонагии мавзуъ ва ё корбурди чанд мавзуъ дар матни як ғазал ба ду гурӯҳи алоҳида ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи якум ғазалҳое тааллуқ доранд, ки дар онҳо мавзуи воҳид ҳифз шуда, ваҳдату якпорчагии он ба таври ҷиддӣ аз ҷониби муаллиф риоя гардидааст. Чунин ғазалро муҳаққиқон «ғазали мусалсал» низ номидаанд [119, 173]. Ба гурӯҳи дуюм ғазалҳое мансуб мебошанд, ки дар онҳо, баръакс, дар матни як ғазал чанд мавзуъ истифода гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки аз нигоҳи басомади истифода дар эҷодиёти Ашур Сафар ғазалҳое, ки дорои мавзуи воҳиданд ва дар он ягонагиву

якпорчагии мавзуъ риоя гардидаанд, нисбатан бештар мебошанд ва бештар аз се ду ҳиссаи ғазалҳои шоирро ташкил медиҳанд.

Ягонагии мавзуъ дар матни ғазалҳои Ашур Сафар ба ду роҳ ҳифз гардидааст, дар роҳи якум баъзан тамоми байтҳои як ғазал дар як мавзуи воҳид суруда шудаанд; дар дувум қисмати асосии байтҳои ғазал ба истиснои байти матлаъ ё байти мақтаъ дар атрофи як мавзуъ матраҳ гардидаанд. Дар ғазалҳое, ки як мавзуъ тамоми матни ғазалро фаро гирифтаанд, шоир пурра дар атрофи як мавзуъ сухан ронда, ба дигар мавзуъ тамоман эътибор намедиҳад. Дар ин гуна ғазалҳо мавзуи воҳид ба ду навъ матраҳ мегарданд 1) тавассути радифи ягона, ки ҳама андешаҳои шоир ба василаи он дар гирди як мавзуи том мутамарказ мешаванд. Яъне дар ин навъ ғазалҳо радиф хусусияти мазмунсозӣ дорад; 2) бо ин ки дар ин навъ ғазалҳо радифи ягона истифода шудааст, андешаҳои шоир аслан на тавассути радиф, балки ба воситаи мавзуи муайян матраҳ мегарданд. Яъне, дар ин навъи ғазал радиф хусусияти мазмунсозӣ надорад.

Дар абёти ғазалҳои навъи якум андешаҳои шоир, аксаран, тавассути як вожаи калидӣ, ки бештар дар қисмати охири мисраъҳои дуюм ба сифати радиф корбурд мешавад, бо ҳам алоқаманд мегарданд. Яъне, воситаи мутамарказ гаштан дар гирди мавзуи ягона дар ин навъ ғазалҳо радиф буда, он ҳама фикру андешаҳои шоирро дар атрофи як андешаи воҳиди шоирона муттаҳид месозад. Чунончи, дар ғазали зерин ҳамин ҳолатро метавон мушоҳида намуд:

1.Чандест, ки надонам ман кору ҳоли ёрам,
Ҳар ҷо чу тӯшаи раҳ бурдам хаёли ёрам.
2.Вақте ки дар фазо ҳам парвоз менамудам,
Чашмони ман назора карданд ҳоли ёрам.
3.Аз дур мешунидам чун байти хайрбодӣ
Ҳарфи умедбахши лафзи ҳалоли ёрам.
4.Чун пой ҳар куҷое бар сайр мениҳодам,

Гӯӣ ки дар барам буд қадди ниҳоли ёрам.

5.Дар шакли барги гулҳо бар рӯи ман ҳамезад

Ҳангоми роҳ рафтан зулфи кашоли ёрам.

6.Ман хубрӯи бисёр дидам ба мулки Кавказ,

Аммо надидам ин ҷо ҳаргиз мисоли ёрам.

7.Хуршедро чу дидам дар баҳр ғӯтта мезад,

Гуфтам: ана, аён гашт акси ҷамоли ёрам [67, саҳ.454].

Чунонки дида мешавад, дар ғазали зикршуда мавзуи ягона тавассути вожаи охирини мисраъҳои дуюм, яъне радифи «ёрам» таъмин мегардад. Дар ҳама байтҳои ғазали мазкур мавзуи баҳс ё мавриди тасвири шоир ёри ӯ буда, афкору андешаҳои вай танҳо дар атрофи таърифу тавсифи маҳбубаш мутамарказ гардидаанд. Аз муҳтавои ғазал чунин бармеояд, ки шоир ҳангоми сурудани он аз маҳбуби худ дур монда, дар сафар будааст. Вожаҳо ва ибораҳову таркибҳои *тӯшаи роҳ, хаёли ёр, фазо, парвоз, назора кардан, аз дур шунидан, пой бар сайр ниҳодан* ва монанди инҳо гувоҳи ин матлабанд. Дар байти 1-ум шоир аз ёди ёри худ изҳори андуҳ намуда, хаёли ӯро барои худ чун тӯшаи роҳ медонад. Дар байти 2-юм дар ҳоли парвоз ҳам хаёлан холи ёрашро дидани қаҳрамони лирикӣ тасвир ёфтааст. Дар байти 3-юм шоир ҳарфи умедбахши ёрашро чун байти хайрбодӣ аз дур мешунавад. Дар байти 4-ум шоир чунин мепиндорад, ки бар ҳар куҷое қадам мегузорад, қадди ниҳоли ёраш дар бари вай аст. Дар байти 5-ум ин хаёли шоир давом ёфта, ӯ мепиндорад, ки ҳангоми роҳ рафтан зулфҳои ёраш чун баргҳои гул бар рӯйи вай мезананд. Дар байти 6-ум, бо ин ки шоир меболад, ки дар сафарҳои Қафқоз хубрӯёни зиёдеро воҳӯрдааст, аммо боз изҳор медорад, ки ягонтои онҳо дар зебоӣ ба монанди ёри ӯ нестанд. Дар байти мақтаъ шоир зебоии ёри худро тавсифи бештар намуда, баён медорад, ки ҳатто хуршед бо он ҳама нуру зебоии худ акси ҷамоли ёри ӯст.

Чи хеле ки дида мешавад, дар ҳафт байти ғазал мавзуи мавриди баҳс ё тасвири шоир хаёли ёр ва тасвири зебоиҳои ӯ мебошад. Тамоми вожаҳову иборахое, ки муаллиф зимни тархрезии байтҳои ғазал меоварад, ҷиҳати тасвири ҳамин мавзуъ хидмат менамоянд.

Дар ғазалҳои навъи дувум, бо ин ки радиф вижагии сохторсозии назаррас дорад, мавзуи воҳид, аслан, тавассути мутамарказ гардидани фикри шоир дар гирди дигар вожагон ба вуҷуд меояд. Чунончи, дар ғазали зери матлаи:

Машкан қалами маро, ки пайванди ман аст,
Пайванд чу набзи ман ба ҳар банди ман аст [67, саҳ.464].

дар маркази андешаҳои шоир «қалам» қарор дорад ва радифи «ман аст» дар мазмунсозиҳои шоир танҳо ҷиҳати банду баст ё устухонбандӣ истифода мешавад.

Дар ғазали навъи дувум, ки дар он ягонагии мавзуъ риоя мешавад, чунонки зикр гардид, ин ягонагӣ ҳамаи матни пурраи ғазалро фаро намегирад: ё дар қисмати матлаъ ва абёти оғозин, ё қисмати мақтаъ шоир аз мавзуи умумӣ ба дигар мавзуъ руҷуъ менамояд. Аммо ин мавзуъ ҳам мантиқан бо мавзуи асосии ғазал робита дорад. Аз ҷумла дар ғазали зерин ҳамин ҳолат ба назар мерасад, шоир дар байти матлаъ ва дувуми ғазал ба мавзуъҳои дигар ва дар абёти баъдӣ ба як мавзуъ дахолат менамояд:

1.Нест мушкил кори ман, ҳарчанд ки осон наяст,
Амри дил иҷро кунам, беҳтар аз ин фармон наяст.

2.Шеъри ман ҳамболи шеъри Лоиқу Бозор нест,
Табъи ман монанди табъи Қутбию Мастон наяст.

3. Аз паи маъно нарафтам ҳеҷ ҷо аз хона дур,
Беҳ дигар маъноям аз дидори фарзандон наяст.

4.Суҳбати эшон бароям хубтар аз тӯйҳост,
Хотири ман ҷамъ бе ҷамъияти онон наяст.

5.Ҳар кадомаш дар нигоҳаш олами афсонаест,

Мисли ман афсонадон то ҳол дар Юнон наяст.

6.Борҳо гуфтанд ҷои туст охир пойтахт,

Пойтахти ман ба ҷуз як кулбаи Хатлон наяст.

7.Решаи ман дар ҳамин ҷо навда кард, омад ба бор,

Олам арзон аст, лекин хонадон арзон наяст [67, саҳ.463].

Чунонки дида мешавад, дар ғазали мазкур ду байти оғозин аз мавзуи асосӣ – таърифи фарзандон ва хонадон каме дур аст. Аммо байти сеюм ба ҳайси миёнарав абёти болоӣ ва баъдиро мантиқан бо ҳам пайванд медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар алоқамандӣ бо мавзуи воҳид чунин ғазалҳо дар девони шоир бисёр каманд, ҷойи онҳоро ғазалҳое мегиранд, ки матни онҳо пурра аз васф ё баррасии як мавзуи том иборат мебошанд.

Ғазалҳое, ки дар онҳо мавзуъҳои пароканда матраҳ гардидаанд, дар эҷодиёти Ашур Сафар мақоми дувумро ишғол менамоянд. Дар чунин ғазалҳо васфи як мавзуи том баррасӣ нагашта, шоир зимни сурудани ғазал ба чандин мавзуъ муроҷиат менамояд. Бояд қайд намуд, ки истифода аз мавзуъҳои гуногун дар матни як ғазал дар адабиёти форсу тоҷик собиқаи куҳан дошта, маншаи худро аз тарзи ғазалсаройии Хоҷуи Кирмонӣ гирифта, дар эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ба нуқтаи авҷи худ расидааст. Бисёрмавзуӣ дар шеъри форсӣ баъдтар дар эҷодиёти намояндагони сабки ҳиндӣ мавриди истиқбол қарор гирифта, махсусан дар ғазалиёти Фиғонии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил ҷилваи бештар пайдо намуд. Маҳз аз тариқи шоирони сабки ҳиндӣ дар ғазалиёти шоирони минбаъда ба кор гирифтани мавзуъҳои зиёд ҳукми анъанаро касб намудааст.

Дар эҷодиёти Ашур Сафар ҳам ғазалҳои дорои мавзуъҳои гуногун як қисмати бузурги онро ташкил додаанд. Ғазалҳои гуногунмавзуи шоир, аслан, тавассути панду андарзҳо, бардоштҳои ҳикматомез аз

таҷрибаҳои рӯзгор, тамсилҳои ҳаётӣ, корбурди навъҳои мухталифи санъатҳои дигари бадеӣ ва мазомини ишқию ҳаётӣ матраҳ гардида, дар умум як маҷмуаи шеъриро ташкил медиҳанд. Масалан, дар ғазали зерин ҳамин хусусиятҳо дар робита ба корбурди мавзуъҳои гуногун баръало ба чашм мерасад:

1.Шабнами болои гул дар субҳ лоло мешавад,
Дар кафи меҳнатпарастон хок тилло мешавад.
2.Зиндагонӣ рост хоҳад, каҷӣ н-ояд ба кор,
Чӯби каҷ дар оташ аз беқадриаш ҷо мешавад.
3.»Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност»,
Он, ки дилдор аст, бо дилдор якҷо мешавад.
4.Дасти шафқат аз сари тифлон маяндозад падар,
Бе падар монад писар, ғамхору ҷӯё мешавад.
5.Хайру шар санҷанд рӯзе бо тарозуи хирад,
Рӯзгори неки мо таърихи дунё мешавад.
6.Тӯйҳо кардем мо бисёр дар рӯи замин,
Баъд аз ин тӯи Замин андар Сурайё мешавад [67, саҳ.470].

Дар ғазали мазкур, вобаста ба теъдоди байтҳо, шаш мавзуи гуногун матраҳ гардидаанд. Агарчи ҳамаи мавзуъҳои матни ғазал, умуман, дар атрофи як мавзуи воҳид: пандуандарзӣ мутамарказ гардидаанд, аммо дар навбати худ, дар ҳар байт матлабе алоҳида тарҳрезӣ шудааст, ки он омили фарқияти мавзуӣ миёни байтҳои ғазал гардидааст. Дар байти якум шоир аввалан тамсили шабнами болои гулро оварда, чунин андеша дорад, ки он ҳар субҳ бар (луълуи) лоло табдил меёбад. Ин тамсилро шоир барои меҳнатпарастоне овардааст, ки бо заҳмати хеш аз хок тилло месозанд, яъне ба туфайли меҳнат сабаби гулгуншукофонии ҳаёт мегарданд. Дар байти дигар мавзуъ якбора тағйир меёбад. Шоир дар ин байт панди ростии ҳаётро матраҳ менамояд ва бар он аст, ки агар дар зиндагонӣ ростиро ҷӯё шавӣ, ба каҷӣ эҳтиёҷе намеафтад. Андешаи худро

вай бо тамсили чӯби каҷ ва аз беқадрӣ туъмаи оташ шудани он тақвият медиҳад. Байти сеюмро шоир аз тамсил - мисраи машҳури Сайидо, ки ҳукми ирсолулмасалро гирифтааст, ҳукми оғоз мебахшад ва ба воситаи он мавзуъро тағйир медиҳад. Тамсили мазкурро шоир дар тақвияти ин фикри худ: ҳар касе, ки дилдоре дорад, рӯзе бо вай якҷо мешавад, меоварад. Дар байти чаҳорум мавзуи дилдор ба мавзуи шафқати падар табдил меёбад. Ҳар ду мисраи байти мазкур як фикри томро ташкил дода, дорои мазмуни ҳикматомез мебошанд. Шоир шафқати падар нисбат ба писарро сабаби дар оянда ғамхору меҳрубон гаштани фарзандаш медонад. Чизе, ки дар байти мазкур омили таъсирбахшу зебо шудани фикри муаллиф гаштааст, истиораи «дасти шафқат» ба ҳисоб меравад. Дар байти панҷум шоир ба мавзуи хайру шар руҷуъ менамояд. Ӯ иддао дорад, ки рӯзе дар тарозуи хирад неку бадро месанҷанд ва рӯзгори неки мо таърихи дунё мегардад. Дар байти мақтаъ муаллиф мавзуи сурури хурсандиро матраҳ намуда, чунин андеша дорад, ки рӯзе хушнудиҳову сурури мардум ба осмон мераванд ва онро дар Сурайё низ мебинанд.

Ҳамин тариқ, ғазалҳои Ашур Сафар аз нигоҳи якдастиву гуногунии мавзуъ ба ду гурӯҳи алоҳида: 1) ғазалҳои дорои як мавзуи воҳид ва 2) дорои мавзуъҳои гуногун ҷудо гардидаанд. Навъи якум, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: дар гурӯҳи 1-ум шоир пурра ба мавзуи воҳид руҷуъ кардааст, дар гурӯҳи 2-юм бошад, мавзуи воҳид қисмати мобайни ғазалро, ки миёни матлаъ ва мақтаъ ҷойгир аст, дар бар мегирад. Ғазалҳои дорои як мавзуи воҳид дар мақоми аввал қарор дошта, нисбат ба ғазалҳои гуногунмавзуъ аз нигоҳи фоизу теъдод бештаранд.

Бо ин ки дар эҷодиёти Ашур Сафар жанрҳои гуногуни шеърӣ, чи суннативу анъанавӣ, чи ашъори ба тарзи нав гуфташуда мушоҳида мешаванд, аммо ғазал – ба ҳайси жанри вижаи шеъри форсу тоҷик, дар он мақоми барҷаставу аввалдараҷа дорад.  Ҳарчанд ки дар тамоми

маҷмуаҳои ашъори Ашур Сафар ва тамоми мароҳили эҷодии вай ашъори ғайрисуннатӣ ё ба шакли нав сурудашуда ва навъҳои суннатии шеър, амсоли рубоиву дубайтӣ, қитъаву қасида ва маснавиву достон ба назар мерасанд, жанри ғазал дар муқоиса бо кулли онҳо ҷилваи махсус дорад. Дар аксари маҷмуаҳои ашъори Ашур Сафар, монанди: «Базми садоқат», «Холи фатир», «Гули маҳтоб», «Гулбоғ», «Хӯшаи нур», «Мунтахабот», «Борони ҳидоят», «Садбарги таманно» ва «Девон»-и шоир жанри ғазал аз ҳайси теъдоду фоиз мавқеи баландтарро соҳиб мебошад. Ин нишондиҳандаи таваҷҷуҳ ва муҳаббати махсуси Ашур Сафар нисбат ба ин жанри суннатӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ҳукми хулоса метавон қайд кард, ки фаъолияти ғазалсароии Ашур Сафар ҳанӯз дар овони ҷавонии вай, аз миёнаҳои солҳои 50-уми асри XX-ум оғоз ёфта, маҳсули эҷоди ӯ, аввалан, тавассути матбуоти даврӣ, баъдан, ба воситаи маҷмуаҳои дастҷамъию маҷмуаҳои худи шоир пешкаши хонандагон гардидааст. Бо таваҷҷуҳ ба нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар рӯзномаҳою маҷаллаҳо ва осори хурду бузург, маълум мегардад, ки ӯ дар муддати фаъолияти шоирии хеш ҳеҷ вақте аз сурудани ғазал бознаистода, баръакс, бо мурури замон ҳунар ва лаёқати ғазалсароии вай ҳамеша дар рушду инкишоф будааст.

Дар «Девон»-и Ашур Сафар ва, умуман, дар тамоми маҷмуаҳои банашррасидаи вай ғазал ҳамчун жанри қобили таваҷҷуҳи шоир мақоми арҷманд дорад. Зеро, агар чанд маҷмуаи ба кӯдакон бахшидашудаи шоирро ба инобат нагирем, дар тамоми китобҳои боқимондаи шоир, чи маҷмуаҳое, ки дар давоми ҳаёти шоир ба табъ расидаанд (амсоли: «Ибтидои роҳ», «Илҳом», «Хандаи гулҳо», «Фарзанди аср», «Гули маҳтоб», «Гулбоғ», «Самараи умр», «Базми садоқат», «Гапи подор», «Холи фатир», «Хӯшаи нур», «Рӯзи сиёҳ») ва чи онҳое, ки пас аз даргузашти шоир таҳия ва чоп гардидаанд (аз ҷумла: «Мунтахабот», «Борони ҳидоят», «Садбарги таманно», «Девон» ва амсоли инҳо), жанри

ғазал аз нигоҳи басомаду теъдод миёни дигар жанрҳои суннатию шаклҳои нави шеърӣ ҷойгоҳи хосса дорад.

Ғазалҳои Ашур Сафар аз нигоҳи теъдоди байтҳо аз 3 то 17 байт тул мекашанд. Ҷуз аз инҳо миёни ғазалиёти шоир як ғазал низ дида мешавад, ки аз 33 байт иборат аст. Дар таҳлили абёти ғазалҳои Ашур Сафар аз ҷиҳати басомад муайян гардид, ки таваҷҷуҳи шоир бештар ба ғазалҳои дорои 6-7 байт будааст, зеро онҳо дар маҷмуъ беш аз 62%-и ғазалиёти шоирро ташкил медиҳанд. Ҷойи дуюмро дар девони шоир ғазалҳое ишғол менамоянд, ки дорои 8-9 байт мебошанд, ки дар якҷоягӣ 56 ғазалро ташкил дода, 14-15%-ро дар бар мегиранд. Дар ҷойи 3-юм ғазалҳои дорои 10-11 байт қарор доранд, ки дар якҷоягӣ 34 ғазал ва 7-8%-ро ташкил медиҳанд. Ғазалҳои аз 13 байт боло дар девони шоир бисёр кам мушоҳида мешаванд ва аксаран аз 1 ё 2 адад иборатанд.

Дар ғазалҳои Ашур Сафар аз нигоҳи устухонбандии дарунӣ ҳамон услуби суннатии ғазалсароӣ ҷиддан риоя гардидаанд, ки дарбаргирандаи се ҷанбаи асосии калидӣ дар тарҳрезии жанри мазкур ба ҳисоб мерафтанд. Ин ҷанба, чунонки қаблан гуфта шуд, иборат аз «мадхал», «руҷуоти шоирона» ва «хулоса» мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар устухонбандии ғазал аз «мадхал» бештар ба унвони матлаъ ва аз «хулоса» ба унвони мақтаъ ном гирифта мешавад.

Ғазалиёти Ашур Сафар аз нигоҳи табақабандии мавзуӣ умуман ба ду қисм тақсим мешаванд: 1) ғазалиёти ҷиддӣ, ки дар он афкору андешаҳои шоир ба таври ҷиддӣ, яъне орӣ аз ҳазлу мутоиба матраҳ гардидаанд; 2) ғазалиёти ғайриҷиддӣ ё ҳаҷвӣ, ки дар он фикру тахайюлоти шоир ба таври ҳазлу мутоиба тарҳрезӣ гаштаанд. Ҳарчанд ки дар таърихи шеъри муосир Ашур Сафар бештар ҳамчун шоири ҳаҷвпардозу мутоибагӯ маъруф гардидааст, аммо мавқеи мавзуъҳои ҷиддӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар баландтару назаррастар аст. Аз нигоҳи теъдод ҳам ғазалҳои ҷиддии шоир нисбат ба ғазалҳои ҳаҷвию бачагонаи

вай хело зиёдтаранд ва аз ҳайси басомад беш аз 70%-и ғазалиёти ӯро ташкил медиҳанд.

Ғазалҳои дар мавзуоти ҷиддӣ сурудаи Ашур Сафар, бо вуҷуди он ки мавзуъҳои зиёдеро дар бар мегиранд, аммо дар онҳо чанд мавзуъ мушоҳида мешаванд, ки миёни кулли мавзуъҳои ашъори шоир мақоми марказӣ ва меҳвариро доро мебошанд. Асоситарин мавзуъҳои ҷиддии ғазалиёти Ашур Сафар – инҳо тавсифи Ватан ва таблиғи сулҳу ваҳдат, тасвири ишқу муҳаббат, бузургдошти зан-модар, панду ҳикмат ё андешаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

# Боби II

## Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар

**II.1. Мавзуи Ватан ва сулҳу ваҳдат дар ғазалиёти Ашур Сафар**. Мавзуи Ватан ва таблиғи сулҳу ваҳдат дар ғазалиёти Ашур Сафар миёни тамоми мавзуъҳои меҳварӣ мақоми аз ҳама баландро доро мебошад. Худоӣ Шарифов шеъреро асари воҳид ва ягона хондааст, ки дорои идея ва ғоя мебошад [177, саҳ.337]. Дар такя ба гуфтаҳои муҳаққиқи мазкур зикри ин нукта ҷоиз аст, ки ғазалҳои Ашур Сафарро, хусусан ғазалҳоеро, ки ба мавзуи Ватан ва ватандустӣ бахшида шудаанд, метавон аз нигоҳи ғоя ва тарҳбандии мавзуъ осори воҳид маҳсуб донист. Зеро дар ғазалҳои ба мавзуи ватандустӣ бахшидаи шоир якдастии мундариҷаву мазмун ва ниҳоятан, якнавохтии ғояву мавзуъ бештар эҳсос мегардад.

Ашур Сафар дар тасвири Ватан ва бузургии диёраш аз он меболад, ки дар оғӯши он ба воя расидааст. Ӯ ба хоку санг ва обу ҳавои Ватан меҳру муҳаббат дорад, худро чун кӯҳҳои диёр сарбаланд, балки фарозтар аз он меҳисобад. Ишқи шоир нисбат ба Ватан баробари ишқу муҳаббат нисбат бар модар аст, яъне ӯ Ватанро чун модар муқаддас меҳисобад:

Диёри бошукӯҳу дилнишастам,
Чӣ хушбахтам, ки дар боғи ту растам.
Ба хоку сангу бар обу ҳавоят,
Аз ин рӯ ман ба ҷонам меҳр бастам.
Кунун чун чашмаҳоят мехурӯшам,
Ба мисли оҳувонат шӯху мастам.
Мисоли кӯҳҳоят сарбаландам,
Баланд аз қулла бошад балки дастам.
Ба моҳи осмонам гар бароранд,
Вале медон, ки ҳамроҳи ту ҳастам.
Туро, эй Тоҷикистони азизам,
Ҳамеша ман чу модар мепарастам [67, саҳ.81].

Бобоқул Қурбоналиев, яке аз устодони маъруфи соҳаи иқтисоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ки бо Ашур Сафар

риштаи дӯстии зичу бисёрсола дошт, дар хусуси эҳсосоти ватанхоҳонаи шоир чунин қайд менамояд: «Ҷаҳони ботинии шоир пур аз меҳру вафо ба халқу Ватан, ба миллат буд, вай ҳамто надошт. Аз бурду барори дӯстонаш, халқу ватанаш беҳад хурсанд мешуд, шеъру сурудҳои нав эҷод карда, онҳоро тараннум мекард. Аз нооромͣ, нокомию бохти халқ чунон ғамгусор мегашт, ки онро бо сухан ифода кардан аз имкон берун аст... Дарди шоир дарди миллат буд. Агар мо ба ин рӯзи бадбахт мубтало намегаштем, шоир низ ором мебуд...» [113, саҳ.74].

Дар ашъори ватанхоҳонаи Ашур Сафар ҳамин гуна андешаҳо мушоҳида мешаванд, дар онҳо мафҳуми Ватан бо мафҳуми дил муродифу ҳаммаъност. Шоир Ватанро шеъри худ меҳисобад, ки аз қаъри дилаш танинандоз мешавад. Меҳру вафои Ватан дар қалби шоир очунон маскан гирифтааст, ки вай дӯсти Ватанро дӯсти худ ва душмани онро душмани хеш меҳисобад. Адабиётшинос Юсуф Акбарзод дуруст қайд менамояд, ки «дастёбӣ ба шеъри асил... аз тариқи андешаи баланд сурат мегирад» [84, саҳ.122]. Беҳтарин сухан барои шоир – ин андешаи нек нисбат ба Ватан аст. Сабзиши ҳар донаи Ватан муҷиби ҷонбахшию ҷонпарварии шоир ва сар накашидану аз сабзиш бозмондани ҳар донаи Ватан, баръакс, муҷиби ҷон додани вай мегардад:

Ватанам хонаи дил бошаду дил хонаи ӯ,
Ватанам шеъри ману шеъри ман афсонаи ӯ.
Ҳаст бар ман худӣ, ҳар ҷо ки бар ӯ ҳаст худӣ,
Ҳаст бегона маро мардуми бегонаи ӯ... [67, саҳ.91]

Яке аз мавзуъҳои назаррас дар афкори ватанхоҳонаи Ашур Сафар – ин илҳом аз истиқлолияти Тоҷикистони азиз ва болидагиҳо аз озодии сиёсии Ватан аст. Дар девони шоир ғазалҳое мавҷуд мебошанд, ки маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд. Чунончи, аз зумраи ин ғазалҳо яке зери унвони «Суруди Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Ин ғазал дорои як вижагӣ аст, шоир дар он аз забони Тоҷикистон сухан мегӯяд.

Тоҷикистон аз ҳусни беҳамтои худ болида, бо ифтихор бар фарзандони худ нидо мекунад, ки акнун ман тоҷ бар сар ва соҳибихтиёр шудам:

Як лаъли кӯҳсорам, дар кӯҳ устуворам,
Хуршед нур гирад аз рӯи беғуборам.
Бо чашмаҳо ба ҷӯшам, бо рӯдҳо хурӯшам,
Як сӯй барфпӯшам, як сӯй навбаҳорам!
Сулҳу сафост азмам, бо дӯстист базмам,
Аз баҳри ин ба размам дар рафти рӯзгорам.
Пояндаву рашидам, сар то само кашидам,
Оби бақо чашидам, озоду бобарорам.
Бигзаштаҳо ба хотир ҳар лаҳзаанд ҳозир,
Тоҷам ба сар шуд охир, ман соҳибихтиёрам.
Як лаъли кӯҳсорам, дар кӯҳ устуворам,
Хуршед нур гирад аз рӯи беғуборам [67, саҳ.225].

Муҳаббат бар Ватан аз ишқи зодгоҳ сарчашма мегирад, зеро касе, ки нисбат бар зодгоҳи худ, сарзамине, ки аввалин бор чашм дар он кушодааст, меҳр надорад, нисбат ба Ватан муҳаббати аслӣ надорад. Адабиётшиносону муҳаққиқон сабабҳои ба деҳаву зодгоҳ рӯй овардани шоиронро гуногун қайд намудаанд. Аз ҷумла, Ҳамроқул Шодиқулов дар ҳамин маврид қайд менамояд, ки рӯй овардани шоирони муосир ба зодгоҳ, ки ибтидову маншаи инсон ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи шоиронро ба таъриху пайдоиши миллат бурд ва бар ашъори онҳо ҷанбаи таърихиятро қавитар намуд [186, саҳ.131]. Аскар Ҳаким бошад, чунин андеша дорад, ки «ҷустуҷӯҳои арзишҳои азалӣ ва бобақои инсон шоиронро ба деҳа овард» [162, саҳ.130]. Наргис Сафарова, муҳаққиқи ҳаёту эҷодиёти шоири ҳунарманди доираи адабии Кӯлоб – Саидҷон Саидзода, дар ҳамин маврид дуруст қайд мекунад, ки «дар эҷодиёти шоирони насли М. Қаноат, Қ. Киром, Ғ. Мирзо, А. Сафар, Ш. Лоиқ, Ш. Мастон, Гулрухсор, Ғ. Сафарзода, Гулназар, Ҳ. Файзулло ва инчунин С.

Ҳакимзода мафҳуми Ватан маънои мушаххас касб мекунад ва аз тасвири хурдтарин ҷузъиёт – қатраи обу пораи санг, дару деҳу қадамгоҳи падар ибтидо гирифта, ба Ватани умумӣ ва ягона – Тоҷикистон пайванд мешавад» [147, 11]. Дар эҷодиёти Ашур Сафар низ чун аксари шоирони муосир ғазалҳое вомехӯранд, ки мавзуи онҳо ба зодгоҳ маҳдуд гардидааст. Тасвири зебоиҳои зодгоҳ як рукни муҳими мавзуи Ватан дар ғазалиёти Ашур Сафарро ташкил медиҳад. Шоир аз он меболад, ки паҳнои дунё ва бузургии онро аввалин бор аз фарози кӯҳҳои зодгоҳаш дидааст. Ягон кишварро ба мисли зодгоҳаш зебо намедонад:

Зи хурдӣ бар фарози кӯҳсорон мондаам поро,
Тамошо аз баландӣ кардаам паҳнои дунёро.
Ба мисли зодгоҳи худ надидам кишвари зебо,
Касе, ки дӯст медорад Ватан, дорад гапи моро... [67, саҳ.258]

Муҳаббат нисбат ба зодгоҳ дар ҳама давраҳо ва ҳолатҳои ҳаёти шоир эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар ғазали зерин, ки онро шоир дар ҳолати беморӣ ва эҳтимол меравад, дар айёми пиронсолии худ сурудааст, то чӣ дараҷа муҳаббат доштани шоир нисбат ба зодгоҳаш маълум мегардад. Ӯ зодгоҳи худро ба ёд меоварад ва аз ин ки бар асари беморӣ аз он канда шудааст, изҳори нигаронӣ ва таассуфу андӯҳ менамояд:

Зодгоҳам ёд меояд, чӣ гап бошад?
Бо ҳама бунёд меояд, чӣ гап бошад?
Аз мазори арчазораш ояд овозе,
Ё фиғони бод меояд, чӣ гап бошад?...
Бистари бемориям сангин шуда торафт,
Дарду сӯз озод меояд, чӣ гап бошад?
Модари аз даҳр кайҳо рафтаам имрӯз
Пеши рӯ ношод меояд, чӣ гап бошад? [67, саҳ.557]

Яке аз нуктаҳои ҷолиб дар мавзуи ба Ватан бахшидаи шоир – ин изҳори андӯҳ аз рӯзҳои пурдаҳшати нобасомонии оғози солҳои навадум, яъне замони пурнаҳси ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Худойназар Асозода мавзуи маҳкум кардани ҷанги бародаркуширо дар баробари гиромидошти меҳан ва ҳифзи истиқлоли кишвар яке аз мавзуъҳои асосӣ қаламдод намудааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст [85, саҳ.182]. Дар эҷодиёти Ашур Сафар чандин ғазал маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд. Бояд эътироф кард, ки ғазалиёти дар ин мавзуъ сурудаи Ашур Сафарро метавон дар шумори беҳтарин афкори ватандӯстонаи адабиёти даврони истиқлол ҷой дод. Шоир аз авзои нобасомони солҳои навадуми Ватан, ки бар асари хиёнати бархе аз афроди ба ном ватанхоҳ ва нақшаҳои хоҷагони хориҷии онон ба зуҳур омада буд, сахт барошуфта, доду фиғон мебардорад. Аз ҷумла дар ғазали зерин шоир шахси ҷангҷӯро, ки мурод аз он ҳамон афроди ҷангҷӯйи ҷанги шаҳрвандиянд, ҳамраъйи иблис ном гирифта, онҳоро барои хуни бародар ва ноҳақ рехтан аз ҷазои рӯзи маҳшар метарсонад:

Иблис туро ёру бародар шуда бошад,
Дар фитна валекин ба ту чокар шуда бошад.
Бо даъвати ту тиру ҳадаф шуд ҳама мардум,
Дасти туву килки ту ба хун тар шуда бошад... [67, саҳ.559]

Адиби тоҷик Ҳоҷӣ Мурод дар мақолаи бахшида ба ёдбуди Ашур Сафар дар ишорат бар ашъори ватанпарварона ва пурсӯзу гудози шоир қайд менамояд, ки «шеъре, ки дард надорад, ба дил наменишинад» [117, саҳ.49]. Дар ҳақиқат, дар ғазалҳои ба Ватан бахшидаи Ашур Сафар дард ва сӯзу гудози вай нисбат ба меҳани ғамзадааш инъикос мегардад. Аз ҷумла, дар ғазали зер то чӣ дараҷа ноҳинҷор будани аҳволи ботинии шоир ва ашки хунин рехтани вай ҳувайдо мегардад. Авзои нобасомони Ватан, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ рух дод, шоирро сахт азият медиҳад, қалби шоир бо бархӯрди ин сарнавишти талхи Ватан дар сӯзу

гудоз аст. Шоир аз ин ки фарзандони як модар ба туфайли таҳрики дигарон даст бар хуни бародарони худ мебардоранд ва аз ин ки ҷаҳолат ҳукми ом гирифта, маҳалбозӣ бар асари ин нобасомонӣ ба авҷ расидааст, изҳори надомат мекунад ва нидо дармедиҳад, ки ин марази миллаткушро бояд аз реша барканд ва коре кард, то ҳама фарзандони тоҷик дубора дар гирди як модар – Ватан сарҷамъ оянд:

Чиҳо гӯям, ки аҳволам хароб аст,
Ба дӯшам бор харсанги азоб аст.
Танам чун химчаи дар байни оташ,
Миёни нори ғам дар печутоб аст...
Ватан дар хуни худ ғарқ асту гирён... [67, саҳ.558].

Муҳаммадалии Аҷамӣ дар хусуси шеъри пояндаву мондагор қайд кардааст, ки «Дар қаламрави адабиёт чизе мемонад, ки аз назари ҳунар ба камол расида бошад ва ҳарфе бигӯяд, ки дар ҳақиқат дар шеър тараққӣ шавад» [87, 144]. Дар иртибот бар ин, дар эҷодиёти Ашур Сафар як ғазале мавҷуд аст, ки басо маъруф аст ва онро метавон дар шумори яке аз машҳуртарин ғазалҳои адабиёти муосири тоҷик дар мавзуи орзуи сулҳу ваҳдат, умуман, ватанхоҳӣ ном гирифт. Ин ғазал миёни аҳли фарҳанг ва тамоми қишри зиёии кишвар бо нахустмисраи худ – «Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад» маъруф аст. Ғазали мазкурро метавон ғазали ҳасрат ном дод, зеро саросари он моломол аз ҳасрату орзуҳои шоир барои ноил шудан ба сулҳу ваҳдати миллӣ аст. Як хусусияти возеҳи ин ғазал дар он аст, ки шоир ҳасратҳои худро тавассути саволҳо матраҳ менамояд, радифи «мешуда бошад?» бар пурсишҳои вай таъсири бештар мебахшад. Бинобар ин, ӯ зимни матраҳ сохтани андешаҳои ҳасратхоҳонаи хеш мудом аз худ мепурсад: Оё як бори дигар дар лаби мардум ханда ҳувайдо мешуда бошад? Дар Тоҷикистон, ки ба ғамхона мубаддал гаштааст, бори дигар базму тараб меомада бошад? Шабҳои тору зулмонӣ ба рӯзҳои фурӯзон табдил мешуда бошад? Фарзанде, ки

бар ҷони падари худ теғи хашму ғазаб кашида, шикanандаи ин теғ мешуда бошад?... Саропойи ғазали мазкур, ҳамин тавр, иборат аз ҳасратҳои шоири ғамзада барои ба мамлакати сулҳу амонӣ мубаддал гаштани Тоҷикистон мебошад:

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад,
Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад.
Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор
Помоли фано зулмати шаб мешуда бошад.
Фарзанд, ки бар ҷони падар теғ кашида,
Бишкастагари теғи ғазаб мешуда бошад.
Бар куштани фарзанд падар низ кашад теғ,
Дар байн суоле зи насаб мешуда бошад....
Кӣ кард ҷафо бешу кӣ овард бало пеш,
Бо ченаки таърих ваҷаб мешуда бошад.
Ба ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям,
Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад.
Илҳоми гурезанда садо дод зи дурӣ:
Рози ту ба ин бахт сабаб мешуда бошад [67, саҳ.525].

Ин интизориҳо ва орзуҳои накуи шоир, хушбахтона, борвар гаштанд, чун дере нагузашта, фарзандони модар-Ватан дубора ба ҳам омаданд ва гирди хони оштӣ сарҷамъ гаштанд.

Як мавзуи назаррас дар андешаҳои ватанхоҳонаи шоир – ин талқини худшиносӣ ва вокуниши сахти вай ба хиёнатпешагӣ аст, ки омили пошхӯрию гусасташавии занҷири ваҳдат миёни фарзандони миллат ба ҳисоб меравад. Адабиётшинос Урватулло Тоиров дар ҳамин маврид дуруст қайд менамояд: «Ашур Сафар шоирест, ки шеъри хештаншиносӣ мегӯяд. Ашхосе, ки бо шоир сари ошноӣ доштаанд, қаҳрамони шеърҳои ӯ гардидаанд. Пас табиист, ки Ашур Сафар пеш аз ҳама, аз ҳоли дӯст мегӯяд ва барои дӯст мегӯяд» [153, саҳ.72-73]. Дар ҳақиқат, дар ашъори ватанхоҳонаи шоир нуқтаи қобили таваҷҷуҳ - ин

талқини худшиносӣ ва таъкиди дуриҷӯйӣ аз хиёнату тафриқаангезӣ мебошад. Шоир фарзандони миллатро ҳушдор медиҳад, ки ҷудоӣ ва хиёнат сабаби асосии аз байн рафтани миллати тоҷик аст. Бинобар ин, ӯ ваҳдати миллатро, ки маншаи истиқрори давлат ва кишвари Тоҷикистони азиз аст, шаҳсутуни миллат меномад:

Ҳар гаҳе моро кушад, аз ҳам ҷудоӣ мекушад,
Бо бародарҳои ҳамхун бевафоӣ мекушад....
Иттиҳоду худшиносӣ шаҳсутуни миллат аст,
Миллати ноаҳлро ин бенавоӣ мекушад [67, саҳ.542].

Як хусусияти назаррас дар андешаҳои ватанхоҳонаи Ашур Сафар эҳсоси баланди инсондӯстӣ, сулҳпарварона ва нисбат ба ҷангу хушунат изҳори нафрат кардан аст. Дар ғазалҳои шоир нуктае дида намешавад, ки дар он ишорате бар тафриқаангезию ҷудоиталабӣ миёни абнои миллат вуҷуд дошта бошад. Баръакс, шиори Ашур Сафар ваҳдату дӯстӣ ва, чунонки худи вай гуфта, дидани покии Ватан аст. Чунончи, дар ғазали зерин шоир таъкид кардааст, ки ӯ аз рӯзи азал то охирин дами ҳаёт нисбат ба ҷанг нафрат дорад:

Ман аз рӯзи азал то охирин дам ҷангбезорам,
Бигӯ з-ин ҷангбезории ман дар анҷуман беҳтар.
Ватан ҳаргиз намехоҳад, ки доман тар кунад аз хун,
Ба чашмам аз ҳама покист покии Ватан беҳтар [67, саҳ.510].

Як мавзуи муҳим дар ашъори ватанхоҳонаи Ашур Сафар – ин танқиди солҳои ҷанги бародаркуши солҳои 90-ум мебошад, ки худ наҳсу фақр ва бадбахтию касодиро дар пай оварда буд. Шоир дар иддае аз ғазалҳои хеш авзои нобасомони ҷанги бародаркушро тасвир намуда, нисбат ба ин рухдоди ғамовар изҳори нигаронӣ кардааст. Чунончи, дар ғазали зерин ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Дар он ҳолати руҳии шоир, ки бар асари авзои ноорому муташанниҷ ногувор гардидааст, ба таври возеҳ тасвир ёфтааст. Шоир аз он изҳори андӯҳ менамояд, ки ҳама

ҷаҳонро ғавғою ноором̣ӣ фаро гирифта, ғам бар дили одамон гаронӣ мекунад. Касе ғами каси дигарро намехӯрад, дар касе аз хайру сахо ному нишон намондааст, ҳама дар ҳасрати нон афтодаанд:

Дил дар ғами ғавғои ҷаҳон афтодаст,
Ғам бар сари дил гарон афтодаст.
Шахсе, ки намехӯрад ғами ғамдоре,
Дар олами хайр бенишон афтодаст.
Нон аст, ки бар забони мо шеър аст,
Ҷону тани мо ба ҳифзи нон афтодаст [67, саҳ.461].

Шоир аз он афсӯс мехӯрад, ки солҳои ҷанги бародаркуш мардумро нисбат ба якдигар бемеҳру сангдил намуда, бадгӯию ғайбатро дар байни мардум зиёд гардонид; одамон ба ҳадде бешафқат гаштанд, ки дар мотами якдигар хандида, нисбат ба мусибатдида изҳори ғамхорӣ наменамоянд; сарчашмаи вафо хушкида, ҳатто, дар сагон низ ҳисси вафодорӣ боқӣ намондааст. Шоир аз ин ҳолати ногувор изҳори тааҷҷуб менамояд, ки магар даври қамар фаро расидааст, ки дар қалби падарону фарзандон нисбат ба якдигар меҳре намондааст:

Сад дареғо, ҳарфи даркорӣ намонд,
Аз замона ҷуз дилозорӣ намонд.
Тӯдаи бадгӯю ғайбатпешаем,
Шеваи гарму парасторӣ намонд.
Рӯзи мотам балки механдем мо,
Бар мусибатдида ғамхорӣ намонд... [67, саҳ.539].

Азҳамҷудоии миллат боиси барҳам хӯрдани ваҳдати он гашта, миёни мардум ғаму андӯҳ, ахлоқи ношоистаро ба бор меорад. Шоир аз он изҳори андӯҳ менамояд, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ мардум ба роҳи хато рафтанд, аз гумроҳӣ сад дарду балоро ба вуҷуд оварда, сару калобаи худро гум намуданд. Он касоне, ки доимо Худо мегуфтанд ва мардумро ба тоату ибодат даъват мекарданд, ҳангоми ба даст овардани

молу ҷоҳ якбора аз ёди Худо ғофил монда, боиси ривоҷ ёфтани фиску фуҷур гаштанд:

Рафтори мо хато шуд, сад дарду сад бало шуд,
По сар шуда ба ҳар ҷо, сар ҳар куҷой по шуд.
Он, ки Худой мегуфт аз ҳоли зори бисёр,
Доранда гашту ғофил якбора аз Худо шуд... [67, саҳ.552].

Як мавзуи назаррас дар андешаҳои ватанхоҳонаву ваҳдатталабонаи Ашур Сафар – ин шукру сипос ба арзишҳои моддию маънавӣ ва ахлоқии миллат аст. Аз ҷумла, дар ҳамин маврид шоир нисбат ба Ватан шукрона карданро нектарин сухан меҳисобад:

Сухани нек бувад аз дили пурмеҳр нишон,
Нест бар ман сухане нек чу шукронаи ӯ [67, саҳ.91].

Мавзуи шукр дар баробари Ватанро шоир омили сулҳ ва кафили оромӣ меҳисобад. Бинобар ин, ӯ сабаби ҳамаи нооромиҳою бадбахтиҳои бар сари миллат омадаро аз ношукрӣ медонад. Мавзуи ношукрӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар бисёр ба чашм мерасад. Ин нишондиҳандаи он аст, ки шоир ба ҳар неъмате, ки тоҷикон то оғози ҷанги бародаркуш ба даст оварда буданд, бетафовут набуда, нисбат ба гузаштаи моддию маънавии миллат бо ҳисси эҳтироми хосса менигаристааст. Аз ҷумла, дар ғазали зерин, ки пурра ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст, шоир ношукрӣ ба арзишҳои моддию маънавӣ ва ахлоқиро муҷиби сар задани хушунату душманӣ миёни мардуми тоҷик донистааст:

Бо бахти ба даст омада шукрона накардем,
Шукронаи рӯзиву дару хона накардем.
Бисёр зи худ рафта, чу гаштем бадавлат,
Фикри баду неку худу бегона накардем... [67, саҳ.523].

Ба андешаи шоир, мо ба бахти бадастоварда ва рӯзиву дару хонаи худ шукрона накардем; чун дорои савлату ҷоҳ шудем, аз худ рафтем ва

дар андешаи эҳтироми якдигар нашуда, меҳру садоқатро фаромӯш сохтем; Зимоми ақлу заковатро якбора аз даст додем ва бо якдигар девонавор муносибат намудем; аз панду насиҳати модарони худ рӯй гардонида, ба қасди хуни ҳамдигар теғ кашидем; аз сари кину ситам ободиҳои якдигарро вайрона сохтем ва ҷоеро обод накардем; аз ёру дӯстони хеш ҷудо гашта, дар Ватани худ саргардону дарбадар гардидем ва ин кинахоҳии мо ҳеҷ натиҷаи хубе ба мо наоворд.

Ба таври хуллас метавон қайд кард, ки мавзуи ватанхоҳӣ ва таблиғи сулҳу ваҳдати миллӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар ҷилваи махсус дошта, аз марказитарин мавзуот маҳсуб мешавад. Дар андешаҳои ватандӯстии шоир чанд нукта ҷилваи бештар доранд: 1) таърифу ситоиши Ватан ва бузургдошти он; 2) ситоиши зодгоҳ ба ҳайси нахустин марҷаи Ватан ва аввалин сарчашмаи дӯстдории Ватан; 3) таблиғи сулҳу ваҳдати умумимиллӣ; 4) танқиди хиёнату бевафоӣ нисбат ба Ватан ва арзишҳои ватандорӣ; 5) таблиғи афкори инсондӯстона ва сулҳпарварона; 6) шукру сипос нисбат бар арзишҳои моддию маънавӣ. Мавзуъҳои мазкур дар байни ҳама мавзуъҳои дигари ғазалиёти Ашур Сафар бо корбурди мукаррари худ фарқи назаррас дошта, агар аз як тараф, аз таваҷҷуҳи махсуси шоир нисбат ба мавзуъҳои ватанхоҳӣ ва сулҳу ваҳдат далолат намоянд, аз тарафи дигар, нишондиҳандаи меҳру муҳаббат нисбат ба меҳану зодгоҳ ва эҳсоси сулҳпарваронаву ваҳдатталабонаи вай ба ҳисоб хоҳад рафт.

### II.2. Мавзуи ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Ашур Сафар

Мавзуи ишқу муҳаббат, тасвири зебоиҳои маъшуқа ва аҳволи ботинии шахси ошиқ, ки бар асари ишқ ва ҷозибаҳои қалбӣ ба вуҷуд меоянд, яке аз мавзуъҳои меҳварии ғазалиёти Ашур Сафар маҳсуб мешавад. Адабиётшинос Ҷумъақул Ҳамроев мавзуи мазкурро яке аз мавзуъҳои муқаддаси адабиёт қайд намудааст [163, саҳ.329]. Агарчи ин мавзуъ аз назари муҳаққиқи мазкур бештар ба адабиёти классикӣ

алоқаманд мебошад, онро метавон ба шеъри имрӯз низ марбут донист, зеро дар нигоҳ ба ғазалиёти Ашур Сафар то чи дараҷа ҷойгоҳи асосӣ ва меҳварӣ доштани мавзуи ишқу муҳаббат дар эҷодиёти ӯро муқаррар кардан мумкин аст. Адабиётшинос Рустами Ваҳҳоб дар таърифи шеъри хуб қайд намудааст, ки «шеър он аст, ки дар ёдҳо нишинад» [94, саҳ.126]. Мавзуи ишқу муҳаббат аз дилнишинтарин ва таъсирбахштарину шавқангезтарин мавзуъҳои ғоявии ғазалиёти Ашур Сафар маҳсуб мешавад. Яке аз сабабҳои ба жанри ғазал таваҷҷуҳи бештар доштани шоир ҳам ҳамин майлу ҷозибаи зиёди вай ба мавзуи ишқу муҳаббат мебошад, чун мавзуи мазкур аз мавзуоти аввалдараҷаву марказии жанри ғазал  ба ҳисоб меравад. Ишқу муҳаббат дар коргоҳи ҳунарии шоир ба сифати омӯзгору роҳнамо шинохта мешавад, ки ҳама амалу кирдори вай ба ин роҳнамо вобастагӣ дорад. Чунончи дар байти зер шоир зиндагиро агар мактаб  шуморад, ишқро омӯзгори худ меҳисобид:

Ишқ шуд омӯзгору зиндагӣ шуд мактабам,

Пеши ин устоду ин мактаб равад рӯзу шабам [67, саҳ.496].

Ҷойи дигар шоир ишқро роҳбари хеш меҳисобад ва чунин иддао дорад, ки бе роҳбалади хуб наметавон масири пурхатари зиндагиро бе мушкилот тай кард:

Ҷуз ишқ ба кӯи ту маро роҳбаре нест,

Бе раҳбалади нек раҳи бехатаре нест [67, саҳ.460].

Шоир бар ин назар аст, ки ҳаёт бе ишқ маъние надорад. Ба андешаи шоир, дар умри одамӣ, ки кӯтоҳ аст, агар ишқу муҳаббат вуҷуд намедошт, он ба касе лозим намешуд:

Умр кӯтоҳу вале ишқу ҳавас бисёр аст,

Умри беишқу ҳавас гӯй, ба кӣ даркор аст? [67, саҳ.454]

Дили беишқро шоир хонаи беравзан мешуморад, бинобар ин, ӯ ба худ савол медиҳад, ки агар хона беравзан бошад, оё равшан аст:

Дил агар ишқе надорад, хонаи беравзан аст,

Хона беравзан агар бошад, магар он равшан аст? [67, саҳ.459]

Яке аз вижагиҳо дар баёни мавзуи ишқ дар ғазалҳои Ашур Сафар – ин тасвири зебоии маъшуқа аст, ки тавассути он андешаҳои қалбии шоир боз ҳам ҷаззобтар мегарданд. Чунончи, дар байти зер шоир дар ишқу муҳаббат маст гаштани худро аз шароби лаби ёр медонад ва мегӯяд, ки ҷоми ӯ аз ин шароб пур аст:

Мастему нест роҳате беҳ аз фароғи мо,

Гӯё пур аз шароби лаби туст аёғи мо [67, саҳ.452].

Тасвири зебоиҳои маъшуқа дар ғазалиёти Ашур Сафар басо воқеӣ ва зинда сурат мепазирад. Чунончи, дар ғазали зерин зебоии ёрро тавассути гули  хушбӯ тасвир намуда, бар ин назар аст, ки гули рӯйи ёр ҷаннати пурнурро ба хотир меоварад; ҳангоми бемории шоир ин гул бо бӯйи хуши худ машоми ӯро муаттар мегардонад ва умеди дигаре барои дубора сиҳат ёфтани вай мегардад:

Аз рӯи ту шуд ҷаннати пурнур намоён,

Мафтуни тамошои гули рӯи ту гаштам.

Чандест, ки аз дард манам мурдақаторӣ,

Пешам чу шудӣ, зинда ман аз бӯи ту гаштам [67, саҳ.558].

Дар ишқномаҳои Ашур Сафар чизе ки беш аз ҳар мавзуи дигар таваҷҷуҳи хонандагонро ба худ ҷалб менамояд, ин тасвири зебоиҳои ёр тавассути зебоии табиат ва унсурҳои табиӣ мебошад. Нақши назари воқеъбинона дар тасвири маъшуқа ғазалҳои Ашур Сафарро басо муассиру завқбахш намуда, як манзараи зебои ошиқонаро дар пешорӯйи хонанда қарор медиҳад. Барои воқеӣ шудани тасвири зебоии ёр шоир ҳам аз ҳолоти ошиқона, ҳам аз зебоиҳои табиат истифодаи басо хуб намудааст. Чунончи, дар ғазали зерин шоир манзараи марғуберо тавассути сохтани ҳолати маъшуқа ва зебоиҳои табиат ба силки тасвир кашидааст:

Кӯза бар даст лаби чашма саҳар ёр ояд,

Мисли кабке, ки сари теға ба рафтор ояд.
Ҷои пову қадамаш сабзаи тар бархезад,
Аз чаманзори рухаш бӯи гули хор ояд.
Таги лаб замзама аз шавқ суруде дорад,
Аз дили хастаи ман нолаи сетор ояд...
Ғазале гӯяму бо бод равонаш бикунам,
Ба умеде, ки ягон рӯз ба ӯ кор ояд [67, саҳ.470].

Шоир аз ҳар унсури зебои табиат барои латифтару нозуктар тасвир намудани маъшуқааш кумак мегирад ва бо ин василa ӯро боз ҳам латифтар тасвир менамояд. Чунончи, дар байти зерин ҳамин ҷиҳат бараъло мушоҳида мешавад, шоир хиромидани ёрашро ба ларзиши торон, ки бо таъсири боди баҳорӣ дар ҷунбиш меояд ва тозагиву таровати рухи ӯро ба оби борон монанд менамояд:

Қадат ларзон ба чашмам мисли торон аст,
Рухат навшуста гул аз оби борон аст [67, саҳ.461].

Истифода аз зебоиҳои табиат ва унсурҳои зебои он ғазалҳои Ашур Сафарро бадеътар ва тасвирҳои ӯро таъсирбахштар намуда, дар онҳо як вижагии бисёр назаррас: ҳолатсозӣ дар андешаҳои ошиқонаро ба вуҷуд овардааст. Чунончи, дар ғазали зер бо радифи зебои «гул мекунад» ҳамин ҳолат ба чашм мерасад, шоир тавассути гул, ки зеботарин унсури табиати зинда аст, андешаҳои хешро бадеътару ҷаззобтар ва тасвирҳояшро муассиртару коритар гардонидааст:

Рӯ ба рӯ шинем, рӯ гул мекунад,
Бе шаробу бе сабӯ гул мекунад.
Розҳо гӯем он сон, к-аз ҳавас
Дар ману ту гуфтугӯ гул мекунад.
Сайругашти хеш бар ёд оварем,
Чун чаманҳо кӯ ба кӯ гул мекунад [67, саҳ.555].

Чунонки дида мешавад, дар тасвири ҳолатҳои гуногуни ишқӣ, аз ҷумла рӯбарӯ нишастани шоир бо маъшуқааш, ба ҳамдигар розҳо гуфтани онҳо ва бо якдигар саргузаштҳои худро нақл кардан, шоир аз «гул» истифодаи басо моҳирона кардааст. Радифи «гул кардан» дар абёти боло дар чанд маънӣ корбурд шудааст. Дар байти якум «гул кардан» дар маънои сурх шудан, ки маҷозан маънои хушнудию фараҳмандиро низ дорад, истифода шудааст. Яъне: Ҳар вақте ки мо рӯбарӯйи ҳам шинем, рӯйи ҳар дуи мо аз хурсандию фараҳ сурх мешавад. Агар рӯйи дигарон бар асари шароб сурх гардад, рӯйи мо бар асари дидори якдигар сурх мегардад. Дар байти дуюм «гул кардан»-ро метавон ҳам дар маънои шукуфтан ва ҳам дар маънои зиёд шудану идома ёфтан фаҳмид. Яъне: Мо ончунон ба якдигар розҳои зебо мегӯем, ки аз ҳаваси зиёд гуфтугӯйи мо мешукуфад ва бо ҳамин сабаб тӯл мекашад. Дар байти сеюм «гул кардан» дар маънои зебоӣ корбурд шудааст: сайругашти ошиқонаи шоир дар хаёли вай чун чаман гул мекунад, яъне зеботару мафтункунандатар мешавад.

Ашур Сафар, бо ин ки баъзан барои тасвири зебоиҳои маъшуқа аз табиат истифода кардааст, аммо миёни таровати маъшуқа ва зебоии табиату унсурҳои он ва дигар мафҳумҳои зеҳнӣ фарқиятҳо низ гузошта, зебоиҳои табиатро дар назди ҳусни маъшуқааш пасттар нишон додааст. Аз ҷумла, дар идомаи ғазали боло ҳамин ҳолат дар тасвири ҳусну таровати маъшуқа ва бартарии он аз зебоиҳои табиат эҳсос мешавад:

Кас надидаст оби ҷӯро гулнисор,
З-акси ту ҳар оби ҷӯ гул мекунад.
Рӯи худ бар об шӯӣ ҳар гаҳе,
Дар рухи ту шустушӯ гул мекунад.
Гул кӣ бошад, бӯй орад бар машом,
Маст гардад он, ки бӯ гул мекунад [67, саҳ.555].

Яъне: ин ки оби ҷӯ гулпош аст, аз гулҳои атроф нест, балки ҳар гоҳ ки ту (яъне: маъшуқа) рухи худро дар об мешӯйӣ, акси рӯйи зебои ту обро гулнисор мекунад ва оби ҷӯ гул мекунад ва зеботар мешавад. Вагарна касе оби ҷӯро гулнисор надидааст. Ҳатто, ҳар гоҳ ки ту рӯйи хешро мешӯйӣ, на танҳо оби ҷӯ, шустушӯ низ гул мекунад. Гул худаш кист, ки машомро хушбӯ мекунад?! Ин бӯйи гули туст, ки касро маст мегардонад.

Тасвири зебоиву латофати ёр аз ҷониби шоир бо маҳорату назокати хос анҷом пазируфта, таваҷҷуҳи хонандаро бо тарзи баёни махсуси худ ҷалб менамояд. Дар тасвирҳои шоир маъшуқа ҷуз аз зебоию латофати зоҳирӣ, ҳамчунин, аз ҳусни сират низ бархӯрдор аст. Баҳамойии ин ду ҳусн: зебоии зоҳирию ботинӣ маъшуқаро боз ҳам зеботару марғубтар гардонидааст. Чунончи, дар байти зерин ҳамин вижагӣ ба таври равшан эҳсос мешавад ва шоир зебоии маъшуқаро ҳам дар лабони бӯсазеб (яъне: зебоии сурат) ва ҳам дар шармгинии вай (яъне: ҳусни ботин) дарёфтааст:

Гуфтам лабаки ту бӯсазеб аст,
Гуфт ин ту магӯ, ки шармсорист [67, саҳ.457].

Зебоӣ ва фаттонии маъшуқа боиси ба сомон расидани мушкилоти қалбии шоир мегардад. Ҳар гоҳ ки қадди дилрабою ларзони ёр дар чашмони шоир намоён мешавад, ҳамон ларза қалби ӯро ба ларза медарорад ва шоир дарк мекунад, ки ин ба василаи ҳусни маъшуқа аст, ки қалби вай дар ҳаракат медарояд:

Бе лутфи ту кори мо ба сомон нашавад,
Сӯзад дили хок, агар ки борон нашавад.
Дил азм зи ҷои хеш ҷое накунад,
То қомати ту ба дида ларзон нашавад [67, саҳ.469].

Мавзуи ниёзмандӣ ба маъшуқа ва умеди дидор бо вай аз мавзуъҳои ҷолиби ишқномаҳои шоир маҳсуб мешавад. Шоир дар ин маврид

маъшуқаи худро басо таъсирбахш тасвир намуда ва аз ин ки дидори ёр барои вай ба осонӣ даст намедиҳад, изҳори андӯҳ менамояд. Аз ҷумла, дар байти зерин шоир дар хитоб ба бахт шиква менамояд, ки чаро ёри ӯ ба мисли моҳи осмон то лаби бом меояду меҳмони вай намешавад:

Бахто, чӣ кунам, ки ёри ман то лаби бом

Монандаи маҳ ояду меҳмон нашавад [67, саҳ.469].

Шоир шахси худро дар баробари маъшуқа ниёзманд دониста, сарсабзии худро ба мӯҷиби сарсабзии ёр медонад ва бар ин андеша аст, ки сари вай дар танаш бе вуҷуди ёр товон аст:

Сари ман бо ту бувад сабз, хазонаш нарасад,

Бе ту, ҷонам, сари ман бар сари ман товон аст [67, саҳ.459].

Мавзуи ниёзмандӣ ба маъшуқа, дар ниҳояти худ, иззати объекти ғиноии ғазалиёти Ашур Сафарро бозгӯйӣ менамояд. Шоир бе вуҷуди ёр шахси худро дар вартаи ҳалокат ва аз гадо гадотар меҳисобад ва чунин мешуморад, ки бо вуҷуди ёр вай ба чизе ниёзманд нест:

Ба танҳоӣ намонам, к-аз гадо гардам гадотар ман,

Паноҳи давлатат шоҳам, ба чизе эҳтиёҷам нест [67, саҳ.455].

Чунин тавсифу ситоиши зебоиҳои маъшуқа то чи ҳад дар назди шоир маҳбубият ва қадру манзалат доштани ӯро нишон медиҳанд. Агар андешаҳои ниёзмандонаи шоир ашъори ишқии шоирро ҳусни махсус бахшида бошанд, лутфпардозиҳо ва ё баёни латифи шоирона дар тасвири вафодориҳо нисбат ба маъшуқа бар ашъори шоир ҳусни дигарро ато намудаанд. Суханҳои латифи шоир дар бештари мавридҳо ҳангоми баёни шикваҳои ошиқонаи ӯ дар баробари маъшуқааш латифтару марғубтар гардида, таъсирбахшии бештар пайдо намудаанд. Масалан, дар ғазали зерин шоир шикваи худро аз дурӣ ва суроғ накардани маъшуқааш чунин баён мекунад:

Бар ваъдаи ту лаҳзаи итмом наомад,

Мо рӯза гирифтему дигар шом наомад...

Аз хубрухон рӯйхате хост дили мо,
Ҷуз номи ту дигар ба забон ном наомад.
Бо боди сабо рафта буд аз мо ба ту пайғом,
Бод омаду як ҳарф зи пайғом наомад [67, саҳ.533].

Як мавзуъ дар андешаҳои ошиқонаи Ашур Сафар, ки дар ғазалҳои вай мудом мушоҳида мешавад ва бар афкори ишқии ӯ таъсири бештар мебахшад – ин пинҳон доштани рози дил мебошад. Аз ҷумла, дар байти зер шоир таъкид бар ин мекунад, ки рози дилро бар касе ки аз ишқ хабаре надорад, зинҳор макушо:

Бар бехабари ишқ магӯ рози дил асло,
Дар сангдилон раҳму ғами чашми таре нест [67, саҳ.460].

Ба андешаи шоир, дарди дилро танҳо дилбари дилдор медонад ва дигарон набояд аз дарди дили ошиқу маъшуқа огоҳ бошанд:

Дарди дилро дилбари дилдор медонад фақат,
Ҳолати беморро бемор медонад фақат [67, саҳ.460].

Яке аз хусусиятҳои назарраси ғазалиёти Ашур Сафар дар мавзуи ишқ ва тасвири латофати ёр - ин иртибот додани зебоии маъшуқа бо ҳунари шоирии худ мебошад. Чунончи, дар байти зерин Ашур Сафар сабаби пеша кардани касби шоириро иборат аз шавқи баёни зебоии абрувони ёр медонад. Ӯ ба таври нозуку марғуб гуфтааст, ки аз ин тарс дорад, ки шеъри хуби вай ногуфта мемонад, яъне ба тасвири зебоии маъшуқ муваффақ намегардад:

Зи шавқи байти абрӯяш ғазал гуфтан шудам пеша,
Ҳаметарсам, ки шеъри хуби ман ногуфта мемонад [67, саҳ.469].

Дар байти зерин «ғазалҷӯи ёр гаштан» ва «нусханигори хати абруи ёр гаштан» -и шоир низ иртибот додани ҳунари шоирӣ ва зебоии маъшуқа ба ҳисоб меравад:

То аз ҳама бигзашта, ғазалҷӯи ту гаштам,
Як нусханигори хати абрӯи ту гаштам [67, саҳ.558].

Дар байти мазкур вожаи «ғазалҷӯ»-ро метавон дар ду маънӣ қабул кард: ҳам дар маънои ҷустани ғазали зебо, яъне дар пайи эҷоди ғазали таъсирбахш шудан; ҳам дар маънои ҷустани сухани зебо барои маъшуқ, ба дигар маънӣ, кӯшиш барои ҳар чи зеботар тасвир кардани маъшуқа.

Дар байти зерин бошад, ин баҳамойии ҳунари шоирӣ ва латофату марғубияти маъшуқа ба гунаи басо ҷолиб эҳсос мешавад. Шоир дар ин маврид «байти маҳбуб»-ро бисёр баҷову нозук истифода кардааст, зеро вожаи «маҳбуб» дар он ҳам ба байти таъсирбахш, ҳам ба зебоии маҳбуба нигаронида шудааст:

Бӯсае duздам гар аз лабҳои ту,
Байти маҳбубе дар эҷоди ман аст [67, саҳ.558].

Дар хулосаи фасл метавон қайд кард, ки мавзуи ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Ашур Сафар бо хусусиятҳои назарраси худ миёни дигар мавзуъҳо ҷилваи махсус дорад. Дар девони шоир ғазалеро қариб наметавон пайдо кард, ки дар он нишоне аз андешаҳои ошиқона мавҷуд набошад, зеро анқариб дар тамоми ғазалиёти шоир фикру тахайюлоти марбут бар ишқу муҳаббат эҳсос мешавад. Дар тасвири мавзуи ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Ашур Сафар чанд нукта ва вижагӣ махсусан назаррас мебошанд. Якум ин ки шоир бар ишқ ва эҳсосоти қалбии инсонӣ мақоми волоеро қоил аст ва зиндагии инсонро бе вуҷуди ишқу муҳаббат ҳеҷ меҳисобад. Ишқи поки инсонӣ аз нигоҳи шоири ошиқ сарчашмаи фурӯғу саодат аст, ки ҷойи онро ҳеҷ арзиши дигаре гирифта наметавонад. Дуюм, дар андешаҳои ошиқонаи Ашур Сафар зебоии тасвири объекти ғиноӣ, яъне маъшуқа дар ҷойгоҳи хосса қарор дорад. Агар дар мавриди образҳои ғазалиёти шоир, чи образҳои ғиноӣ ва чи симоҳои ғайриғиноӣ, амсоли: модар, фарзанд, устоду муаллим ва монанди инҳо, ки дар ғазалҳои вай каму беш вомехӯранд, таҳлили оморӣ сурат бигирад, бе шубҳа, симои аслии ашъори ғиноӣ, яъне маъшуқа ё ёр мақоми аз ҳама баландтарро ишғол карда, дар радифи аввал қарор

мегард. Бинобар ин, миёни кулли образҳо ё симоҳои ғазалиёти Ашур Сафар симои маъшуқа ва тасвири зебоиҳои он ҷилваи беқиёстару назаррастарро ишғол менамояд. Сеюм, дар тасвири зебоиҳои маъшуқа нақши андешаҳою тахайюлоти воқеъбинонаи шоир ҷилваи махсус дошта, аз мақоми қобили таваҷҷуҳ бархӯрдор аст. Дар тасвири зебоии маъшуқа шоир аз ҳолоти ишқӣ ва унсурҳои табиат истифода намуда, бо ин восита тасвирҳои хешро боз ҳам муассиртару марғубтар намудааст. Чаҳорум, дар тасвири маъшуқа кӯшиш намудааст, ки ӯро аз табиату зебоиҳои он бартару болотар нишон диҳад ва бо ин восита андешаҳои ошиқонаи худро боз ҳам латифтару марғубтар намояд. Ин чаҳор нукта дар тасвири мавзуи ишқ ва объекти асосии ашъори ғиноии Ашур Сафар, ки жанри ғазал аз номгӯйи аввалдараҷаи онҳо мебошад, назаррастарин хусусиятҳо ба шумор меравaнд.

### II.3. Бузургдошти зан-модар дар ғазалиёти Ашур Сафар

Тавсиф ва тасвири авотиф, зебоӣ ва бузургии зан-модар дар ашъори Ашур Сафар, бахусус ғазалиёти вай, яке аз мавзуъҳои назаррас дар эҷодиёти шоир ба шумор меравад. Ба ин мавзуъ даст задани Ашур Сафар ҳанӯз аз солҳои аввали ба шоирӣ шуруъ кардани ӯ ба назар мерасад. Ашъори ба модар бахшидаи шоир қаблан дар саҳифаҳои рӯзномаҳои даврӣ манзури хонандагон гардида, баъдан дар маҷмуаҳои дастҷамъию алоҳида дар қатори дигар манзумаҳои шоир ба табъ расиданд. Чунончи, шеъри «Ширин модар» соли 1961 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (№3, с.2) ва маҷаллаи «Машъал» (№3, саҳ.2) шеъри дигари шоир таҳти унвони «Бедории модар» 13-уми майи 1962 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ», ғазали «Оҳ, модар» 9-уми майи соли 1979 дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба табъ расиданд. Шеъри «Бедории модар» баъдтар, соли 1984 дар маҷмуаи дастҷамъие, ки таҳти унвони «Дили модар» ба бузургдошти модарон бахшида шуда буд, чоп гардид [14].

Дар «Девон»-и Ашур Сафар чандин шеър ҷой дода шудаанд, ки мавзуи онҳо маҳз ба модар бахшида шудааст. Аз ҷумлаи ин ашъор ду ғазал бо радифҳои «модар» ва «аст» [67, саҳ.48, 456], ғазалҳои зери унвони «Фирӯзӣ», «Ғазали модар» [67, саҳ.259], «Оҳ, модар» [67, саҳ.105], шеъри ғазалгунаи «Як хона пур аз баччаву модар ба миёна» [67, саҳ.108], шеърҳои «Оғӯши модар» [67, саҳ.88], «Нидои модарӣ» [67, саҳ.106], «Шири модар» [67, саҳ.107], «Алла мегӯям туро такрор ман» [67, саҳ.107], «Хоби модар» [67, саҳ.10], ба ҳисоб мераванд, ки онҳо ба тасвиру тавсиф ва бузургдошти модар ва зебоиҳову авотифи модаронаи вай бахшида шудаанд.

Адабиётшинос Юрий Бобоев қайд менамояд, ки зебоиписандӣ ва одобу эҳсони инсонӣ ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар адабиёт бо номи зан-модар алоқаи зич дошта, зан ба ҳайси олиҳаи ҳусну рамзи ишқу муҳаббати инсонӣ ба ҳама таърифу тавсиф сазовор аст [91, саҳ.177].

Модар дар манзари тахайюли шоир рамзи сӯхтану сохтан аст. Ӯ бар ин назар аст, ки сӯхтанро танҳо ба модар додаанд ва сӯзу дарди модар барои ҳар дард дармон аст:

Сӯхтанро гӯиё танҳо ба модар додаанд,
Оҳ, модар! Дарди ту ҳар дард дармон асту бас! [67, саҳ.105]

Дар модарномаҳои Ашур Сафар дар иртибот бо чигунагии муносибати шоир ба мавзуи зан-модар ду хусусияти умдаву назаррас мушоҳида мешавад. Дар навбати аввал, шоир зимни матраҳ сохтани мавзуи мазкур ҳайсият ва феълу хислати модарро аз забони худи зан-модар баррасӣ намуда, бо ин тариқ бузургии модарро тавассути худи вай таъйин месозад. Дар ҳолати дувум бошад, шоир авотифу зебоиҳои қалбӣ ва ормонҳову ҳавасҳои ботинии модарро аз забони худ баён медорад. Яъне, дар тасвирҳову тавсифҳои аввал худи модар нақш дорад, дар дуюм нақши шоир ба ҳайси тасвиргар дар мақоми аввал қарор дорад.

Дар модарномаҳои Ашур Сафар аз забони худи зан-модар сухан гуфтани шоир ҳарчанд ки дар қиёс бо изҳори назари шахсии худи шоир

нисбат ба модар камтар мушоҳида шавад, он басо таъсирбахшу мароқангез баррасӣ гардидааст, ки аз ин ҷиҳат онро метавон яке аз хусусиятҳои назаррас эътироф кард. Дар эҷодиёти Ашур Сафар ғазалҳое вомехӯранд, ки дар онҳо шоир нуқтаи назар нисбат ба модарро на аз забони худ - муаллиф, балки аз ҷониби худи объект ва ё шахси модар баён менамояд. Чунончи дар ғазали зерин ҳамин вижагӣ бараъло мушоҳида мешавад, сухангӯ дар он модар аст, на шахси шоир:

Рӯзу шаб ҷӯшад ба дил бар бахти фарзандон ҳавас,
Аз ҳавасҳои дилам воқиф набошад ҳеҷ кас.
То саҳаргаҳ алла гӯям дар сари гаҳвора ман,
То ки гардад як замон тифлам маро фарёдрас.
Кӯдакам нолиш кунад, ҷонам барояд гӯиё,
Гар бихандад, зинда гардам гӯиё дар як нафас.
Фориғам дорад зи дарду ранҷ бедардии ӯ,
Метапам аз дарди ӯ чун мурғи побанди қафас.
Ҳарфи нофаҳмаш ба ман з-овози булбул хуштар аст,
Гул ба пеши рӯи ӯ тобад ба чашмам хору хас.
Ғайри хобу роҳати тифлам нахоҳам давлате,
Давлати бедор дар дунёи ман ин асту бас [67, саҳ.37].

Чунонки дида мешавад, баёни фикру андеша дар ғазали мазкур ба пуррагӣ аз ҷониби зан-модар сурат гирифтааст, шоир кореро, ки дар ин маврид ба анҷом расонидааст, суханони модарро ба риштаи назм кашидааст ва онҳоро ба истилоҳ манзум гардонидааст. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки ин ғазалро Ашур Сафар «Ғазали модар» унвон гузоштааст, дар ҳоле ки ғазалҳои вай аксаран беунвонанд. Шоир, гӯё, дар хилвати рози модар ворид гардида, ормонҳову ҳавасҳои қалбии ӯро ба килки тасвир кашидааст. Дар манзари хаёли шоир модар хушбахттарин инсон аст, қалби ӯ аз бахти фарзандон дар ҷӯш меояд. Модар аз ин ки то саҳаргоҳон шабзиндадорӣ менамояд, боке надорад, хастагиеро дар хеш

эҳсос намекунад; зеро вай умеди зиёд дорад, ки тифли гаҳвораи ӯ рӯзе бузург хоҳад шуд ва фарёдраси вай хоҳад гашт. Аз ҳар нолаи тифл гӯё ки модар ҷони худро аз даст медиҳад ва аз ҳар хандаи тифл, баръакс, дубора ҷон мегирад. Бедардии тифл модарро аз ҳар дарду ранҷ фориғ медорад, аммо аз дардҳои тифл модар чун мурғи побанди қафас бар худ метапад ва ҷон меканад. Ҳарчанд ки тифл сухан ронда наметавонад ва ҳарфҳояш нофаҳманд, аммо ҳар ҳарфи ӯ барои модар аз овози булбул хуштар аст. Гул, бо он ҳама зебоиву тароваташ, дар баробари рӯйи тифл барои модар мисли хору хас аст. Барои модар давлат – ин ба ҷуз аз хобу роҳати тифлаш нест ва ӯ давлати бедорро танҳо иборат аз ҳамин чиз медонад.

Тасвири авотифи зан-модар ва ормонҳову ҳавасҳои модарии ӯ аз забони худи шоир ҳам басо таъсирбахшу зебо сурат пазируфтааст. Агар дар ғазали боло шоир феълу хислати модарро аз забони худи модар матраҳ намуда бошад, дар ғазали зер модар ва шаҳомати модарии вай аз ҷониби худи шоир мавриди таърифу тавсиф қарор гирифта, дар зеҳни шоир ба гунаи тамоман дигаре нақш гирифтааст:

Ҷон садқаи номи хушу ширини ту, модар,
Бо меҳри ту дар сина дилам ҳаст мунаввар.
Нури хиради туст ба ман шамси саодат,
Дар партави он гаштаам имрӯз ҳунарвар.
Ҳар як сухани туст маро нақшаи эҷод,
Аз туст ҳаме боғи муродам самаровар.
Бар номи ту аз шавқ даме хома биронам,
Дафтар шавадам пур зи ғазал аз паси дафтар.
Ҷуз васфи ту бар ман ҳаваси базми дигар нест,
Базми дигаре нестам аз васфи ту беҳтар.
Фирӯзии имрӯзаву фардо ба ман охир,
Бе ҳастии ту ҳеҷ намегашт муяссар [67, саҳ.37].

Чунонки дида мешавад, аввалин байти ғазали мазкур ба таври басо содаву халқӣ матраҳ гардидааст, шоир бо ифодаи халқӣ ҷони худро садқа, яъне фидои номи хушу ширини модараш менамояд, аз он меболад, ки дили ӯ дар сина бо меҳри модараш мунаввар гардидааст. Дар зеҳни шоир модар чун шахси хирадманду аҳли дониш нақш мепазирад ва чунин андеша дорад, ки нури хиради модараш барои вай шамси саодат аст ва маҳз дар партави ҳамин нур аст, ки вай дорои ҳунари суханварӣ гардидааст. Ҳар сухани модари хирадманд мояи эҷоди шоир гашта, барои вай ба ҳайси нақшаи эҷод хидмат намудааст. Ин аст, ки шоир борвар шудани боғи муроди хешро, ки он муваффақ гаштан дар суханварӣ аст, бар асари талқинҳову суханони пандомези модараш меҳисобад. Ин аст, ки ҳар гоҳе шоир ба номи модараш қаламфарсоӣ мекунад, табъи вай равон гашта, дафтар аз паси дафтар пур аз ғазал мегардад. Меҳру муҳаббат ва ҷазабаи ботинии модар ончунон шоирро руҳан тобеъ намудаанд, ки вай ғайр аз васфи модар ҳаваси таърифу тавсифи дигареро дар худ надорад. Шоир ҳамаи комёбиҳои имрӯзу фардои худро маҳсули ҳастии модараш медонад ва бар он аст, ки бе ҳастии модар ӯ бар ягон пешрафту такомул муваффақ намегашт.

Дар девони Ашур Сафар як ғазал бо радифи «модар» дида мешавад, ки аз ҳафт байт иборат буда, яке аз беҳтарин ашъори шоир дар мавзуи модар маҳсуб мешавад. Хусусияти назарраси ғазали мазкур иборат аз он аст, ки шахси модар дар он чун ғазали боло мушаххас нест, яъне тааллуқ танҳо бар модари шоир нест, балки он чеҳраи умумитар дорад, яъне зимни он шоир маънои умумии зан-модарро дар назар дорад:

Нагирам чашм аз дунёи модар,
Хаёлам банди ташвишҳои модар.
Ту гӯӣ ҳастӣ аз симоб дорад,
Ки бошад беқарор авзои модар.
Ба фарҳангам ба оби зар навиштам:

«Биҳишти тифлакон – маъвои модар»
Сафедиҳои роҳи мо ба олам
Бувад аз шири ҷонбахшои модар.
Сарам гар аз зафар то бар самояст,
Бигардад хам ба пеши пои модар.
Диламро мекушад дар сина ҳар дам
Камонгашта қади болои модар.
Ба одам одами дилсӯз кам нест,
Касе аммо нагирад ҷои модар [67, саҳ.486-487].

Чи хеле ки дида мешавад, дар ягон байти ғазали мазкур диди мушаххаси шоир нисбат ба модараш мушоҳида намешавад, дар ҳоле ки дар ғазали пеш аз ин дар ҳар байт объекти муроҷиати муаллиф модари худи шоир мебошад. Ҳарчанд ки дар ҷо-ҷои ғазали мазкур, аз ҷумла дар байти нахустин хаёли шоир каме ба шахси модараш майл мекунад, аммо дар байтҳои минбаъда – то охир мафҳуми модар ба таври умумӣ матраҳ мегардад, яъне чеҳраи умумӣ пайдо менамояд ва дар маънои куллӣ тасвир мешавад.

Яке аз вижагиҳои қобили таваҷҷуҳ дар модарномаҳои Ашур Сафар тасвири сӯзу дард ва азобҳое мебошад, ки модари ӯ дар даврони хурдсолии фарзандонаш аз сар гузаронидааст. Бояд қайд кард, ки ин сӯзҳову дардҳои модари шоир ба замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ – солҳои 1941-1945 тааллуқ дошта, таассуроти нохушоянде аз солҳои наҳси ҷангӣ мебошанд. Чунончи, дар ғазале шоир ишорати возеҳ бар ин нукта намуда, чил солро ном мебарад ва мегӯяд, ки муддати чил сол мешавад, ки модараш бар асари солҳои гуруснагӣ дар хӯрдани нон истиҳолаву эҳтиёт мекунад, то мабодо фарзандонаш аз бенонӣ гурусна намонанд:

Муддати чил сол бошад модари ман ҳафтае
Мехӯрад ноне, ки он аз луқмае ҳам камтар аст.
Тарс дорад нон хӯрад, монанд гушна тифлҳош,
Наҳси ҷангу доғи он бар ҷони талхи модар аст.

Бо хаёле мурда асту бо мураде зинда ӯ,

Чашми бедор асту доим хоб рӯи бистар аст.

Дида пӯшад гар, набошад дар худу дар ҷои хеш,

Дида бикшояд, нигоҳаш дӯхта сӯи дар аст.

Ё саре хоҳад намояд сила бо борони ашк,

Ё худаш муҳтоҷ бар ғамхори болои сар аст.

Боварам н-ояд, гаҳе гӯянд занро мушти пар,

Модари ман лек зери бори ғам мушти пар аст.

Сӯхтанҳои варо гуфтам нависам бо қалам,

Сӯхт бунёди қалам, хуноби дил бар дафтар аст [67, саҳ.456-457].

Ҳикмати ғазали мазкур иборат аз ин аст, ки шоир дар истиҳолаву эҳтиёткориҳои модар ҳисси ғамхориҳои модаронаи ӯро ифода намуда, бо ин тариқ шахси модарро дар назари хонандагон ҳамчун сарчашмаи меҳру муҳаббат нисбат ба фарзандон ва хизонаи дарду ғам ва сӯзу гудози одамӣ тасвир менамояд.

Дар девони Ашур Сафар як шеър таҳти унвони «Як хона пур аз баччаву модар ба миёна» мавҷуд аст, ки ҳарчанд ба жанри ғазал тааллуқ надорад (бо сабаби гуногунии қофияҳо), аммо ба ҷиҳати он ки мавзуи дар он матраҳшуда модар мебошад, зикри он ин ҷо зарурате низ дорад. Дар ин шеър Ашур Сафар ба ҳайси объекти тасвир модари худро мадди назар дорад, зеро чунонки дар ҷо-ҷои ашъораш ишораҳо кардааст, модари ӯ серфарзанду сернабера буда, то даврони пиронсолӣ дар ҳалқаи онҳо зиндагонии хушу пурсаодат доштааст. Шоир модари худро чун моҳи ягона ва тифлони ӯро ситораҳои гирди он қаламдод намудааст. Гирди модар кӯдакону тифлонаш шӯру мағал мебардоранд, аммо модар аз ин ҳолат ғамгин нест, баръакс вай аз ин сарнавишти хеш хушнуду хуррам аст. Олами тифлон ормони қалбӣ ва орзуи ягонаи модар аст, ӯ аз назди онҳо хоҳони рафтани ҷойи дигар нест ва ба ҷуз аз ҳузури тифлон ба дунёи дигаре меҳру муҳаббате надорад. Як хандаи кӯдак ба вай умри

ҷавон мебахшад ва як бӯсаи онон барояш аз сад лаззати дунё болотар аст. Дар қомати ҳар тифлу кӯдакаш модар ҷилваи фардои хешро ҷилвагар мебинад ва дар роҳравии ҳар кадоме аз онҳо ҳавасҳои ботинии хешро мешиканад. Шоир аз ин хонаи пур аз бачча, ки модар дар миёнаи онҳо чун моҳи ягона ҷилванамоӣ менамояд, меболад ва бо ифтихор мегӯяд, ки ободтар аз хонаи мо хонаи дигаре вуҷуд надорад:

Як хона пур аз баччаву модар ба миёна,
Тифлон ҳама истораву ӯ моҳи ягона.
Гирдаш чӣ аҷаб гиряву ҳам хандаву бозист,
Модар зи чунин шӯру мағал хурраму розист.
Аз олами тифлон наравад ҷои дигар ӯ,
Бас меҳр наварзида ба дунёи дигар ӯ.
Як хандаи кӯдак шудааст умри ҷавонаш,
Як бӯсаи кӯдак шудӣ сад кайфи ҷаҳонаш.
Дар қомати ӯ ҷилваи фардош бубинад,
Дар раҳравияш рӯи ҳавасҳош бубинад.
Як хона пур аз баччаву модар ба миёна,
Ободтар аз хонаи мо нестӣ хона [67, саҳ.108],

Дар ғазалҳои Ашур Сафар мавзуи модар ва тавсифу таърифи бузургии ӯ дар баробари мавзуъҳои ишқу муҳаббат, Ватан ва ватандӯстӣ аз мавзуъҳои қобили таваҷҷуҳ ба ҳисоб рафта, бо рангингунагии тарзи баён ва эҳсосоти махсуси шоир диққати ҳар хонандаро ба худ бештар ҷалб менамояд. Баёни феълу хислатҳои модар, авотифу зебоӣ ва бузургии вай дар ашъори Ашур Сафар ба ду гуна: аз забони худи модар ва аз забони шахси шоир роҳандозӣ гаштааст. Дар гунаи аввал шоир кӯшиш ба харҷ дода, то бузургиву шаҳомати модар аз забони зан-модар баррасӣ гардад ва хонанда шахсияти модар, феълу атвор ва сифатҳову хислатҳои ӯро аз забони худи вай ошно гардад. Аммо ин тарзи тасвири модар дар ашъори шоир нисбат ба гунаи дувум камтар ба назар мерасад.

Тасвири ҳақиқии зан-модар ва ҷаззобияту ҷолибияти он бештар аз ҷониби худи шоир сурат пазируфта, манзараи воқеии табиати модар бештар аз забони шоир мавриди тасвир қарор гирифтааст.

## II.4. Мавқеи панду ҳикмат дар ғазалиёти Ашур Сафар

Дар эҷодиёти Ашур Сафар, хусусан дар ғазалиёти ӯ, панду ҳикмат мавқеи басо назаррас дорад. Дар девони шоир, умуман, ғазале вуҷуд надорад, ки дар он нишоне аз суханони ҳикматомез мавҷуд набошад. Ин пандҳо дар шакли абёти алоҳида ё дар таркиби тамсилҳои шоир мушоҳида мешаванд. Агар ҳам пандҳои бетамсил, ки мо онҳоро холис унвонгузорӣ кардаем ва ҳам пандҳои дар тамсилҳои шоир истифодашударо дар таҳқиқоти хеш баррасӣ кунем, кори мо дар ҳаҷми як фасл зарфияти гунҷоиши онҳоро надорад. Бинобар ин, пандҳоеро, ки ҳамчун мақолу масал ё ирсоли масал дар ғазалҳои шоир дар таркиби байтҳои тамсилии ӯ корбурд шудаанд, мо дар фасли марбут бар тамсилҳои вай баррасӣ менамоем ва ин ҷо танҳо пандҳои холиси ӯро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ашур Сафар дар ғазалиёти хеш дар тамоми мавзуъҳои ҳаётӣ панде ёфта, онҳоро бо услуби ба худ хос дар силки назм кашидааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки панду андарзҳои Ашур Сафар, аслан, маншаи ҳаётӣ дошта, хонандаи худро дар роҳи пурнишебу фарози зиндагӣ тарбияи маънавӣ медиҳанд. Худи шоир аз панди рӯзгор моя гирифтанро сабаби пухта шудани инсонҳо мешуморад:

Аз панди рӯзгорон пухта шавем охир,
Тумч аст дар забонҳо себе, ки хом бошад [67, саҳ.478].

Дар ғазалҳои Ашур Сафар ҷузъиёти зиёди ҳаёту рӯзгор, ки инсонҳо мудом бар онҳо бархӯрд мекунанд, тавассути панду ҳикмат баррасӣ шудаанд.

Як хусусияти пандҳои шоир иборат аз он аст, ки ӯ дар ҳаёт ба халқ такя карданро муҷиби саодатманд гаштан меҳисобад ва муддаӣ аст, ки

ҳар касе, ки дар ҳаёт аз халқ ва таҷрибаҳои он ибрат намегирад ва онҳоро дар зиндагии рӯзмарраи хеш истифода намебарад, чун нахли береша аст, ки самар намедиҳад:

Ҳар ки ба халқ такя кунад, босаодат аст,

Бе реша нахл ҳеҷ самарвар намешавад [67, саҳ.478].

Шоир панд медиҳад, ки одамӣ аз халқ обрӯ мегирад, яъне дар миёни халқ зистан ва бо ҳаёти он ҳамнафас будан сабаби меҳру муҳаббати халқ нисбат ба инсон хоҳад шуд:

Бузургон обрӯ ёбанд аз халқ,

Баландиҳои қулла аз замин аст [67, саҳ.456].

Як мавзуъе, ки дар ғазалҳои Ашур Сафар бисёр мушоҳида мешавад, ин эҳтироми падару модар мебошад. Шоир таъкид мекунад, ки агар модари худро дӯст медорӣ, ин кори бас накуст; дар баробари ин кӯшиш намо, ки аз андарзи падар рӯй нагардонӣ, зеро дар ҳаёти инсон панди падар басо зарур аст:

Модари худро агар ту дӯст дорӣ, офарин!

Саркашӣ аммо зи андарзи падар кардан хатост [67, саҳ.456].

Дар пандномаҳои шоир эҳтироми падару модар – ҳар ду баробар таъкид гардида, ҳар ду дар ҳаёти инсон аз мақоми бузурге бархӯрдоранд. Ин аст, ки ҳар ҷо аз иззати модар сухан мекушояд, мақоми падарро низ баррасӣ менамояд:

Модарон меҳр аз ҷигар доранд бар фарзандҳо,

Ҳар куҷо бошад падар пушту паноҳи беқиёс [67, саҳ.489].

Модар дар пандномаҳои шоир агар ҳамчун рамзи меҳру муҳаббат, касе ки моломоли меҳр аст ва ҳамчун касе ки нисбаташ бояд ишқ дошта бошӣ, тасвир гашта бошад, падар ҳамчун симои шахси ҳаким ва дорои панду ҳикмат таҷассум гардидааст:

Касе берун зи андарзи падар рафт,

Падарро дар ду дунёяш писар нест [67, саҳ.458].

Яке аз мавзуъҳои асосӣ дар пандномаҳои Ашур Сафар – ин қадри устод, омӯзгор ва роҳбар аст. Ба андешаи шоир, ҳар ки аз сухани устоду роҳбар берун по ниниҳад ва бар тибқи роҳнамоии вай амал кард, рӯзе худ низ ба мақоми баланди роҳбарӣ сазовор хоҳад шуд:

Ҳар ки панди раҳбарашро хуб донисту шунид,
Як замон бар хеш ё бар дигарон раҳбар шавад [67, саҳ.467].

Зеро бе роҳбар, ки сабаби рушду нумуъ ва сабзидани туст ба ҷое нарасӣ:

Макун уммеди сабзидан, туро гар дастгире нест,
Ниҳол аз боғбон дар боғ сар афрохтан дорад [67, саҳ.476].

Ин мояи хушбахтӣ аст, ки инсон ба қадри устоди хеш мерасад:

Турфа шогирде, ки ӯ бар қадри устодаш расад,
Хуб бошад, к-аз муриди нохалаф гардӣ халос [67, саҳ.489].

Меҳру муҳаббат ба фарзанд, талқини фарзандон ба омӯзиши илму ҳунар яке аз мавзуъҳои панду андарзҳои Ашур Сафар ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар байти зер шоир меҳри фарзандиро барои инсон таъкид намуда, ишора менамояд, ки ҳар касе ки дар андешаи парваридани насл, яъне ба дунё овардани фарзанд нест, дар қалби вай нисбат ба фарзанд меҳру муҳаббат вуҷуд надорад ва ӯ бадбахт аст. Дар ин бобат шоир шахси худро мисол меоварад, ки соҳиби фарзандон аст ва аз меҳри онҳо хонаи қалби худро мунаввар гардонидааст:

Бемеҳр бошад он ки насле напарваридаст,
Аз меҳри баччагонам пурмеҳру ғамгусорам [67, саҳ.491].

Аммо шоир, бо вуҷуди талқини меҳру муҳаббат нисбат ба фарзандон, дар тарбияти онҳо сахтгир буданро таъкид менамояд. Аз ҷумла, дар байти зер чунин андеша дорад, ки фарзанди беҳунар ҳеҷ гоҳ соҳиби қадру манзалат ва обрӯву эътибор намешавад ва бо сухани сахт мегӯяд, ки беҳтар аст, ки ба ҷойи писари беҳунар модар духтар бизояд:

Беҳунар бошад писар, қадре надорад ҳеҷ гоҳ,

Беҳ, ки аз модар ба ҷои ин писар духтар шавад [67, саҳ.467].

Бинобар ин, таъкид менамояд, ки баҳри ба даст овардани давлат инсон бояд донишу фарҳанг ва ҳунар омӯзад:

Ба одам хӯрдану пӯшидан аз servo даври куҳан будаст,

Бадавлат он, ки гирди маснади фарҳанг мегардад [67, саҳ.469].

Аз ин рӯ, фарзандро зарур аст, ки доимо дар талаби омӯзиш ва ҳунаромӯзӣ бошад ва аз дабистон дур нагардад; зеро дар сурати акс ӯ кӯчагарду беҳудагард хоҳад шуд ва кӯчагардӣ ӯро ба оворагию сарсонӣ бурда мерасонад:

Кӯчагардӣ баччаро пеш оварад оворагӣ,

Хислати неку ба одам дар дабистон офаранд [67, саҳ.468].

Омӯзиши илму дониш касро хирадманд мегардонад ва инсони хирадманд чун равған доимо болонишин аст:

Хирадманд аст дар ҳар ҷо хирадманд,

Ба оби дег равған рӯнишин аст [67, саҳ.456].

Пандҳои Ашур Сафар ҳамагӣ маншаи воқеию ҳаётӣ дошта, инсон, ба хусус насли ҷавонро мудом ба саъю талош раҳнамоӣ менамоянд. Шоир таъкид менамояд, ки дар ҷодаи зиндагӣ инсон бояд ранҷ кашад ва мушкилотро таҳаммул намояд. Зеро, ба андешаи вай, ранҷ нобурда, талаби обрӯ ва шаъну шуҳрат намудан, ин бешармӣ ва бенангӣ аст. Шоир бар чунин шахсон, ки обрӯю шуҳрати беранҷро мехоҳанд, нафрат мехонад:

Набурда ранҷ, шуҳрат хостан як навъи бешармист,

Танофур бод бар оне, ки дур аз нанг мегардад [67, саҳ.469].

Ба андешаи шоир, касе ки бо ранҷу заҳмат рӯз мегузаронад ва чӣ будани мушкилоти зиндагиро сарфаҳм меравад, бо касоне ки дар зиндагӣ ризқи муфту бе дарди миён меёбанд, ҳамдам намешавад:

Он ки бо заҳмати худ рӯз барад,
Ба муфтандӯхта ҳамдам нашавад [67, саҳ.471].

Он кӣ дар банди саъю талош ва мубориза аст, бар орзуи худ хоҳад расид:

Сабру оромӣ куҷо дорад дили шайдошуда,
Ҳар ки дар банди талош аст, орзуяш дур нест [67, саҳ.456].

Як мавзуъ дар пандномаҳои шоир, ки бо мавзуи боло, яъне саъю кӯшиш робитаи ногусастанӣ дорад, ин мавзуи нангу номус ва бо дастранҷи худ дарёфт кардани рӯзӣ аст. Ашур Сафар талқин менамояд, ки агар ту марди бонангу номусӣ, аз касе уммеди чизе накун, бо ранҷи дасти худ мушкилоти хешро бартараф намо, зеро аз касони пастфитрат набояд уммеди хайру сахо дошт:

Уммед зи нокас манамо, гар ту банангӣ,
Дар ганданиҳодон зи азал бӯи сахо нест [67, саҳ.457].

Касе ки нангу номус дорад, - таъкид менамояд Ашур Сафар, - метавонад неъмате ҳосил кунад ва бар орзуи худ расад, аммо, он ки бенанг аст, доим дар андешаи хӯрдан аст:

Он ки дорад нанг, хоҳад неъмате ҳосил кунад,
В-он ки бенанг аст, доим дар талоши хӯрдан аст [67, саҳ.460].

Яке аз мавзуъҳое, ки Ашур Сафар дар пандномаҳои хеш бар он мукаррар муроҷиат мекунад, ин ситоиши хайр ва ҷавонмардию некӣ ва бар хилофи он, танқиди бухлу мумсикӣ ва дигар хислатҳои пасти одамӣ аст. Аз ҷумла, дар байти зерин шоир амали неку ҷавонмардона, яъне нафъ расонидан ба мардумро барои инсон шарти олӣ шумурда, мақсуди ҳаёти одамиро дар некӣ кардан медонад:

Ба мардум нафъ додан шарти олист,
Умеди зиндагонӣ дар ҳамин аст [67, саҳ.456].

Дар ҷаҳон аз кардаҳои инсон танҳо кори наку боқӣ хоҳад монду бас, дигар ҳар чи ояд, зудгузару маргпазир аст:

Ҳар чӣ ояд, гузарад, кори наку монад абад,

Неку бад аз назари ақли расо мегузарад [67, саҳ.482].

Шоир одамонеро, ки кори хайр мекунанд, сутуда, хайри ононро муҷиби дарозумрии онҳо мешуморад ва баръакс, амали касони бадкорро сабаби зоеъ шудани умри онон медонад:

Хайрхоҳон аз ҳисоби хайр умре ёфтанд,

Дар ҷаҳон бадкардагон бар умри худ зомин шуданд [67, саҳ.480].

Ба ақидаи шоир, инсони ҷавонмард, яъне касе ки сифати олиҳимматӣ дорад, бо дидор ва ҳузури меҳмон Ҳотам мешавад, аммо инсони хасис аз ҳузури меҳмон дилкафу нороҳат мегардад:

Ҷавонмард аз паю дидори меҳмон мешавад Ҳотам,

Хасис аз мақдами кас дилкафу беҳанг мегардад [67, саҳ.469].

Ашур Сафар қайд менамояд, ки ҳар амале, ки бар сари инсон меояд, он хоҳ неку хайр аст, хоҳ бад, онро худи инсон содир мекунад, он натиҷаи кирдорҳои худи ӯст:

Ҳар чӣ ояд бар сарат, аз кардаи худ оядат,

Ҷав зи ҷав дар киштаҳо гандум зи гандум бидраванд [67, саҳ.477].

Аммо, аъмолу кирдорҳои неку ҷавонмардона, чунонки шоир мефармояд, бояд меъёр ва ҳадди худро дошта бошад; некӣ ва хайру эҳсонро барои ҳар кас набояд иҷро кард, онро дониста бояд кард, зеро хайрхоҳӣ нисбат ба нокасон ҷоиз нест, онҳо аз хайри ту мағруру нокастар мешаванд:

Хайрро ҳам бар кӣ бояд кард донистан зарур,

Нокас аз хайри касон мағруру нокастар шавад [67, саҳ.467].

Чун аз пастиҳо бар баландиҳо расидӣ, зинҳор ба пастиҳо санг напарто, фаромӯш масоз, ки худ низ рӯзе дар ин пастиҳо қарор доштӣ:

Бар баландӣ рӯ ниҳӣ аз пастие, роҳат ба хайр!

Аз баландиҳо ба поён санг ҷар кардан хатост [67, саҳ.456].

Як мавзуи назаррас дар пандномаҳои Ашур Сафар андеша аз рӯзи пастиҳо аст, яъне рӯзҳои пасти ҳаётро фаромӯш накардан ва андешидани оғози кор. Шоир таъкид менамояд, ки ҳар гоҳ дар ҳаёт баландпарвоз шудӣ, яъне ба баландиҳо расидӣ, аз пастиҳо ғофил мабош, зеро бидон, ки уқоб аз баландиҳо ҳамеша чашм ба пастиҳо дорад:

Чу боло меравӣ, аз пастиҳо ғофил машав ҳаргиз,

Ба пастиҳо уқоб аз қулла чашм андохтан дорад [67, саҳ.476].

Зеро ҳар ки ҳангоми давидан ба зери пойи худ аҳамият намедиҳад, ҳатман меафтад:

Чу бошӣ дар давидан, ёд меовар фитоданҳо,

Биафтад он, ки пеши по надида тохтан дорад [67, саҳ.476].

Ҳар кореро, ки ба анҷом расонидаӣ, дар оғози он андеша кун ва бидон, ки бинои хона пойдевор аз сангу шағал дорад ва мабодо ки ин сангу шағал фурӯ раванд:

Чу анҷоми накуе бинӣ, оғозаш ба ёд овар,

Бинои хона подевор аз сангу шағал дорад [67, саҳ.478].

Мавзуи дигари назаррас дар пандномаҳои Ашур Сафар – ин таърифи хоксорию шарм ва хомӯшию кам сухан гуфтан ва, баръакс, танқиди кибру ғурур маҳсуб мешавад. Шоир хоксориро шавкат, яъне шукӯҳи инсонӣ шумурда, онро дороии ҷон маънидод менамояд:

Хоксорӣ шавкати хуб асту дороии ҷон,

Бар ҷаҳони кибр гӯй онро кашонданҳо чаро [67, саҳ.452].

Ғурури инсониро шоир «лофи яктоӣ» унвон дода, панд медиҳад, ки одамӣ набояд дар зиндагӣ лофи яктоӣ занад ва, ба ифодаи маъруф, манманӣ намояд; зеро чунонки кабк аз фарёд сари худ аз даст медиҳад, шахси мағрур низ бо лофу манманӣ рӯзе шахси худро зери хатар мегузорад:

Набояд лофи яктой задан дар ҳеҷ ҷо охир,

Ки аз фарёди ноҷо кабк сар дар бохтан дорад [67, саҳ.476].

Шарм ва хомӯшӣ назди шоир, аслан, айни як чизанд, зеро инсони шармгин худ камсухан аст ва дар ҳар ҷо беҳуда даҳон намекушояд. Шоир шармро ҳусни инсон ва дар назди аҳли фазл риоя кардани хомӯширо амали шоиста муаррифӣ мекунад ва чунин андеша дорад, ки ҳар касе ки хомӯш аст, ӯ хирадманд аст ва сухани бисёреро медонад:

Шарм одамро бубахшад ҳусни хос,

Пешгуфтори адаб бошад салом.

Пеши аҳли фазл хомӯшист хуб,

Корд бе зангор монад дар ниём [67, саҳ.496].

Гапи бисёр донад, он ки хомӯш аст,

Палав дар дег пухта, зери сарпӯш аст [67, саҳ.534].

Пандҳои Ашур Сафар ҳамагӣ одамиро дар зиндагӣ руҳбаланд намуда, ӯро ба сӯйи уммедҳою орзуҳои нек раҳнамой мекунанд ва, баръакс, руҳафтодагиро дар инсон кам мегардонанд. Чунончи, дар байти зерин шоир талқин менамояд, ки инсон бояд ҳаргиз аз гузаштани умру заиф гаштани тан нанолад ва руҳафтода нагардад, чунки аз пайи ҳар хазон баҳоре хоҳад омад ва ҳар мушкиле дар ниҳоят осон хоҳад гашт:

Аз шитоби умру аз заъфи бадан ҳаргиз манол,

Сол дорад ҳам баҳору ҳам хазон андар ҳисоб [67, саҳ.454].

Ин аст, ки дар ҳама панду андарзҳои Ашур Сафар як ҷанбаи назаррас: ҳаётӣ ва воқеӣ будани онҳо сахт мушоҳида мешавад. Агарчи Ашур Сафар дар пандномаҳои хеш ба мавзуъҳои зиёде муроҷиат намуда, чунонки намунаҳои зиёди онҳоро дар боло овардаем, аммо чанд мавзуъ - кӯшиш барои ҳаёти хубу осоишта, аз заҳмату мушкилоти ҳаёт дилсарду руҳафтода нашудан, доимо некию хайрхоҳӣ кардан, дорои ахлоқ ва хислатҳои неки инсонӣ будан, парҳез аз бахилию мумсикӣ ва кибру ғурур, аз мавзуъҳои аввалдараҷа дар пандномаҳои вай маҳсуб

мешаванд. Басомади руҷуъ ба ин мавзуъҳо нисбат бар дигар мавзуъҳои ахлоқӣ дар ғазалҳои шоир бештар аст, ки ин аз таваҷҷуҳи бештари ӯ бар ин мавзуъҳо шаҳодат медиҳад.

## II.5. Мавзуи ҳаҷв дар ғазалиёти Ашур Сафар

Мавзуи ҳаҷв дар ғазалиёти Ашур Сафар ҷойгоҳи назаррас дорад. Нависандаи маъруф Фазлиддин Муҳаммадиев, ки Ашур Сафарро падархонд мехонд, дар як мақолае, ки бо ҳамин ном (яъне: «Падархонд») навишта буд, қайд менамояд, ки нахустин устоди Ашур Сафар дар ҳаҷвнигорӣ шоири халқӣ Саидалӣ Вализода ба ҳисоб рафта, дар тарзи сухангӯйии вай, ҳамчунин, «идомаи сабки устод Боқӣ Раҳимзодаро низ метавон мушоҳида кард» [120, 43]. Аз 390 ғазале, ки дар охирин маҷмуаи ашъори шоир дида мешаванд, ҳудуди 30-35 ғазал аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа ҳаҷвию шӯхиомез буда, боқимонда, яъне 370-тои онҳо дорои мавзуъҳои ғайриҳаҷвиянд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар ғазалиёти дигари шоир суханони ҳаҷвомез ё дорои нукоти ҳаҷвию мутойибаӣ тамоман вуҷуд надошта бошад; дар ғазалҳои ҷиддии шоир ҳам, ки ба мавзуи Ватан, сулҳу ваҳдат, ишқу муҳаббат, модар ва монанди инҳо бахшида шудаанд, гоҳ-гоҳ ифодаҳою андешаҳои шӯхиомез низ мушоҳида мешаванд. Аммо, ҳақиқат ин аст, ки миёни анбӯҳи ғазалҳои шоир теъдоди муайяни он сирф иборат аз ҳаҷву мутоиба мебошанд, ки дар пардаи шӯхию мутоиба ва танқиди ҷузъиёти ҳаёт ифода гаштаанд.

Ғазалҳои ҳаҷвомези Ашур Сафар мавзуъҳои гуногунро дар бар гирифта, аз ин нигоҳ аз ғазалҳои ҷиддии вай тамоман фарқ менамоянд. Асоситарин мавзуъҳое, ки шоир дар ғазалҳои ҳаҷвии худ бар онҳо муроҷиат кардааст, инҳо ҳаҷву масхараи одамони порахӯр, сардорони нисбат ба интизоми меҳнат бепарво, коргурезии одамон, тамаллуққории бархе аз одамон, масхараи шоиртарошон ва касоне, ки барои тамаллуқи дигарон шеър эҷод менамоянд, нисбат ба кори ҷамъиятӣ содиқ набудани мардум, коргурезии колхозчиён ва аҳли саҳро, мардумфиребии мудири

ферма, ҳаннотиву мардумфиребии аҳли савдову дӯкондорон, танқиди мардуми иғвогару ғайбатчӣ ва монанди инҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ғазалиёти ҳаҷвии шоир норасоиҳо ва камбудиҳои ҷомеа ва муҳит мавриди ҳаҷву тамасхур қарор гирифтаанд. Бояд зикр кард, ки андешаҳои ҳаҷвии шоир махсусан ба ҳаёти даврони шуравӣ тааллуқ доранд, зеро аксари онҳо дар маҷмуаҳои дар замони шуравӣ бачопрасидаи вай мушоҳида мешаванд. Чунонки аз ғазалҳои ҳаҷвии шоир дида мешавад, вай ба мавзуъҳои ҷузъитарин таваҷҷуҳ намуда, кирдору рафтори ноҷову ношоистаи мардуми ҷомеаашро мавриди ҳаҷв қарор додааст. Аз ҷумлаи ин мавзуъҳои ҷузъӣ мавзуи пора [67, саҳ.57], масхараи раис ва маҷлиси панҷдақиқаҳа [67, саҳ.562], раис ва хислати ӯ дар маҷлис: танқиди болотарак аз ӯ, таърифи домодҳои хушпулу бадавлат [67, саҳ.583], танқиди ҳаҷвомези шоирнамо ё булфузул [67, саҳ.584], ҳаҷви сардори бепарво [67, саҳ.604], ҳаҷви мардуми бепарво аз забони дарахтони бурида [67, саҳ.604], ҳаҷви Даврони равғанфурӯш [67, саҳ.610]. ҳаҷви савдогари ҳаннот [67, саҳ.610-611], ҳаҷви ғайбатхӯҷаҳо [67, саҳ.611], масхараи пахтачинон [67, саҳ.615], масхараи мудири база [67, саҳ.617], масхараи Эшони савдогар [67, саҳ.625], мурғи сертухм [67, саҳ.633-634], масхараи забондарози вазифаҷӯ [67, саҳ.639], ҳаҷви заминҳои беобу алаф [67, саҳ.640], ҳаҷви лектор [67, саҳ.648], ҳаҷви сардор ва хушомадгӯёни вай [67, саҳ.678] ба шумор мераванд.

Ҳаҷвиёти Ашур Сафар дар ғазалҳояш ва, умуман, дар тамоми ашъораш, ҳамин хел ҳаҷви холӣ нестанд ва мақсади шоир аз онҳо танҳо ҳаҷву масхараи афроди ҷомеааш нест. Ҳаҷвҳои вай, аслан, ба манзури танқид ва нуктагирӣ роҳандозӣ шудаанд ва мақсади асосии шоир ҳам аз ҳаҷв, асосан, ба риштаи танқид кашидани норасоиҳои ҷомеааш мебошад.

Аз ҷумлаи мавзуъҳое, ки дар ғазалҳои ҳаҷвии Ашур Сафар бештар аз дигар мавзуъҳо ба назар мерасад, ин танқиду ҳаҷви сардорони

фориғбол ва мардумфиреб ба ҳисоб меравад. Дар девони шоир чанд ғазал маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд, ки аз оғоз то анҷом дар онҳо шоир кӯшидааст чунин сардоронро мавриди ҳаҷву танқид қарор диҳад. Аз ҷумла, дар ғазали зерин шоир манзараи воқеии як сардорро ба таври басо таъсирбахш ба тасвир кашида, дунёи ҳақиқии сардорони нисбат ба кори пурмасъулият бепарворо кушодааст:

Сари сардор дар афлок дидам,
Валекин чеҳрааш ғамнок дидам.
Аз афташ завҷааш ҷанҷол кардаст,
Ки ҷайби куртаашро чок дидам.
Хушомадгӯи деринро ба гирдаш
Ба сар дар гардишу чолок дидам.
Ки гӯӣ мисли море даври поя
Ба боло печ-печон ток дидам.
Магар котибааш аз гап хабар дошт,
Ки ӯро дар сухан бебок дидам.
Замин ҷунбида буд оё дар он ҷо,
Фитода рӯи фаршаш хок дидам.
Ба берун кундаи ғафсу калоне
Дарунпӯсидаву ковок дидам [67, саҳ.678].

Ҳадафи шоир дар ғазали мазкур тавассути ҳаҷву масхара ба риштаи танқид кашидани чанд нуктаи муҳим аст, ки ӯ онҳоро дар шахси сардор дарёфтааст. Якум, дар муҳити оилаи сардор ҳукмфармо набудани муносибати солими оилавӣ, ҳол он ки ӯ бояд, баръакс, миёни ҳамкорони худ дар мавзуи ҳаёти оилавӣ намунаи ибрат бошад. Дуюм, иллати ин вайронии муносибати оилавӣ миёни сардор ва завҷааш, чунонки шоир дар абёти баъдии ғазал ишорат намудааст, котибаи ӯст. Котиба аз муносибати носолими оилавии сардораш, ба ҷойи он ки изҳори андӯҳ кунад ва ӯро таскин диҳад, баръакс, бо вай бебокӣ карда, бо ин роҳ хурсандии худро нишон медиҳад. Ин баёнгари он аст, ки миёни сардор

ва котибааш чӣ муносибати пинҳоние мавҷуд аст. Сеюм, сардор ҳанноту судхур аст. Шоир инро тавассути чоки ҷайбҳои сардор нишон медиҳад ва бар он ишорат менамояд, ки ҳангоми ҷанҷоли хонаводагӣ завҷааш кисаҳои ӯро даронда, пулҳояшро ба зӯр аз вай гирифтааст, то онҳоро дар маишат бо котибааш сарф накунад. Чаҳорум, сардор тамаллуқу хушомади дигаронро дӯст медорад. Ин баёнгари он аст, ки ӯ судхӯрию ришваситониро низ дӯст медорад, зеро аксаран хушомаду тамаллуқ маҳз барои муносиботи пулию молӣ ва манфиатҳои шахсӣ ба кор мераванд.

Ҳамчунин, дар ғазали таҳти номи «Гуфтам: Ба чашм» ва бо матлаи:

Хӯҷаин гуфто: Фақат бар ман нигар! Гуфтам: Ба чашм!

Ман падар, мебош бар ман ту писар! Гуфтам: Ба чашм! [67, саҳ.617], ки дар пайравии ғазали маъруфи Камоли Хуҷандӣ эҷод гардидааст, Ашур Сафар сардори соҳаи савдо ва савдогари тамаллуқкори ӯро ҳаҷву масхара карда, бо ин роҳ ҳаннотию фиребгариии масъулони соҳаи савдоро фош намудааст. Аз сарвари соҳаи савдо шоир бо унвони «хӯҷаин», ки дар даврони шуравӣ истилоҳи маъруф шуда буд, ном гирифта, дар симои вай тамоми ҳаннотони ҷомеаашро тасвир намудааст. Хуҷаин ба савдогари худ хитоб менамояд, ки тибқи суханони вай амал кунад, аз хатти кашидаи вай берун қадам намонад, ӯро ҳамчун падар ва худро чун писар бидонад; ҳар вақте ягон моли нодир ворид шавад, онро ғайр аз вай ба каси дигаре нишон надиҳад; рӯймолҳои пашминро, ки камёбу нодиранд, дар ҷое пинҳон намояд ва ҳар касе ки пурсад, худро кӯру гунг бигирад; то ӯ рухсат надиҳад, молҳоро нафурӯшад ва агар бифурӯшад, ба нархи қимат фурӯшад; барои қимат фурӯхтани молҳо даллоли фиребгаре ёбаду дар ивази як моли ваъдагӣ онҳоро ба нархи хуб фурӯшад; аз кунҷковҳо барҳазар бошад, то аз молҳои пинҳонӣ воқиф нашаванд; ҳафтае як бор назди ӯ барои ҳисобот омада, аз фурӯши молҳо ӯро огоҳ созад; зеро манфиати бадастомада барои ҳар ду ҳукми ҷонро

дорад; то ин ки вай доимо дар «тахти амал», мансаб бошад, ӯ низ бояд бар ин «ганҷи равон» роҳбарии хуб бикунад.

Ғазалҳои ҳаҷвии Ашур Сафар, аксаран, ба замони шуравии фаъолияти шоирии вай тааллуқ доранд, аз ин рӯ, дар онҳо шахсиятҳо ва аъмоли замони мазкур бештар зери тозиёнаи танқиду ҳаҷв гирифта шудаанд. Бинобар ин, метавон гуфт, дар ғазалҳои ҷанбаи ҳаҷвию танқидӣ доштаи шоир лаҳзае ё ҳолате аз ҳаёти даврони шуравӣ ва ҷомеаи шуравӣ ҳадафи танқиди шоир қарор гирифтаанд.

Ҳаҷву танқиди мансабталошон ва тамаллуқу хушомади онон баҳри гирифтани мансаб дар назди мансабдорони болотар аз ӯ, яке аз мавзуъҳои назаррас дар ғазалиёти ҳаҷвии Ашур Сафар маҳсуб мешавад. Шоир дар аксари ғазалҳои ҳаҷвии хеш ба ин мавзуъ руҷуъ карда, кӯшишҳои мансабхоҳонаи онҳоро бо таври ба худ хос ҳаҷву масхара кардааст. Аз ҷумла, дар ғазали зери унвони «Забондароз» ҳамин мавзуъ аз ҷониби шоир баррасӣ гашта, ҳадафи ҳаҷву масхара қарор гирифтааст:

Дар ҷустуҷӯи мансаб будию боз бошӣ,
Гирди вазифадорон аспи ҷувоз бошӣ.
«Фардо биё»-и эшон гарчи надорад охир,
Аз ваъдаҳои эшон гарданфароз бошӣ...
Сардор гашта безор аз дум ликондани ту,
Баргашта боз бар вай бас дилнавоз бошӣ.
Гоҳе ба ҷон расида, гӯяд, ки рав зи пешам,
Ҳар чӣ бигӯяд, аз он дар тахти ноз бошӣ [67, саҳ.639].

Яке аз мавзуъҳои калидӣ дар ғазалиёти ҳаҷвӣ ва хусусияти танқидӣ доштаи Ашур Сафар – ин тасвири каҷравиҳою мардумфиребӣ ё ҳаққимардумхӯрии шахсиятҳои алоҳидаи даврони шуравӣ, амсоли сарварону роҳбарони корхонаҳо, порахӯрони коргоҳҳо, махсусан, аҳли савдо мебошад. Чунончи, дар ғазали зери унвони «Хизмати хирсона» бо матлаи:

Хизмати хирсонае дирӯз Даврон карда монд,

Бандаро дар ҷои равғандор меҳмон карда монд,

шоир кӯшидааст, ки ҳаннотию фиребгарӣ ва қиматфурӯшию тарозузании савдогари равған бо номи Давронро фош намояд [67, саҳ.610]. Шоир дар ин ғазал кӯшидааст, ки дар мисоли амали ғайриқонунии Даврони савдогар кулли кормандони соҳаи савдоро, ки ба амали нораво даст мезананд, танқид намояд.

Дар ғазали зери унвони «Чӣ гуфтан метавон» низ, дар баробари танқиду ҳаҷви чоплӯсону лаққиён ва каҷравону фиребгарон, шоир, ҳамчунин, савдогарони ҳаннотро зери тозиёнаи танқид қарор додааст. Чунончи:

Дӯш кардандам ба дӯконе фиреб,

Фанди савдоро чӣ гуфтан метавон?

Садри савдояст ҳанноти калон,

Наҳсбоборо чӣ гуфтан метавон? [67, саҳ.611]

Дар ғазали таҳти унвони «Дар фармони Эшон», ки матлааш чунин аст:

Фитодам чанд дар фармони Эшон,

Нахӯрдам гарчи як лаб нони Эшон [67, саҳ.625-626].

шоир дар симои як савдогаре бо номи Эшон ҳаннотию мардумфиребии аҳли савдоро инъикос кардааст. Шоир чи тавр ба доми фиреби Эшон қарор гирифтанаш, ба чути ҳисобкунӣ худро андармон кардани савдогар ва аҳамият надодану писанд накардани харидорон, бо харидорон муомилаи беэҳтиромона кардан, ба харидорон писханду мазоҳ кардани шогирдони Эшон ва дигар ҳолатҳои савдои ӯро ба таври басо ҳунармандона тасвир намудааст.

Яке аз мавзуъҳои назаррас дар ғазалҳои ҳаҷвии Ашур Сафар – ин ҳаҷву масхараи шахсоне мебошад, ки аз худ донишманду фозил метарошанд. Аз ҷумла, дар ғазале зери унвони «Шеъраке гуфтӣ» мавзуи

тасвир ҳаҷву масхараи як нафар шахси шоиртарош мебошад, ки шоир номи ӯро наовардааст:

Хонда-хонда одами «доно» шудӣ,
Аз ҳама, бо қавли худ, боло шудӣ.
Шеъраке гуфтӣ бо тақлид аз ҳавас,
Бо ҳамин гӯё суханоро шудӣ.
Чун зи ту «донотаре» номат гирифт,
Берун аз худ гашта, нопайдо шудӣ...
Рафта-рафта дар нигоҳи хештан
Номию машҳур дар дунё шудӣ.
Дунчунон «сабзида» рафтӣ, к-оқибат
Косалеси ходими савдо шудӣ [67, саҳ.584].

Дар ғазали зери унвони «Ғазали сода» шоир танбалию коҳилӣ ва коргурезии одамони ҷомеаи даврони шуравӣ, аз ҷумла ҳомиёни кӯчаву боғ, омири низому тартиби ҷамъятиро танқиду масхара кардааст. Дар симои онҳо шоир мардуми коҳилу коргурез ва маишатҷӯро инъикос намудааст. Аз ҷумла:

Баҳор асту хиёбонҳо пур аз гул,
Валекин байни гулҳо пода бисёр.
Ба дасти ҳомиёни кӯчаву боғ
Чу қабристони куҳна хода бисёр.
Ба пеши омири дар зери туте
Қатори шишаи бикшода бисёр [67, саҳ.604].

Дар ғазалҳои ҳаҷвии Ашур Сафар ҳадафи асосии муаллиф иборат аз ҳаҷву масхараи ҷомеаи даврони вай набуда, балки танқиди аъмолу кирдорҳои зишти одамони судхӯру фиребгар ва ҳанноту ришвахӯр дар мадди аввал қарор дорад. Аммо ин танқидҳои шоир дар пардаи ҳаҷву масхара ва мутоиботи латиф таҷассум гашта, таъсири худро боз ҳам бештар намудаанд. Бинобар ин, дар тамоми ғазалҳои ҳаҷвии шоир ва,

умуман, тамоми ашъори хусусияти ҳаҷвӣ доштаи вай, новобаста ба жанру шаклҳои шеърӣ, як навъ латофати гуфтор омехта бо кинояву маҷоз эҳсос мешавад. Дигар ин ки дар ғазалҳои ҳаҷвии шоир ҳаҷву танқид ба шахсиятҳои алоҳида нигаронида нашуда, хусусияти умумиро доро мебошанд. Агарчи баъзеи ғазалҳои шоир дорои унвонҳои алоҳида буда, ба шахсиятҳои ҷудогона бахшида шудаанд, мақсад ва ҳадафи муаллиф ба боди ҳаҷву танқид кашидани на як шахси алоҳида, балки умуман, ҳадафи танқиду қарор додани кирдорҳои ношоистаю зишти ҷомеааш ба ҳисоб меравcovers. Бинобар ин, агар шоир дар ғазалҳои хеш баъзе сарварони муассисаҳо, садру роҳбарони корхонаҳо, савдогарону тоҷирон, баъзе шоирону ашхоси табақаҳои гуногунро ҳаҷву масхара карда бошад, манзури вай танҳо шахсони алоҳида набуда, балки он хусусияти умумӣ ва ҳадафи муайян дорад.

Дар анҷоми боб метавон қайд намуд, ки дар ғазалиёти Ашур Сафар мавзуъҳои марказӣ ва ҳукми калидӣ дошта – инҳо мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ, таблиғи сулҳу ваҳдат, тасвири ишқу муҳаббати самимӣ, бузургдошти зан-модар, андешаҳои пандуҳикматӣ ва ҳаҷву мутоибаҳои шоир ба ҳисоб меравand. Бо вуҷуди он ки дар баробари мавзуъҳои мазкур дар ғазалиёти шоир тасвири табиат ва зебоиҳои он, таърифу ситоиши шахсони гуногуни таърихию фарҳангӣ, дарҷи нукоти таърихӣ ва амсоли инҳо низ гоҳ-гоҳ мушоҳида мешаванд, аммо бояд қайд кард, ки инҳо дар қиёс бо мавзуъҳои боло мақоми басо пасттар доранд; зеро руҷуи шоир бар онҳо ба маротиб камтар сурат гирифтааст. Бинобар ин, сутуни асосии ғоявии ғазалиёти Ашур Сафарро ақоиди ватандӯстона, афкори сулҳпарваронаю ваҳдатхоҳона, тараннуми ишқу муҳаббат ва ормонҳои қалбӣ, иззату бузургдошти модар, андешаҳои пандуандарзӣ ва ҳаҷву мутоибаҳои иҷтимоии вай ташкил медиҳанд.

# Боби III
# Хусусиятҳои поэтикӣ ва сабкии ғазалҳои Ашур Сафар
## III.1. Хусусиятҳои поэтикии ғазалҳои Ашур Сафар

Бо вуҷуди он ки Ашур Сафар дар ғазалиёти хеш аз ҳамон вазнҳои суннатии арузӣ истифода намуда ва дар онҳо аслан навоварие ворид накардааст, дар интихоб ва дар басомаду камубешии ин вазнҳо дар матни ғазалҳои шоир баъзе вижагиҳое ба назар мерасанд. Дар ғазалиёти Ашур Сафар, умуман, панҷ баҳри шеъри форсӣ истифода гардидаанд, ки инҳо аз баҳрҳои аслӣ - ҳазаҷ, раҷаз, рамал ва аз баҳрҳои фаръӣ - музореъ, ва мунсареҳ ба шумор меравaнд. Дар «Девон»-и шоир бо вазнҳои мутақориб, сареъ ва муҷтас(с) ғазал ба чашм нарасид ва аз ғазалиёти ӯ 184 ғазал ба баҳри рамал, 147 ғазал ба баҳри ҳазаҷ, 14-то ба баҳри музореъ, 11-то ба баҳри раҷаз ва 4-то ба баҳри мунсареҳ тааллуқ доранд. Дар нигоҳ ба 360 ғазале, ки дар девони шоир мушоҳида мешаванд, каме бештар аз 50%-и ғазалҳо ба баҳри рамал, тақрибан 40-45%-и ғазалҳо ба баҳри ҳазаҷ тааллуқ доранд, ки дар маҷмуъ 93 %-и ғазалҳои шоирро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки аз баҳрҳои дар боло зикршуда агарчи мақоми аввалро баҳри рамал ишғол менамояд, аммо аз навъи асосӣ ё солими он (- v - - / - v - - / - v - - / - - v - -) дар девони шоир ғазале ба назар намерасад ва ғазалҳои шоир танҳо дар навъҳои музоҳиф, яъне зиҳофдори баҳри мазкур навишта шудаанд. Аммо бар хилофи рамал, дар девони шоир ғазалҳое вомехӯранд, ки дар баҳрҳои солими ҳазаҷ ва раҷаз эҷод шудаанд. Чунончи, дар девони Ашур Сафар 42 ғазал ба назар мерасанд, ки ҳамагӣ ба навъи солими чаҳоррукнаи баҳри ҳазаҷ (v - - - / v - - - / v - - - / v - - -) тааллуқ доранд. Дар баҳри солим ё аслии ҳазаҷ дар як мисраъ чаҳор бор рукни «мафоъӣлун» такрор меёбад [149, 99]. Аз ҷумла, ғазали зерини Ашур Сафар дар ҳамин вазн эҷод гаштааст, ки ҳар мисраи он аз чаҳор рукни солими «мафоъӣлун» (v - - -) иборат аст:

Тақтеи матлаи ғазали мазкур чунин аст:

Ча-ро-ғи зин / да-ам-им-шаб / ба-ран-ги-зар / д-ме-сӯ-зад,
Ма-гар-он-ҳам / га-ҳе-мо-нан/ ди-мо-аз-дар / д-ме-сӯ-зад [67, саҳ.470].

мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун
мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -

Бо вуҷуди он ки Ашур Сафар аз навъи солим, яъне аслии баҳри рамал дар эҷоди ғазалҳои хеш истифода накардааст, аммо аз анвои ғайрисолим ё зиҳофдори баҳри мазкур ба таври гуногун баҳра гирифтааст. Чунончи, аз навъҳои фаръии ҳаштрукна ё мусамман дар ғазалиёти шоир рамали мусаммани маҳзуф (- v - - / - v - - / - v - - / - v -), рамали мусаммани мақсур (- v - - / - v - - / - v - - / - v ~), рамали мусаммани махбуни мақсур (- v - - / v v - - / v v - - / v v -), рамали мусаммани махбуни аслам (- v - - / v v - - / v v - - / - -), рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ (- v - - / v v - - / v v - - / - ~) ва аз навъҳои фаръии шашрукна ё мусаддас рамали мусаддаси махбуни маҳзуф (- v - - / v v - - / v v -), рамали мусаддаси махбуни аслами мусаббағ (- v - - / v v - - / - ~), рамали мусаддаси мақсур (- v - - / - v - - / - v ~), рамали мусаддаси маҳзуф (- v - - / - v - - / - v -), рамали мусаддаси махбуни маҳзуф (- v - - / v v - - / v v -), рамали мусаддаси махбуни маҳзуф (- v - - / v v - - / - v -) истифода гардидаанд.

Миёни ҷамеи навъҳои зиҳофдори баҳри рамал Ашур Сафар аз се навъи он: рамали мусаммани маҳзуф, рамали мусаммани мақсур, рамали мусаддаси мақсур ва рамали мусаддаси маҳзуф бештар истифода намудааст. Мақоми навъи зиҳофдори рамали мусаммани маҳзуф на танҳо миёни анвои гуногуни баҳри рамал, балки дар байни тамоми баҳрҳои аслӣ ва фаръии дар ғазалиёти Ашур Сафар истифодашуда аз ҳама баланд аст, зеро бо ин баҳр 75 ғазали шоир эҷод гардидааст, ки каме бештар аз 20%-и ғазалиёти шоирро дар бар мегирад. Басомади корбурди баҳри рамали мусаммани маҳзуф дар ғазалиёти Ашур Сафарро

мо дар таҳлили оморие, ки дар мавриди баҳрҳои ғазалиёти шоир ба анҷом расонидем, дар ҷадвали зерин бад-ин тариқ муайян намудем:

| **Мақоми баҳрҳо** | **Номи баҳрҳо** | **Теъдоди ғазалҳо** |
|---|---|---|
| 1 | Рамали мусаммани маҳзуф | 75 |
| 2 | Ҳазаҷи мусаммани солим | 42 |
| 3 | Рамали мусаммани мақсур | 40 |
| 4 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф | 34 |
| 5 | Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф | 28 |
| 6 | Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуфи мақсур | 21 |
| 7 | Рамали мусаддаси мақсур | 14 |
| 8 | Ҳазаҷи мусаддаси мақсур<br>Музореи мусаммани ахраб | 13<br>13 |
| 9 | Рамали мусаммани махбуни маҳзуф | 8 |
| 10 | Ҳазаҷи мусаммани макфуфи мақсур<br>Ҳазаҷи мусаддаси солим | 7<br>7 |
| 11 | Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф | 6 |

Чунонки дида мешавад, баҳри рамали мусаммани маҳзуф аз нигоҳи басомад дар мақоми аввал қарор дорад. Баҳри мазкур аз нигоҳи оҳангнокӣ ва ҷанбаи мусиқӣ як аз равонтарину шевотарин вазнҳои шеъри форсӣ ба ҳисоб рафта, шоирони форсу тоҷик, махсусан суханварони классикӣ, ғазалиёти хешро тавассути ин баҳр дар силки назм медароварданд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар эҷодиёти шоирони муосир, аз ҷумла Ашур Сафар ҳам, ба ҳукми анъана баҳри фаръии мазкур зиёд истифода шудааст. Ин баҳр дар садру ибтидо ва ҳашвайн аз рукни солим (фоъилотун) – «- v - -» ва дар арузу зарб аз рукни маҳзуф

(фоъилун) – «- v -» таркиб ёфтааст. Чунончи, ғазали мазкури шоир бо матлаи тақтеъшуда дар ҳамин вазн аст:

Дил-ҳа-вас-до / рад-ки-о-лам / ё-ба-даз-ғур / бат-ра-ҳо,

Ҷо-и-кин-дар / мул-ки-дил-ҳо / меҳ-р-со-зад /раф-ту-о [67, саҳ.449].

фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

- v - - / - v - - / - v - - / - v –

- v - - / - v - - / - v - - / - v -

Дуюмин баҳри музоҳифи вазни рамал аз нигоҳи басомад рамали мусаммани мақсур ба ҳисоб рафта, ҷанбаи мусиқии он ҳам бузург аст, зеро вазни мазкур анқариб мусаммани маҳзуф буда, бо як ҳиҷои рукни охири арузу зарб фарқ мекунад. Агар дар рукни охири рамали мусаммани маҳзуф ҳиҷои охир дароз бошад, дар рукни охири рамали мусаммани мақсур ҳиҷои охир кашида мебошад: - v - - / - v - - / - v - - / - v ~. Чунончи ғазали зерини Ашур Сафар бо ин матлаъ дар баҳри рамали мусаммани мақсур суруда шудааст:

Ум-р-бар-мо / ҳам-чу-вақ-ти / им-ти-ҳон-кам / до-да-анд,

Рӯ-зи-и-мо / ро-ба-қис-мат / бе-ш-аз-ғам / до-да-анд [67, саҳ.234].

фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон

фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

Зикр бояд кард, ки рамали мусаммани мақсур аз нигоҳи басомад миёни дигар вазнҳои дар ғазалиёти Ашур Сафар истифодашуда мақоми 3-юмро ишғол менамояд, зеро 40 ғазали шоир дар ин қолаб эҷод шудаанд.

Аз вазнҳои шашрукнаи баҳри рамал Ашур Сафар бештар ба ду баҳри он: рамали мусаддаси маҳзуф ва рамали мусаддаси мақсур бештар руҷуъ кардааст, чунончи дар девони ӯ 28 ғазал дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф ва 14 ғазал дар баҳри рамали мусаддаси мақсур

мушоҳида мешаванд. Ин ду навъ шакли ихтисоршудаи ҳамон ду навъи ҳаштрукнаи боло мебошад, бо фарқияти як ҳашв камтар; яъне агар дар навъҳои ҳаштрукнаи баҳри зиҳофдори рамал дар ҳар мисраъ ду бор ҳашв омада бошад, дар баҳрҳои шашрукна дар ҳар мисраъ як бор ҳашв истифода мешавад. Чунончи, матлаи ғазале дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф:

Дар-ҳа-мин-ум / ре-ки-ман-пай / му-да-ам,
Но-ри-зо-й̄ / аз-ка-се-нан / му-да-ам [67, саҳ.494].
фоъилотун / фоъилотун / фоъилун
фоъилотун / фоъилотун / фоъилун
- v - - / - v - - / - v - - / - v –
- v - - / - v - - / - v - - / - v –

Агар бо навъи солим ё аслии баҳри ҳазаҷ дар девони Ашур Сафар 42 ғазал мушоҳида шавад, чунонки қаблан қайд шуд ва ин баҳр аз ҳайси басомади истифода миёни ғазалиёти шоир мақоми дуюмро ишғол намояд, аммо бо навъҳои зиҳофии он ҳам дар девони шоир намунаҳое бархӯрд мешаванд, ки баъзеи онҳо аз нигоҳи теъдод зиёд ва баъзе камтар мебошанд. Бинобар ин, басомади корбурди баҳрҳои музоҳиф дар ғазалҳои шоир аз ҳам фарқ мекунад. Чунончи, мақоми дуюмро миёни навъҳои зиҳофдори баҳри ҳазаҷ ва ҷойи 4-умро миёни кулли вазнҳои ғазалиёти шоир баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф – мафъӯлу / мафоъӣлу – мафоъӣлу / фаъӯлун (- - v / v - - v / v - -) ишғол менамояд. Ин навъи баҳри ҳазаҷ нисбат ба навъи солими он тамоман фарқ менамояд, зеро дар он тамоми рукнҳо, ҳам садру ибтидо, ҳам ҳашвайн ва ҳам арузу зарб тағйир пазируфтаанд. Бо ин баҳр дар девони шоир 34 ғазал мушоҳида мешавад. Чунончи, ғазали зерин бо ин матлаъ дар ҳамин вазн навишта шудааст:

Бар-ваъ да / и-ту-лаҳ-за / и-ит-мо-м / на-о-мад,
Мо-рӯ за / ги-риф-те-му / ди-гар-шо-м / наомад [67, саҳ.533].
мафъӯлу / мафоъӣлу – мафоъӣлу / фаъӯлун

мафъӯлу / мафоъӣлу – мафоъӣлу / фаъӯлун

- - v / v - - v / v - - v / v - -

- - v / v - - v / v - - v / v - -

Ашур Сафар 13 ғазали худро дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур сурудааст. Дар баҳри мазкур танҳо рукнҳои охири мисраъ шикаста шуда, дар онҳо «мафоъйлун» ба «мафоъил» иваз мешавад. Ин вазн тақрибан шабеҳи ҳазаҷи ахраби макфуфи маҳзуф аст, танҳо бо ин тафовут, ки дар қисмати охири арузу зарби он ҳиҷои дароз (-) ба якуним ҳиҷо (~) табдил мешавад, яъне ним ҳиҷо меафзояд. Чунончи, ғазали зерин дар ҳамин вазн эҷод гардидааст:

Чӣ-ғам-вақ-те / ки-дил-бар-дил / қа-ри-наст,

Ва-фо-и-ин / ба-о-ну-он / ба-и-наст [67, саҳ.456].

мафойлун / мафоъӣлун / мафоъӣл

мафойлун / мафоъӣлун / мафоъӣл

v - - - / v - - - / v - ~

v - - - / v - - - / v - ~

Дар баҳрҳои раҷаз, музореъ ва мунсареҳ низ Ашур Сафар чанд ғазал сурудааст. Аз миёни баҳрҳои мазкур бо баҳри раҷази солим танҳо 3 ғазал мушоҳида мешаванд. Чунончи, ғазали зерин бо ҳамин вазн суруда шудааст:

Дил-ро-на-пар / то-ни-ми-раҳ / о-таш-ма-зан / бар-хо-на-ам,

Ко-ян-д-шо / дон-пар-за-да / чуғ-зон-ба-ри / вай-ро-на-ам [67, саҳ.498].

Мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун

Мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун

- - v - / - - v - / - - v - / - - v -

- - v - / - - v - / - - v - / - - v -

Аммо миёни баҳрҳои мазкур аз нигоҳи басомад теъдоди навъи зиҳофдори музореи мусаммани ахраб бештар аст, дар девони шоир аз ин навъ 13 ғазал мавҷуд аст. Масалан:

Як-ум-р / сар-фа-ро-зам / аз-бах-ти / бе-за-во-ле,

Ҳо-ҷат-ма / ро-на-бо-шад / бар-ҳе-ҷ / як-са-во-ле [67, саҳ.100].

мафъӯлу/фоилотун/мафъӯлу/фоъилотун

мафъӯлу/фоилотун/мафъӯлу/фоъилотун

- - v / - v - - / - - v / - v - -

- - v / - v - - / - - v / - v - -

Аз навъҳои буҳури музореъ, раҷаз ва мунсареҳ, баъд аз музореи мусаммани ахраб, аз нигоҳи басомад мақоми дуюмро раҷази мусаммани солим ишғол менамояд, чунонки дар боло аз он мисол оварда шуд. Аз дигар навъҳои бахрҳои мазкур дар девони шоир 1-ғазалӣ мушоҳида шуд.

Бояд қайд кард, ки дар ғазалиёти Ашур Сафар панҷ баҳр: се баҳри аслӣ: ҳазаҷ, рамал, раҷаз ва ду баҳри фаръӣ: музореъ ва мунсареҳ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи шоир, чунонки аз таҳлили омории мо натиҷагирӣ шуд, бештар ба ду баҳри аслӣ: баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал бештар будааст. Аммо аз нигоҳи басомади умумӣ миёни кулли ғазалиёти шоир ҷойгоҳи аввалро навъи зиҳофдори баҳри рамали мусаммани маҳзуф ишғол менамояд, зеро дар ин навъ 75 ғазали шоир эҷод шудаанд. Се навъи дигари баҳри мазкур, аз ҷумла рамали мусаммани мақсур (40 ғазал), рамали мусаддаси маҳзуф (28 ғазал) ва рамали мусаддаси мақсур (14 ғазал) миёни дигар анвои буҳури фаръии баҳри рамал мақоми сазовортарро мегирад.

Аз баҳри музореъ шоир бо ду навъи он - навъи музореи мусаммани ахраб ва музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур ғазал эҷод намудааст. Аммо навъи якуми баҳри мазкур таваҷҷуҳи шоирро бештар ҷалб кардааст, зеро бо ин навъ дар девони шоир 13 ғазал дучор мешавад ва бо навъи дуюм танҳо як ғазал.

Аз таҳлили омории мо маълум шуд, ки таваҷҷуҳи шоир ба баҳрҳои мунсареҳ ва раҷаз тамоман кам будааст, зеро чунонки дар боло қайд карда шуд, шоир бо ин вазнҳо ғазалҳои кам эҷод кардааст.

Нақши қофия низ, ҳам навъи муқайяд ва ҳам мутлақи он, дар оҳангнокии ғазалиёти Ашур Сафар басо назаррас аст. Қофия дар шеър, бахусус жанри суннатии ғазал, аз воситаҳои муҳими хушоҳанг кардани каломи мавзун ба ҳисоб меравад. Насируддини Тусӣ зикр намудааст, ки дар ашъори форсӣ аз нахуст корбурди қофия шарту зарур набудааст, зеро ки қофия, аслан, ҳамчун унсури шеърӣ махсуси шеъри араб будааст [73, саҳ.6]. То чи дараҷа зарур будани қофияро ҳам донишмандони пешин ва ҳам муҳаққиқони муосир қайд намудаанд. Абуалӣ ибни Сино мақоми қофияро дар комил шудани шеър дар баробари тахайюлоти шоирона ва вазн мегузорад ва Шамси Қайси Розӣ каломи беқофияро, агарчи дорои вазн ҳам бошад, шеър намеҳисобад [70, саҳ.136; 6, саҳ.162].

Бо дарназардошти он ки аксари қофияҳои истифодакардаи шоир бардошт аз шоирони классик аст ва маҳсули зеҳни халлоқи шоир нестанд, чунин ба назар мерасад, ки адиб дар мавриди қофия, аслан, навоварие накардааст; аммо дар маҷмуаи ғазалиёти шоир қофияҳое мушоҳида мешаванд, ки метавон гуфт, маҳсули ҳунари шоирии худи ӯ мебошанд. Масалан, дар ғазали зери унвони «Хиҷолат» ҳамин навоварии шоир дар мавриди корбурди қофия ба чашм мерасад, ки дар он калимаҳои қофияшавандаи амсолии: *меҳмон, хон, фармон, яхдон, сӯзон, бирён, товон* ва *ҷон* дар шакли *меҳмонуме, хонуме, фармонуме, яхдонуме, сӯзонуме, бирёнуме, товонуме, ҷонуме* бо ҳам ҳамқофия гардидаанд. Мақтаи ғазал чунин аст:

«Сабзинаранг омада меҳмонуме»,
Холӣ бувад деги ману хонуме. [67, саҳ.727].

Қофияҳои ғазали мазкур мутлақ ба ҳисоб мераванд, зеро дар ҳамаи онҳо баъд аз ҳарфи равӣ («н») ҳуруфи ридфи муфраду васлу хуруҷ истифода гардидаанд. Ҷузъи аслии қофия дар калимаҳои мазкур «–он» ба ҳисоб рафта, ҳарфи «о» («алиф») – ридфи муфрад, ҳарфи «м» - васл (ба ҳайси аввалин ҳарфи пас аз равӣ) ва ҳарфи «е» (яъне «йо») хуруҷ ба

шумор меравад. Бинобар ин, қофияи ғазали боло навъи мутлақи ба ҳуруфи ридфи муфраду васлу хуруҷ номида мешавад.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки қофия унсури муҳиммтарини оҳангзо дар шеър буда, зебоиву ҷанбаи мусиқоии онро меафзояд [81, саҳ.3]. Чунонки дида мешавад, қофияҳои ғазали мазкури шоир сабаби хушоҳангтар гаштани матни он гардидаанд. Бояд қайд кард, ки мисраи якуми ғазали мазкур марбут бар таронаи мардумӣ аст, аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки шоир ғазали худро дар партав ё бардошти таронаи мазкур эҷод намудааст. Ин нишондиҳандаи ба ашъори халқӣ, ё ба истилоҳ фаҳлавиёт, майлу рағбат доштани шоир аст.

Қофия дар ғазалҳои Ашур Сафар чун ғазалҳои аксари шоирон, умуман, бо ду роҳ истифода гардидааст: бо радиф (мураддаф) ва бе радиф, яъне ба таври озод. Дар мавриди корбурди қофияҳое, ки шоир онҳоро бо радиф овардааст, қайд кардан бамаврид аст, ки аксари онҳо дар бахшидани ҷанбаи хушоҳангиву мусиқоии матни умумии ғазал дар баробари радиф саҳми қобили таваҷҷуҳ мегузоранд. Чунончи, дар ғазали бо ин матлаъ ҳамин ҳолат ба таври равшан мушоҳида мешавад:

Омадам, ки як нафас бо ту ҳаводорӣ кунам,

Дар ҷавоби ранҷи афсуни ту ғамхорӣ кунам [67, саҳ.548].

Дар калимаҳои қофияшавандаи ғазали боло, ки иборат аз «ҳаводорӣ», «ғамхорӣ», «мардумозорӣ», «гунаҳкорӣ», «бисёрӣ», «худдорӣ», «бозорӣ», «бӯйбардорӣ», «ҷорӣ», «ёрӣ», «зорӣ» мебошанд, ҷузъи аслии қофия «ор» ба шумор меравад. Дар он ҳарфи «р» - равӣ ва «о» – ридфи аслӣ ё муфрад мебошад. Ҳарфи охири қофия – «-ӣ» («ё») васл ба шумор меравад. Ин нуктаро бояд қайд кард, ки дар шиддатноктару базарбтар талаффуз шудани феълҳои таркибии мазкур ё қисматҳои охири мисраъҳо, маҳз ҳиҷои охири қофияҳо – «-рӣ» (ҳуруфи равию васл) нақши назаррас доранд. Дар ғазали мазкур қофияҳо махсус ва ба таври шиддатнок хонда шуда, дар ҳамаи онҳо задаи мантиқӣ басо возеҳ эҳсос мешавад. Радифи «кунам» (аз масдари «кардан») маҳз тавассути якҷо

хондан бо калимаҳои қофияшаванда хушоҳангтару тараннумноктар шуда, ба ғазал ҷанбаи мусиқоии махсус ато менамояд. Қофия ва радиф дар ғазали боло дар якҷоягӣ феълҳои таркибиро ташкил намуда, ба ин восита бори маънοии мисраъҳо бар дӯши онҳост.

Дар ғазалиёти Ашур Сафар ҳарчанд ки корбурди қофияҳои муқайяд аз нигоҳи басомад пас аз қофияҳои мутлақ, яъне дар мақоми дуюм қарор доранд, аммо онҳо низ монанди қофияҳои мутлақ дар ҷанбаи мусиқии бештар бахшидани матни ашъори шоир саҳмгузор мебошанд. Аз ҷумла, дар ғазали зерин ҳарфи охири калимаҳои қофияшаванда, амсоли: *ҷудо, вафо, ошно, раҳо, муттако, мо, интиҳо, хато, даво* ва *адо*, ки қофияи он ҳарфи равии «-о» («алиф») мебошад, қофияи муқайяди навъи муҷаррадро ташкил медиҳад. Маҳз ҳарфи қофияшавандаи калимаҳои боло шиддатноку бо задаи махсус талаффуз шуда, дар якҷоягӣ бо радиф – феъли «намешавад» байтҳоро мусиқиноктару равонтар гардонидааст:

Эй чӣ кунам, ки аз барам хома ҷудо намешавад,
Суҳбати байни мо ба ҳам ғайри вафо намешавад [67, саҳ.553].

Дар девони Ашур Сафар теъдоди муайянро ғазалҳои берадифи вай ташкил медиҳанд, яъне ғазалҳое, ки танҳо бо қофия ороста шудаанд ё дар онҳо қофияҳо озод мебошанд. Ҳарчанд ки теъдоди ғазалҳои берадиф ё дорои танҳо қофия нисбат бо ғазалҳои радифдор дар девони шоир мақоми дувумро ишғол менамоянд, аммо нақши ин навъи ғазалҳои шоир низ дар ҷанбаи мусиқӣ ва хушоҳангӣ касб кардани матни ашъори вай қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар ин навъ ғазалҳои шоир нақши задаи мантиқӣ дар калимаҳои қофияшаванда ба таври равшан эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар ғазали бо матлаи зерин ҳамин хусусияти қофия мушоҳида мешавад:

Ман онам, ки зи фармонат қадам берун намемонам,
Чӣ мехоҳӣ ту фармудан, бифармо, рӯ нагардонам [67, саҳ.490].

Дар ғазали мазкур дар вожаҳои қофияшавандаи амсоли: *намемонам, нагардонам, битвонам, меронам, дастонам, ҳайронам, дармонам, пушаймонам, гирёнам, фалахмонам, ҷонам, армонам* ҷузъи қофия «-он» («н» – равӣ, «о» – ридфи муфрад) ба ҳисоб рафта, ин ҷузъ якҷо бо ҳарфи васл – «м» дар бахшидани ҷанбаи мусиқӣ ва оҳангноктар шудани матни умумии ғазал саҳми назаррас дорад.

Яке аз хусусиятҳои корбурди қофия дар матни ғазалҳои Ашур Сафар – ин такрори қофия мебошад. Дар ғазалиёти шоирон, аслан, такрори қофия тарсеъро ба вуҷуд меоварад, яъне вожаҳои такроршаванда миёни байтҳову мисраъҳо омада, бо ин роҳ мусиқии дарунии байтҳоро таъмин менамояд. Такрори қофия дар ғазали зерини Ашур Сафар дар ин маврид фарқ менамояд, зеро он дар баробари қофияи аслии байт вазифаи қофияи умумиро иҷро мекунад, на тарсеъро. Аммо, дар навбати худ, ҳар вожаи якуми мисраи дуюм бо ҳам тарсеъро ташкил менамоянд. Аз сӯйи дигар, ин навъи қофия аз нисф зиёди мисраи дувумро ташкил дода, онро қариб пурра ба қофия табдил медиҳад:

Мо ташнаи нурему туро меҳри тамоме,
Ҳастем ғуломеву ғуломеву ғуломе!
Дорӣ ту ба лаб ҳарфи дуруштею вале мо
Дорем паёмею паёмею паёме... [67, саҳ.547]

Калимаҳои қофияшаванда дар ғазали мазкур *тамоме, ғуломе, паёме* ва амсоли инҳо буда, ҷузъи қофия дар онҳо «-ом» (ва «-ём») мебошад, ки дар он «м» – ҳарфи равӣ, «о» (алиф) – ридфи муфрад ва «-е» дар ҳар калимаи қофияшаванда ҳарфи васл ба ҳисоб меравад. Қофияи мазкур навъи мутлақи бо ҳуруфи ридфи муфраду васл мебошад.

Хусусияти ғазали боло иборат аз он аст, ки шоир ҳар мисраи дуюми байтҳои ғазали болоро ба шакли қофия даровардааст, ба ин маънӣ, ки вожаҳои дохили мисраъҳои дуюми ғазал, ҳар кадом дар алоҳидагӣ бо ҳамдигар қофияҳои дарунии матнро ташкил додаанд. Вожаҳои дохили мисраъҳои дуюм, пеш аз он ки дар охири байт ҳукми

қофияро пайдо намоянд, аввалан, дар даруни мисраъ ба таври тарсеъ қофияи дохилиро ташкил дода, бар мисраъ мусиқии махсус мебахшанд ва баъдан ба қофияи аслии ғазал табдил меёбанд. Шамси Қайси Розӣ дар шарҳи истилоҳи тарсеъ қайд кардааст, ки он алфозе мебошад, ки «дар вазну ҳуруфи хавотим мутасовӣ», яъне баробар мебошад [6, саҳ.270-271]. Муҳаққиқи муосири эронӣ, Ҷалолуддини Ҳумоӣ низ дар таърифи тарсеъ ҷонибдори муаллифи «Ал-муъҷам» буда, танҳо илова менамояд, ки лафзи тарсеъшаванда дар қарина ва ҳарфи равӣ бояд мутобиқ бошад [166, саҳ.46].

Такроршавии қофияҳо дар ғазалҳои шоир бо роҳҳои гуногун ба амал меояд. Яке аз роҳҳои он такрори пурраи калимаи қофияшаванда мебошад, ки ин ҳолат бар хилофи корбурди суннатии қофия мебошад. Яъне шоир як вожаеро, ки қаблан онро ба сифати қофия истифода кардааст, дар байтҳои баъдӣ боз онро дар ҳамон шакли пурра ҳамчун қофия ба кор мебарад. Аз ҷумла, дар ғазали зерин ҳамин ҳолат ба назар мерасад, зеро шоир вожаи «хазон»-ро ду бор пурра овардааст, ҳол он ки пурра овардани як вожа дар охири як байти ғазл ба радиф хос аст, на қофия:

Рӯ ба рӯи равзанам шуд барги хурмоям *хазон*,
Ёд меорад маро аз пирии умри ҷавон.
Мебарад фикру хаёламро ба дунёи дигар,
Баргҳо, ки мефитанд аз бозии боди *хазон*... [67, саҳ.541]

Рустами Ваҳҳоб оҳанги шеърро, ки он, пеш аз ҳама, аз тариқи қофияву радиф ба вуҷуд оварда мешавад, дар баробари вазн аз унсурҳои муҳимми эҷодӣ қаламдод кардааст [95, саҳ.48]. Ҳамин ҷанбаи мусиқоӣ дар аксари ғазалҳои Ашур сафар ба таври возеҳ эҳсос мегардад. Аз ҷумла, як хусусияти назаррас дар хушоҳангтар гаштани ашъори Ашур Сафар дар алоқа бо такрори қофия - ин корбурди пасупеши қофияҳо дар байтҳои ғазал мебошад, ки он дар ду ҳолат мушоҳида мешавад. Дар ҳолати якум дар ғазалҳои шоир баъзан калимаи қофияшаванда аввалан

дар миёни мисраи қаблӣ омада, баъдан, шоир онро ҳамчун қофия истифода мебарад. Ин тарзи истифодабарии такрории вожаҳо: ҳам дар байни мисраи якум ва ҳам ба сифати қофия бар абёти ғазали шоир як навъ оҳанги мутантан ва мусиқии махсус мебахшад ва хондани онро завқбахш менамояд. Масалан, дар ғазали зерин ҳамин хусусият мушоҳида мешавад:

Шуд баъди *борон* хандон баҳорон,
Хандон баҳорон шуд баъди *борон*.
Гардид *рахшон* хуршеди гармак,
Хуршеди гармак гардид *рахшон*... [67, саҳ.776].

Чунонки дида мешавад, вожаҳои такроршаванда дар ғазали мазкур дар матн ду вазифаи бадеиро иҷро намудаанд: аввалан, дар дохили байт мусиқии махсусро ба вуҷуд оварда, ҷанбаи оҳангнокии онро афзудаанд, баъдан, дар байтҳо вазифаи қофияро иҷро намудаанд.

Дар ҳолати дуюм ин такрор баръакс мушоҳида мешавад. Агар дар ҳолати якум вожаи мисраи аввал муҷиби ба вуҷуд омадани қофия гашта бошад, яъне такрор шуда, ҳамчун қофия истифода шавад, дар ҳолати дуюм, баръакс, қофия дар мисраи баъдӣ, яъне оғози байти нав такрор шуда, мусиқию оҳанги махсуси байтҳо ва, умуман, ғазалро таъмин менамояд. Чунончи:

Кистам? Сад шукри бахтам, шоирам,
Шоирам, паҳлуи халқам ҳозирам.
Ҳозирам дар шодию дарду ғамаш,
Ҳиммату нируи вайро зокирам... [67, саҳ.491-492].

Дар ғазали боло омезиши қофия бо санъати тарсеъ ба таври равшан мушоҳида мешавад. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони муосир низ вожаҳои дар байни мисраъҳо ё байтҳо такроршавандаро қофия ва тарсеъ қаламдод кардаанд [150, саҳ.20]. Чунончи, калимаҳои «шоирам», «зокирам», «қодирам», «тоирам» ва «нодирам» ҳам ба таври уфуқӣ ва

ҳам ба таври амудӣ воситаи мусиқиноктар ва хушоҳангтар гаштани байтҳои ғазал гардидаанд. Калимаҳои мазкур, агар аз як тараф, бо вожаҳои вожаҳои болоӣ ҳамқофия шуда бошанд, аз ҷониби дигар, бо вожаҳое ҳам, ки дар охири байтҳо ба сифати қофия истифода шудаанд, ҳамқофия мебошанд. Сируси Шамисо қайд кардааст, ки «тарсеъ аз назари мусиқоӣ каломро бисёр қавӣ мекунад» [170, саҳ.28]. Дар ҳақиқат, дар қофияҳои такроршуда дар ғазалҳои Ашур Сафар, аз ҷумла дар ғазали боло, ҷанбаи хушоҳангиву равонбахшии тарсеъ ё вожаҳои мурассаъшаванда ба таври назаррас эҳсос мешаванд, зеро мусиқии дарунии байтҳои ғазал маҳз тавассути тарсеъҳо фароҳам оварда шудаанд. Ҷуз аз мусиқии дарунӣ, дар ғазали мазкур ҷанбаи мусиқии канорӣ ё берунии он низ қавӣ аст. Маҳз ба василаи ҳарфи равӣ («н») ва ҳарфи ридфи муфрад («о») мисраъҳои дувум аз ҳайси мусиқӣ ва оҳангнокӣ танинангезтар гардидаанд. Аз сӯйи дигар қофияҳои ғазал бори махсуси маъноӣ кашида, мазмуни ҳар байтро пуробурангтар мегардонанд.

Яке аз хусусиятҳои қофиясозиҳои Ашур Сафар – ин латофати гуфтор ба ҳисоб меравад, ки шоир онро тавассути санъати таҷнис ба вуҷуд овардааст. Аз ҷумла, дар ғазали зерин шоир ду вожаи гуногунмаънои «бод»-ро бо ҳам қофия сохтааст, ки басо ҷолиб баромадаанд:

Рафт аз мо мавҷу авҷи «Зинда бод!»,
Ончуноне ки гузашт аз дашт бод [67, саҳ.541].

Бояд зикр кард, ки вожаҳои ҳамшакл, агар дорои ду маъно бошанд, дар қофия нуқсон ҳисобида намешаванд ва баръакс, ҷанбаи бадеӣ ва латофати гуфторро дар матни шеър бештар менамоянд.

Вижагии дигари назарраси ғазалҳои Ашур Сафар дар корбурди қофия – ин шикастани қолабҳои суннатӣ дар корбурди қофия ба ҳисоб меравад. Ин вижагӣ дар қисмате аз ғазалҳои шоир мушоҳида мешавад.

Чунончи, дар ғазали зерин шоир «оҳиста», «дониста» ва «бигсиста»-ро бо «бигриста» ва монанди инҳо ҳамқофия кардааст ва ба шикасти вазнӣ роҳ додааст, ҳол он ки дар масдари «гиристан» ҳиҷои дуюм дароз аст:

Сухан дар гӯши ту вақте ки ман оҳиста мегӯям,
Макун ҷангам, ки ҳар як нуқтаро дониста мегӯям...
Ба ёди айшҳо рангам нигар, чун хоки испед аст,
Даруни дил ҳама талхии худ бигриста мегӯям [67, саҳ.492].

Дар ғазали зер вожаи «шеър» бо вожаҳои «ботадбир», «сер», «раҳгир» ва амсоли инҳо ҳамқофия карда шудааст, ки нуқсон ҳисобида мешавад, зеро «ъ» («айн») бо «и» ё «е» («йо») ҳамқофия буда наметавонад:

Суханҷӯёни *ботадбир* моем,
Мусофир дар ҷаҳони *шеър* моем.
Талаб ҷуз байти ҷонбахше надорем,
Зи неъматҳои дунё *сер* моем... [67, саҳ.497].

Дар ғазали зер шоир вожаҳои арабии «хос» ва «халос»-ро, ки бо ҳарфи «сод» навишта мешаванд, бо вожаҳои тоҷикию арабии «басипос», «аёс», «қиёс» ва амсоли инҳо ҳамқофия намудааст, ки мувофиқи қоидаи қофия қабул нест:

Кам нест касоне, ки бағаммондаи хосанд,
Дар ҷодаи мардӣ ҳама марди басипосанд [67, саҳ.534].

Бояд таъкид кард, ки дар ғазалиёти Ашур Сафар дар робита бо қофия навовариҳову ибтикорот, аслан, ба чашм намерасанд ва он чи дар ин маврид қобили таваҷҷуҳ аст, ҳамон хусусиятҳои зикршуда ва нукоти эродшуда ба ҳисоб меравaнд. Бинобар ин, бояд қайд намуд, ки дар ғазалиёти шоир назаррастарин вижагӣ дар мавриди корбурди қофия – ин роҳҳои тарҳрезии вожаҳои қофияшаванда дар дохили матни ғазал ё мисраъҳо ба ҳисоб меравад, ки бо гунаҳои аз ҳам фарқкунанда истифода гардидаанд. Чунончи, такрор намудани як вожаи қофияшаванда дар дохили мисраи баъдӣ ва ё такроран ба кор бурдани як вожае, ки дар

мисраи қаблӣ истифода шудааст, дар охири байт ба ҳукми қофия. Хусусияти назарраси дигар, ин такрори вожаи қофияшаванда дар дохили худи мисраи охири байт мебошад, ки шоир онро ба таври тулонӣ идома додааст, ки қариб тамоми мисраъро фаро мегирад. Аммо, нуктаҳои эродшаванда дар мавриди қофияро наметавон ҳамчун хусусияти қофиясозӣ дар ғазалиёти шоир ҳисоб намуд, зеро онҳо, ба андешаи мо, огоҳона сурат нагирифта, онҳоро метавон ҳамчун хатоҳои нохудогоҳона ҳисоб кард, ки ба иллати корбурд нашудани хатти форсӣ ба амал омадаанд.

Дар ғазалиёти Ашур Сафар нақши радиф низ басо назаррас аст. Радиф ҳамчун унсури муҳими шеърӣ дар оҳангноктару мутантан шудани шеър, ҷанбаи мусиқии бештар касб кардани мисраъҳою байтҳои он, аз сӯйи дигар, мазмуни нав бахшидан ба андешаҳои шоирона нақши бузурге дорад. Муҳимтарин вазифаи радиф ҳам, пеш аз ҳама, бахшидани ҷанбаи мусиқоии бештар ва аз ин тариқ хушоҳангтар кардани матни шеърӣ аст. Маҳз бо сабаби ҳамин ҷанба аст, ки шеъри радифдорро санъати мураддаф низ меноманд. Ин вазифа дар радиф тавассути такрори пайдарпайи вожаҳои ҳамшакл роҳандозӣ мешавад [89, саҳ.156]. Дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар ҷанбаи назарраси мусиқибахшии радиф бештар эҳсос мешавад. Ин вижагӣ дар қисмате аз ғазалҳо марбут бар такрори вожаи радифшаванда ё қисмате аз он аст. Чунончи, дар ғазали зерин ҳамин хусусият ба таври возеҳ мушоҳида мешавад, чун дар он як қисми радиф - «намешуд» дар шакли «мешуд» дар дохили мисраи баъдӣ такрор шуда, бо ба вуҷуд овардани тарсеъ дар ҳар вожаи якуми мисраъҳои баъдӣ, байтро дар умум оҳангноктар намудааст:

- Чӣ мешуд, ишқ агар пайдо намешуд?<br>
- Ҳаёти одамӣ зебо намешуд.<br>
- Чӣ мешуд, гар набуд озодии ишқ?<br>
- Ду дил якҷову яково намешуд... [67, саҳ.483-484]

Дар абёти боло ҷуз аз таъмини мусиқию оҳангнокӣ, ҳамчунин, вазифаи дигари муҳимми радиф, яъне бори маъноӣ кашидани он мушоҳида мешавад. Аввал ин ки маҳз тавассути радифи «намешуд» дар матни ғазал як мавзуи воҳид – «ишқ» мавриди баён қарор гирифтааст, чун он омили мутамарказ гардидани фикри шоир дар гирди як мавзуъ гаштааст; дуюм, радифи мазкур дар ҳар байте ба таври алоҳида як фикри навро дар атрофи мавзуи ишқ ба вуҷуд овардааст.

Дар девони Ашур Сафар ғазалҳое вомехӯранд, ки дар самти радифгузинӣ шоир онҳоро дар пайравӣ ё партави ғазалсароии шоирони классику муосир интихоб намудааст. Аз ҷумлаи чунин радифҳо «дорам ҳаме» ба шумор меравад, ки дар ашъори шоирони классик, ба хосса сабки хуросонӣ ба он монанд бисёр мушоҳида мешавад:

Бар дили меҳрошноям ормон *дорам ҳаме*,

Ормони бо ту будан ҷовидон *дорам ҳаме*.

Он туӣ, маскан даруни синаи ман кардаӣ,

Ин манам пешат, на ному на нишон *дорам ҳаме*... [67, саҳ.506].

Ба андешаи мо, ғазали мазкур дар пайравии қасидаи маъруфи устод Рӯдакӣ «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» навишта шудааст. Вазни ғазал ҳам вазни қасидаи устод аст, бо ин тафовут, ки аз устод мусаддас ва аз Ашур Сафар мусамман аст.

Дар ғазали бо радифи «манам, ман» низ пайравӣ ба классикон дида мешавад:

Дар зулмати шаб ҷо шуда бедор манам, ман,

Раҳгумзадае дар паси девор манам, ман

Аз равшанӣ ин ҷо натавон ёфт нишоне,

Афтода чу кӯре ба таҳи ғор манам, ман.

Бо дасту ба по чор тараф роҳ биҷӯям,

Дар даҳшати мурдан, ки гирифтор манам, ман... [67, саҳ.513].

Бояд қайд кард, ки радифи «манам, ман» дар девони шоирони классик, ба хусус, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ чандин ғазал мушоҳида

мешавад. Радифи мазкур ба оҳанги умумии ғазал як навъ мусиқии хос бахшида, муҷиби равонию хушоҳангии он гардидааст.

Радифи «гум макун» низ, метавон гуфт, мутаассир аз ғазали маъруфи устод Мирзо Турсунзода аст:

Умр то дорӣ, забонро гум макун,
Бо забони худ баёнро гум макун [67, саҳ.513].

Дар баъзе ғазалҳои Ашур Сафар радифҳо дар шакли феълҳои қадим ё тарзи ифодаи қадими феълӣ истифода шудаанд. Чунончи бакоргирии радифи «наяст» дар яке аз ғазалҳои шоир, ки ҳам дар забони адабии имрӯз ва ҳам шеъри муосири тоҷик дар истифода қарор надорад [67, саҳ.463] ва бо сабаби дар фасли 3-юми боби 1-ум оварда шудани ғазали мазкур ин ҷо овардани он зарурат надорад.

Аммо дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар нақши назарраси корбурди радифҳои нав ё нодир ва ё ҳунари махсуси радифгузинии шоир эҳсос мешавад. Ин радифҳоро вобаста ба сохт ва ё чигунагии вобастагии онҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ метавон ба навъҳои алоҳида табақабандӣ кард. Аз шумори радифҳое, ки дар ғазалиёти Ашур Сафар нисбат бар дигар радифҳои бакорбурдаи вай навтару тозатар ҷилва медиҳанд, инҳо «мешуда бошад», «моро напурсед», «чӣ гӯянд», «мекунӣ ё не», «аст духтур», «шудам ман», «гуфт маро», «гул мекунад», «гум кардаам», «дорад дили мо», «чӣ метавон гуфт», «меояд, чӣ гап бошад», «мебояд кашид», «Маҳтоб», «дорам», «намешуд» ба ҳисоб меравand. Радифҳои мазкурро вобаста ба ҷузъҳояшон мо ба радифҳои сода ва мураккаб тақсим кардем, бинобар ин, аз аввалин радифи фавқуззикр то радифи «меояд, чӣ гап бошад»-ро метавон аз ҷиҳати сохт мураккаб унвон дод, чун дар онҳо чанд ҷузъ дар радифсозӣ иштирок намудаанд. Аз радифи «Маҳтоб» то охиринро метавон радифҳои сода номгузорӣ кард, чун аз як калима ба вуҷуд омадаанд. Дар тақсимоти шаклии радифҳои бакорбурдаи Ашур Сафар мо меъёрҳои забонӣ ё наҳвиро ба

инобат нагирифтаем ва тақсимоти мо танҳо аз нуқтаи назари чандвожаӣ, яъне вуҷуди чанд калима дар як радиф сурат пазируфтааст.

Радифҳои мураккаби ғазалҳои шоир, дар навбати худ, вобаста ба теъдоди ҷузъҳояшон, ба мураккаб ва мураккаби тулонӣ ё дароз тақсим мешаванд. Зеро, агар радифҳои мураккаб як қисмати хурди мисраъҳою байтҳоро фаро гиранд, радифҳои дароз қисмати нисбатан зиёди онҳоро фаро мегиранд. Чунончи, дар мисолҳои зерин ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад:

Радифи мураккаб:

Бигӯ боре ту ёди кухна ёрон *мекунӣ ё не*?
Гузар бар кӯчаи чашминтизорон *мекунӣ ё не*? [67, саҳ.506]

Радифи мураккаби дароз:

Дил метапад паси ҳам, *инро чӣ метавон гуфт*?
Ҳаргиз наяст беғам, *инро чӣ метавон гуфт*? [67, саҳ.528].

Чунонки дида мешавад, дар байти нахуст радиф нисбатан кӯтоҳ аст ва дар байти дуюм нисфи мисраъро ташкил медиҳад.

Радифҳои содаи ғазалиёти Ашур Сафар агарчи дар бисёр мавридҳо тавассути феълҳо созмон мепазиранд, гоҳ-гоҳ ба василаи ҳиссаҳои номии нутқ, аз ҷумла исм низ сохта мешаванд. Масалан, дар мисоли зер радифи «Маҳтоб» ба воситаи исми хосс ба вуҷуд омадааст:

Пайваста мекунад дил такрор номи *Маҳтоб*,
Хоҳад шунид доим ҳарфу каломи *Маҳтоб* [67, саҳ.245].

Истифодаи исми хос дар ғазал ба ҳукми радиф ин аз шумори вижагиҳои ғазалсароии Ашур Сафар хоҳад буд.

Ба кор гирифтани феъли «истодан»-ро ба сифати радиф на танҳо дар ғазалиёти Ашур Сафар, умуман, дар шеъри муосири тоҷик метавон нававарии шоир маҳсуб донист:

Боз ҳар ду гирди хон *истодаем*,
Рӯ ба рӯ чун дӯстон *истодаем* [67, саҳ.528].

Аксари радифҳои бакорбурдаи Ашур Сафар мураккаб буда, дар мавриди худ қисмате аз онҳо нав низ мебошанд. Ин навиро на дар вожае, ки радиф тавассути он ба вуҷуд омадааст, балки ба воситаи таваҷҷуҳ бар худи радиф, ки дар кулли матни ғазал ҳамчун ҷузъи воҳиди мусиқизо ва таъминкунандаи ҳам ваҳдати мавзуъ ва ҳам ягонагии оҳанги шеър иштирок менамояд, бояд ҷустуҷӯ кард. Чунончи, радифи «мешуда бошад», ки тавассути феъли таркибӣ сохта шуда ва дар ду ғазали шоир истифода шудааст, дар мавриди худ навгонӣ дорад, зеро дар ашъори дигар шоирон ба чашм намерасад. Аз ҷумла:

Як бори дигар май ба қадаҳ *мешуда бошад*?

Аз бонги қадаҳ ҷӯши фараҳ *мешуда бошад*? [67, саҳ.554]

Баъзе радифҳои Ашур Сафар ба воситаи феълу исм (яъне феъли таркибии номӣ) сохта шуда, дар мавриди худ нав низ ҳастанд. Аз ҷумла, дар мисоли зер радифи «аст духтур» аз ҳамин назир аст:

Ҳамеша нармгуфтор *аст духтур*,

Чу модар нозбардор *аст духтур* [67, саҳ.99].

Чунонки дида мешавад, исми «духтур» ба забони муосири тоҷикӣ аз забони русӣ дохил шуда ва асли он англисӣ аст. Ин вожа, агарчи дар забони адабӣ истифода намешавад, ё ниҳоят кам ба кор бурда мешавад ва ба ҷойи он пизишку табиб серистеъмолтар аст, аммо дар забони муҳовара он ҳам дар маънои пизишк ва ҳам беморхона васеъ истифода мешавад. Бояд қайд кард, ки ба кор бурдани вожаи «духтур» дар маънои пизишк дар ғазал ба сифати радиф ин аз ибтикороти Ашур Сафар ба ҳисоб хоҳад рафт.

Дар ғазали зерин ҳам тавассути феълу исм радифи «шавам садқа» сохта шудааст:

Паёпай нозу лутфи гоҳ-гоҳатро шавам *садқа*,

Ҳароратҳои рангини нигоҳатро шавам *садқа*... [6, 504].

Шояд феъли мазкур дар ашъори шоирони дигари муосири тоҷик истифода шуда бошад, чун он дар забони муҳовара ва шеваҳои тоҷикӣ басо серистеъмол аст, аммо ҳамчун радиф ба кор гирифтани он ҳам ибтикори Ашур Сафар аст. Ҷузъи асосӣ дар ин феъл вожаи *садқа* ба ҳисоб меравад, зеро ҷузъи феълии он тибқи қоидаи гарамматикӣ номустақил буда, вазифаи ёридиҳандагиро иҷро менамояд. *Садқа шудан* тарзи ифодаи халқист, ки маънои он фидо шудан мебошад. Ин ифода имрӯз дар забони тоҷикӣ, бахосса забони мардум, истеъмоли васеъ дорад. Мардум барои он ки маҳбубият ва ҳаводориву дӯстдории худро нисбат ба касе изҳор намоянд, истифода аз ин ифодаи халқӣ менамоянд. Дар ғазали боло ҳам феъли *садқа шудан* пурра дар маънои фидо шудан ба кор бурда шудааст.

Дар ғазали зерин ҳам радифи «моро напурсед» нав аст:

Гули нобурдаи моро напурсед,
Ғами нашмурдаи моро напурсед... [67, саҳ.473].

Дар радифи мазкур феъли «напурсед», аслан, на дар маънои зидди пурсидан, балки дар маънои зиёдии чизе истифода шудааст, ки дар забони муҳоварои тоҷикӣ ин маъно серистеъмол аст. Чунончи, мардум зиёдии чизеро васф карданӣ бошанд, ин феълро ба кор мегиранд. Бинобар ин, дар мисоли мазкур ҳам феълҳои охири он дар маънои васфи ҳадди боло истифода шудааст: гули шоир (яъне: ёри ӯ) аз ҳама зебост, ғамҳои вай ниҳоят зиёд аст; дили шоир, ки дар банди зебоии ёр аст, сахт бастаи ин ҳусн гардидааст...

Метавон қайд намуд, ки агарчи дар аксари ғазалиёти Ашур Сафар радифҳои такрорӣ ва обхӯрда ба чашм мерасанд, аммо дар онҳо, ҳамчунин, теъдоди радифҳоеро метавон пайдо кард, ки обнахӯрдаю нав ба чашм мерасанд. Радифҳои амсоли «наяст» махсуси услуби қадими забони тоҷикӣ, яъне хосси тарзи баёни шоирони классикӣ аст. Радифҳои монанди «орад ҳаме», «манам, ман», «гум макун», «ғам мехӯрам» бардошт ва илҳоме аз ашъори шоирони классику муосир, амсоли устод

Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз ва аз суханварони муосир устод Мирзо Турсунзода мебошанд. Аммо роҳҳои бардошти Ашур Сафар дар мавриди бакоргирии радифҳои мазкур гуногун сурат гирифтааст. Баъзе аз радифҳои навъи болоро шоир пурра дар ҳамон шакле, ки суханварон истифода кардаанд, ба кор гирифтааст, чунончи радифҳои «манам, ман» ва «гум макун», ки дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва устод Мирзо Турсунзода мушоҳида мешаванд. Дар баъзеи радифҳо Ашур Сафар каме тағйироти ҷузъӣ ворид намудааст, чунончи «ояд ҳаме»-ро ба «орад ҳаме» ва ««ғам махӯр –ро ба «ғам мехӯрам» тағйир додааст. Радифи охир дар ғазали маъруфи Хоҷа Ҳофиз дар акси он: «ғам махӯр» ва дар навъи амрию фармоишӣ истифода шудааст. Ба андешаи мо, радифи мазкур ҳам бардоште аз ҳамин радифи Хоҷа Ҳофиз аст.

Аммо дар ғазлиёти Ашур Сафар қисмате аз радифҳоро метавон аз ибтикороти худи шоир унвон кард, ба ин маънӣ, ки вожаҳою ибораҳои онҳо ҳамчун радиф аввалин бор дар ғазалҳои шоир мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба инҳо мисол шуда метавонанд радифҳое амсоли: «мешуда бошад», «шавам садқа», «аст духтур», «чӣ гӯянд».

### III.2. Хусусиятҳои сабкии ғазалиёти Ашур Сафар

Дар шеъри ҳар шоир, новобаста ба сатҳи суханварияш, баъзе хусусиятҳое нуҳуфта аст, ки тавассути онҳо то дараҷае метавон пояи эҷоди ӯро муайян кард. Ҳамчунин, дар шеъри ҳар шоир нуктаҳову андешаҳое мушоҳида мешаванд, ки назари шахсии ӯро роҷеъ ба тарзу услуб ва, умуман, сабки суханварии худи шоир муаррифӣ менамоянд. Аз нигоҳи назарияпардозони рус, фардияти эҷодии нависанда ва дарки куллии вай аз ҳаёт ва чигунагии биниши ӯ нисбат ба ҷаҳон – инҳо ҳама баёнкунандаи вижагиҳои сабкии ҳамон нависанда маҳсуб мешаванд [191, саҳ.377]. Маҳз ҳамин андешаҳои шахсӣ ба хонандагон, махсусан онҳое ки ба таҳқиқи эҷодиёти шоир машғуланд, имкон фароҳам месозад, ки то

дараҷае сабку услуб ва чигунагии ҳунари шоирии ӯро муайян созанд. Дар ғазалҳои Ашур Сафар ҳам баъзе нуктаҳое мушоҳида мешаванд, ки далолат бар тарзу равиши вай карда, то ҷое кумак менамоянд, то вижагиҳои асосии ҳунари суханварии ӯ кушода шаванд.

Дар ғазалиёти Ашур Сафар ҷо-ҷо ибораю ифодаҳое, амсоли «шеъри тар», «сухани сода», «табъи равон», «шеъри шикаста» ва амсоли инҳо вомехӯранд, ки то ҳадде далолаткунандаи сабки шеърпардозии вай, чигунагии майлу рағбати ӯ бар дунёи суханварӣ ба шумор мераванд. Чунончи, дар мисоли зер шоир изҳор менамояд, ки умре дар ҳифзи шеъри тар кӯшиш кардааст:

Ба шавқе дар вафои *шеъри тар* гаштам, ту медонӣ,

Ба ёдаш аз замин то бар қамар гаштам, ту медонӣ.

Рагу пайванди ман якҷоя бо шеър аст андармон,

Ҷудоям гар шуд он, бе болу пар гаштам, ту медонӣ [67, саҳ.551].

Бояд қайд кард, ки ибораи «шеъри тар», аслан, нав нест ва собиқаи куҳан дорад, зеро он ҳанӯз дар ашъори шоирони классик, махсусан, эҷодиёти шоирони сабкҳои ироқию ҳиндӣ истифода мешуд. Манзури шоирон аз ибораи мазкур сухани нобу ногуфта буда, шоирон бо ин тариқ иддао мекарданд, ки ашъори онҳо дар навъи худ тозаву нав буда, аз такрори андешаҳои дигарон орӣ аст. Ашур Сафар ҳам, дар абёти боло ҳарчанд иддао надорад, ки шеъри вай тозаву нав аст, аммо кӯшишҳои худро дар мавриди пайдо кардани сухани нав баён медорад.

Назари шоир дар байти зер далолат бар он мекунад, ки ӯ ҷонибдори содагӯию соданависӣ аст:

Сухани сода бигӯ, ки сухани сода хуш аст,

Ба нигоҳи дили ошиқ рухи бикшода хуш аст [67, саҳ.565].

Дар ҳақиқат, аксари ғазалҳои шоир дар тарзи басо содаву дилнишин эҷод гардидаанд, ки бо забони муҳовара ва гӯйиши мардум наздикии зиёд доранд. Чунончи, ғазали зеринро метавон мисол овард, ки

дар ҳадди баланди содагӣ эҷод шуда ва бар илова, басо равону дилнишин аст:

Дар ҳавлии мо олуяке пеши дар аст,
Имрӯз баҳор омаду вай гулбасар аст.
Аз хандаи гулҳои тару тозаи ӯ,
Бар ҳавлии мо шукӯҳу ранги дигар аст... [67, саҳ.31-32]

Дар байти зерин бошад, шоир ибораи «табъи равон»-ро истифода кардааст ва чунин андеша дорад, ки чунонки аз дастони эъҷозофари чевар нақш ороишу зебоӣ мегирад, шеър низ ба воситаи табъи равон эъҷозофар мешавад.

Шеър аз табъи равон дар сеҳр дилбар мешавад,
Нақшро ороиш аз эъҷози чевар мешавад [67, саҳ.482].

Табъи равон, пеш аз ҳама, дар эҷоди ғазал муҷиби равонӣ ва бесактагии матни он мегардад. Дар девони шоир ғазалҳои зиёде мавҷуданд, ки нишондиҳандаи табъи равони вай мебошанд ва дар хондани онҳо хонанда заррае мушкилиро эҳсос намекунад. Чунончи ғазали зерин аз зумраи ашъори бисёр равони шоир ба ҳисоб меравад:

Аспи даванди умрам якзайл дар шитоб аст,
Ҳар рӯзи даргузашта дар дафтари ҳисоб аст.
Мирзои вақт онро бас бехато нигорад,
Ҳоҷат на бар саволу на ҳоҷати ҷавоб аст... [67, саҳ.466]

Адабиётшинос Худоӣ Шарифов дар хусуси шеър навиштааст, ки «шеъри шоир монанди фарзанди ӯст ва ба масал фарзанд чи зебою чи безеб дар чашми падару модар хушрӯю дилпазир аст. Шеърро ба қиёс барои он фарзанд хонанд, ки фарзанд ҳамчун ҳосили меваи дарахти умри инсон, пеш аз ҳама, ҳосили тану ҷисм аст ва шеър фарзанди маънавӣ» [173, саҳ.95]. Ашур Сафар низ дар байти зерин ба ҷойи шеър қаламро фарзанди худ хондааст, ки тақрибан ҳамон андешаи муҳаққиқи мазкур аст, зеро маҳз қалам инъикоскунандаи сухани шоир аст. Шоир қайд

менамояд, ки дар зиндагонӣ қалами ӯ барояш арзишмандтар аз ҳама чизҳои дигар аст:

Машкан қалами маро, ки беҳтар зи ҳама
Дар зиндагиям ба ҷои фарзанди ман аст [67, саҳ.464].

Дар девони Ашур Сафар ғазалҳое мавҷуданд, ки дар онҳо шоир дар хусуси заҳматҳои шеърэҷодкунии хеш ба таври басо воқеӣ ва равшан андешаронӣ кардааст. Дар ин ғазал шоир чи хел дар ҳалқаи тифлон ва ғавғои онон шеър иншо намудани худро басо таъсирбахш қаламдод карда ва шеърашро ҳам дар баробари кӯдакони худ тифл хондааст:

Ҷони сахте меканам, то байте иншо мешавад,
Хомаи гунгам забон бикшода гӯё мешавад.
Ҳолати хомӯшию хилват ҳамеҷӯям даме,
Дам ба дам лекин дарам пӯшидаю во мешавад.
Медарояд Осафу аз пушти вай Барно бадав,
Байти ман помоли ин бозиву ғавғо мешавад.
Шоҳ мегӯянд, дармондаст пеши зӯри тифл,
Ман киям, ки дасти ман аз тифл боло мешавад?
Шеъри ман хуб аст ё ки бад ба пеши чашми ту,
Дар миёни бозиву фарёд пайдо мешавад.
Ханда дорад ё ки дорад гиряе он дар бисот,
Ҳамчунон тифлаш бидон, ки тифл зебо мешавад [67, саҳ.468].

Як нуктаи муҳим дар эҷодиёти шоир, ба хусус ғазалиёти вай, ҳамин ишораҳои танқидӣ ё нукоти нақдӣ бар шеъри худ аст, ки дар нақдшиносии шеъри вай аз аҳамият холӣ нестанд. Дар ғазали боло ҳам, як ифодаи шоир: «Шеъри ман хуб аст ё ки бад», ки дар хитоб бар хонандаи худ баён доштааст, аз ҷанбаи нақд ё танқиди адабӣ сарчашма гирифтааст. Орзуи ҳар суханвар, албатта, дар шоҳроҳи шоирӣ ба даст овардани ҳунару истеъдод ва бо ин тариқ маъруфият пайдо кардан аст. Аммо, аз ин болотар, дар силки назм кашида тавонистани он чи дар қалбу ботин ниҳон аст, мақсади асосии шоири асил аст. Ашур Сафар дар

ғазале ба ин мавзуъ руҷуъ карда, изҳор доштааст, ки ӯ он чӣ ӯ дар эҷоди шеър мехост ҳосил намояд, онро ба даст оварда натавонистааст ва ба ин восита шеъри худро накд кардааст:

Он чӣ мехостам, он эҷод нашуд:
Қаламам дар сухан устод нашуд [67, саҳ.539].

Дар ғазали дигар Ашур Сафар шеър ва табъи шоирии худро аз устодон Қутбӣ Кирому Мастон Шералӣ ва Лоиқ Шералию Бозор Собир пасттар шумурдааст, ки ин нуқтаи назари ӯро метавон андешаи мунаққидонаи худи шоир нисбат ба шеъраш арзёбӣ кард:

Шеъри ман ҳамболи шеъри Лоиқу Бозор нест,
Табъи ман монанди табъи Қутбию Мастон наяст [67, саҳ.463].

Дар ҷойи дигар Ашур Сафар назири андешаи болоро баён карда, зимни он каломи худ ва, умуман, ҳама суханваронро аз Бозор Собир пасттар шуморидааст:

Хуш нест, агар кас ба забон ҳарф орад,
Ҷое, ки сухан дар даҳани Бозор аст [67, саҳ.467].

Назари интиқодона ба шеъри худ дар ғазалҳои Ашур Сафар мукаррар ба чашм мерасад. Ӯ дар як ғазали дигараш худро «мусофир дар ҷаҳони шеър моем» [67, саҳ.497] гуфта ва дар ҷойи дигар, ҳатто, ашъори хешро холӣ аз таъм қаламдод кардааст:

Ба ашъорам, ки аз таъм аст холӣ,
Намо лутфеву таъми ангубин деҳ [67, саҳ.738].

Мо чунин мешуморем, ки ин назари мунаққидона бар шеъри худ, аслан, аз ниҳоди хоксоронаи шоир ва бар асари ахлоқи шоистаи вай ба вуҷуд омадааст, вагарна ҳунари суханварии ӯ, бахусус ғазалсароияш, дар ҳақиқат, дар адабиёти муосири тоҷик қобили арҷгузорӣ аст. Бинобар ин, хонандаи закитабъ пай хоҳад бурд, ки чунин изҳори назарҳои танқидии шоир дар иртибот бо шеърпардозиҳои худ хоксорие беш нестанд.

Дар ҷо-ҷо аз ғазалҳои хеш Ашур Сафар, бар хилофи андешаҳои интиқодона бар ашъори худ, ишорат бар табъи шоирии худ карда, ҳатто аз он меболад, ки вай дорои «табъи озод», яъне ҳунари баланди шоирӣ аст ва ин ҳунар боиси ифтихороти ӯ гардидааст:

Ҳар ки дорад ифтихор аз пешаи бахтовараш,
Ифтихори ман ба олам *табъи озоди* ман аст [67, саҳ.465].

Дар ҷойи дигар Ашур Сафар шеъри худро ба таври басо малеҳ шеъри воқеӣ ва ростӣ қаламдод кардааст ва изҳор доштааст, ки он чӣ дар дилам буд, онро ба силки тасвир кашидам:

Ҳар чӣ дар дил доштам, дар дафтарам тасвир шуд,
Ростам дар чашми бадбин бадтар аз тазвир шуд [67, саҳ.476].

Нуктаи муҳими дигар дар андешаҳои Ашур Сафар дар робита бар шинохт ва чигунагии сухани мавзун – ин бузургдошти шеър аст. Дар яке аз ғазалҳои шоир, ки бо радифи «шеър» эҷод гардидааст, метавон андешаҳои шахсии шоирро оид ба шеър, бузургдошти он ва иртиботи қалбии беназири ӯро бо ин ганҷи бебаҳои маънавиёту фарҳанг муайян кард:

Мепарастам дар миёни боғи гул ҷавлони шеър,
Беҳтарин гулбоғ бошад баҳри ман дӯкони шеър.
Сад чаман гардидаму н-омад писанди ман гуле,
Ёфтам хушрангу бӯ гул дар худ аз гулдони шеър.
То ба умри хеш бинам безаволии абад,
Шири ақлу ҳуш хӯрдам ҳар дам аз пистони шеър...
Шеър султонам бувад дар шеваи ишқу вафо,
То ба ту дар шеър ҷо ёбам, манам султони шеър.
Вай, ки маҳсули баранҷи ақлу идроки ман аст,
Ҳар чӣ паймон ҳаст дар ман, ҳаст ин паймони шеър.
Дар хаёлам шеър ҳам як ҷисми зинда ҳасту бас,
Байтҳо чун пайкару васфи ту бошад ҷони шеър.
Бедилон бар баддилон гар симу зар пайдо кунанд,

Туҳфаи волои ман бошад ба ту девони шеър.

Як табассум оварад ин туҳфа гар бар лаб туро,

Ҳар гаҳе қурбон кунам худро, кунам қурбони шеър [67, саҳ.561].

Ашур Сафар барои шеър мақоми арҷмандеро қоил аст, онро сабаби тамоми бузургӣ, обрӯ, шарофат ва баракати худ медонад. Шеър барои шоир бузургтарин неъмат аст, ки барои вай иноят гардидааст. Ӯ шеърро беҳтарин гулбоғ ва дӯкони шеърро дар ин гулбоғ беҳтарин арзёбӣ кардааст; шеър ба мисли гул ва гулдон нест, ӯ сад чаманро гардида, гулеро ба мисли гули шеър написандидааст, дар ҷое гулеро хушбӯтар ба мисли гулдони шеър надидааст; барои он ки шоир умри абадро дарёбад, аз пистони шеър шири ақлу ҳуш нӯшидааст; агар дигарон дар фикри майдонҷудоикунӣ шуда бошанд, вай як ваҷаб аз майдони шеър берун нарафтааст; ӯ аз ин меболад, ки фарзандони хешро бо нони шеър бузург намудааст; нури чашмон ва хобҳои шабонаи худро фидои шеър сохтааст, то ин ки аз эҳсони шеър чароғе дар дили вай мунаввар гардад; агар касе дар хонаи вай меҳмон гардад, шоир бо фармони шеър саҷда дар қудуми меҳмон менамояд; пеш аз он ки шоир аз шавқи меҳмон чойҷӯшро дар ҷӯш биорад, дастархони шеърро дар ҳузури вай паҳн менамояд; то ин ки дар қалби маъшуқаи худ ҷой ёбад, ӯ дар шеваи ишқу вафо султони шеър мешавад; шеър паймони шоир аст, зеро он маҳсули баранҷи ақлу идроки вай аст; агар дигарон доимо дар пайи рӯзӣ бошанд, ӯ ҳамвора дар пайи рӯзии шеър аст; Дар хаёли шоир шеър як ҷисми зинда аст, байтҳо ҳамчун пайкар ва васфи маъшуқа ҷони он ҳастанд; Агар дигарон бар якдигар симу зар туҳфа диҳанд, туҳфаи арзандаи вай ба маъшуқа – ин девони шеъри ӯст; агар ин туҳфаи шеър дар лабони маъшуқа табассуме оварад, шоир худро қурбони шеър менамояд, зеро ин ба шарофати шеър аст.

Нуктаи дигари муҳим дар назарияи шеършиносии Ашур Сафар – ин бузургдошту иззати шеър ва мақоми арҷманди он аст. Ӯ шоириро

кори саҳлу сода намеҳисобад, баръакс, бар ин назар аст, ки шеър бо заҳматҳои зиёд ба вуҷуд оварда мешавад.

Нуктаи муҳим дар ғазалиёти шоир – ин ишораҳои танқидӣ бар шеъри худ аст, ки дар нақди адабии ашъори вай ва умуман, шеър аз аҳамият холӣ нестанд. Дар нақди шеъри худ Ашур Сафар ишорат бар се нукта мекунад: 1) ӯ иддао дорад, ки он чӣ мехост, бар он ноил нагардидааст; 2) шеъри ӯ ҳампояи шеъри Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, ЛоиҚ Шералӣ ва Бозор Собир нест; 3) шеъри ӯ аз таъм холӣ аст. Бо ин ки ибрози нуктаҳои зеринро аз ҷониби Ашур Сафар метавон бархоста аз андешаҳои хоксоронаи шоир ҳисоб кард, аммо асос ин ҷост, ки нуктаҳои мазкурро худи ӯ ишорат кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки андешаҳои болоро Ашур Сафар дар айёми фаъолияти оғозини эҷодии хеш иброз карда бошад; вагарна, бар хилофи нуктаҳои боло, ҷо-ҷо ҳунари суханварии худро ситоиш низ менамояд, ки ин ишоратҳо нишонгари назари шахсии вай ба ҳунари шоирияш мебошанд ва ё дар марҳалаҳои баъдии фаъолияти шоирии ӯ ба вуҷуд омадаанд.

Яке аз вижагиҳои назарраси сабкӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар – ин дорои ҷанбаи халқӣ будани онҳо ё тамоюли халқии муаллифи онҳост. Адабиётшиноси рус В.Б. Томашевский дар иртибот бо забони асари бадеӣ забонро, пеш аз ҳама, барандаи шакли халқӣ ва инъикоскунандаи хусусиятҳои милливу мардумӣ қайд кардааст, ки воқеият дорад [154, саҳ.28]. Дар ғазалиёти Ашур Сафар ҳам миёни кулли нишонаҳову вижагиҳои сабкӣ нақши унсурҳои халқӣ ва ё дорои руҳи халқӣ будан аз ҳама назаррастар аст. Дар робита бар ҳамин руҳи халқӣ аст, ки Ашур Сафар ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданаш бо унвони ифтихории Шоирии халқии тоҷик сарфароз гардида буд.

Руҳи халқӣ дар ашъори Ашур Сафар, агар аз як тараф, майлу мароқи ӯро нисбат бар забони зиндаи мардуми тоҷик – забони муҳовара ва рӯзмарраи тоҷикӣ бозгӯйӣ намояд, аз ҷониби дигар, нишондиҳандаи

фардият ва ё шахсияти шоирии ӯ ба ҳисоб меравад, фардияте, ки одобу тарзи ҳаёташ комилан ҳаммаром бо мардуми одӣ аст ва инъикоскунандаи халқияти вай аст. Нависандаи маъруфи тоҷик Абдулҳамид Самад дар ишорат бар ҳамин нақши унсурҳои халқӣ дар ғазалҳои шоир қайд менамояд, ки «шеъри ӯ мисли анвои дастархони туёнаи мардуми диёраш рангин, хушбӯй ва дилрабост» [138, саҳ.21]. Дар кулли ғазалҳои дар солҳои гуногун сурудаи шоир хонанда ҳамин навъи шахсиятро бе мушкилӣ дарёфт менамояд ва кашф менамояд, ки ӯ дар рӯбарӯ бо шахсе қарор дорад, ки даъвое аз шоирӣ ва суханварӣ надорад ва шахсияти худро комилан дар қатори мардуми одӣ мегузорад.

Шоир ва мунаққиди маъруф Аскар Ҳаким дар иртибот бар ҳамин ҷиҳат қайд менамояд, ки дар ҳама гуна таҳқиқот дар мавриди шеъри ғиноӣ шахси шоир, ки дар чунин шеър мавқеи аввал дорад, бояд дар мадди аввал ба эътибор гирифта шавад [160, саҳ.150]. Дар сурати ба назар нагирифтани ин хусусияти фардии Ашур Сафар нисбат ба ҳунари шоирии вай шояд фикрҳои гуногуну мухталифе ба вуҷуд биёянд, ки шояд то ҷое дар муайян кардани мавқеи ӯ дар жанри ғазали даврони муосир халале ворид созанд. Аз сӯйи дигар, инро ҳам бояд дар назар гирифт, ки дар ашъори ғиноӣ дар эҷодиёти ҳар шоире фардияти худи шоир мақоми хос дорад. Чунонки адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманнонов дар ҳамин хусус баҷо қайд намудааст, ин фардият бахусус дар лирикаи ошиқона барҷастатар ифода мегардад [78, саҳ.98].

Шахсияти ҳунарӣ ва фардияти шоирии Ашур Сафар, пеш аз ҳама, дар руҳи халқӣ ва маншаи мардумӣ доштани он зоҳир гардида, ашъори ӯро, ки чакидаи афкору ахлоқ, расму оин ва андешаву тафаккури мардумии ӯст, зебу зинати махсус медиҳад. Адабиётшинос Бароталӣ Нозимов, ки бо Ашур Сафар аз наздик шинос буд, қайд менамояд, ки ӯ «на фақат шоир, балки донандаи хеле хуби таъриху адабиёт ва расму оинҳои мардумӣ буд... Баъзан нақлу ривоятҳои халқиро чунон бо

маҳорат нақл мекард, ки ба воқеӣ будани он ҳар кас бовар ҳосил менамуд» [122, саҳ.59]. Дар ашъори Ашур Сафар аз нигоҳи умумӣ руҳи халқии муаллифи он бо чанд роҳ, аз ҷумла тавассути вожаҳо, тавассути феълҳои махсус, ибораҳову ифодаҳои халқӣ ва мақолу зарбулмасалҳо ифода меёбад, ки нигоҳи муфассал дар атрофи ҳар яке аз онҳо ин мавзуъро барои ҳар хонандае кушодатару равшантар менамояд.

Бар тибқи нишондоди муҳаққиқони муосир, нақши вожаву алфоз, тарзи таъбир ва таркиби калимот дар таъйини сабки ҳар шоир мавқеи барҷаста доранд [127, саҳ.65]. Дар ғазалиёти Ашур Сафар вожаҳоеро метавон бархӯрд гардид, ки онҳо дар забони муҳовараи мардуми тоҷик мавриди истифода қарор дошта, дар забони адабӣ ё камтар, ё умуман корбурд намешаванд. Аз ҷумлаи ин вожаҳо метавон намунаҳоеро амсоли: абгор [67, саҳ.513], авора [67, саҳ.504], алиш [67, саҳ.473], барфоба [67, саҳ.489], бӯсазеб [67, саҳ.457], гапак [67, саҳ.457], гаранг [67, саҳ.450], гирумон [67, саҳ.513], гушнагӣ [67, саҳ.515], гӯшак [67, саҳ.457], даркорӣ [67, саҳ.518], досак [67, саҳ.511], дуқӯша [67, саҳ.489], заб [67, саҳ.508], касмаёб [67, саҳ.517], кашол [67, саҳ.518], кола [67, саҳ.506], корагарӣ [67, саҳ.515], кулча [67, саҳ.483], курчак [67, саҳ.517], қамчӣ [67, саҳ.477], қинғола [67, саҳ.506], лой [2-9,, 477], лош(й) [67, саҳ.519], манкурд [67, саҳ.512], мардак [67, саҳ.458, 512], муғпар [67, саҳ.483], парвор [67, саҳ.475], подабонӣ [67, саҳ.512], поиш [67, саҳ.457], посанг [67, саҳ.469], пуфак [67, саҳ.515], рихин [67, саҳ.516], саглес [67, саҳ.477], сағира [67, саҳ.508], садқа [67, саҳ.477, 488, 504], села [67, саҳ.474], тактак [67, саҳ.512], таҳ [67, саҳ.513], тоқа [67, саҳ.452], тумч [67, саҳ.478], фанд [67, саҳ.513], филҳола [67, саҳ.506], харпанҷа [67, саҳ.515], хап [67, саҳ.477], хароша [67, саҳ.519], хомак [67, саҳ.511], хӯчхор [67, саҳ.466], ҳавр [67, саҳ.449], чапқу [67, саҳ.473], чапор [67, саҳ.472], часпак [67, саҳ.511], човандоз [67, саҳ.452], шалҳа [67, саҳ.511], шоирчак [67, саҳ.511], элак [67, саҳ.511] ва монанди инҳоро мисол овард.

Муҳаққиқону донишмандони адаб дар хусуси нақши забону услуби шоир дар офарниши шеъри нобу асил андешаҳо иброз доштаанд. Аз ҷумла, мунаққиди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст дар иртибот бо таҳқиқи шеъри ноб ва шоири навпардоз дар мисоли эҷодиёти суханвари маъруфи Эрон Нодири Нодирпур бар ин назар аст, ки аз нишонаҳои назарраси навпардозии шоир – ин забони вижаи ӯ ва гузиниши вожаҳои хушоҳанг мебошад [185, саҳ.186]. Худоӣ Шариф ва Аскар Ҳаким ҳам дар хусуси нақши вожаҳо ва ғинои забон дар офариниши образҳои нави шоирона изҳори назар кардаанд [174, саҳ.133; 159, 104]. Дар ин бобат ашъори Ашур Сафарро ҳам метавон ҳамчун махзани забони зиндаи мардум ҳисоб кард. Ашур Сафар дар мавриди офариниши образҳо ва мазомини нав ба воситаи вожаҳои дар боло ишоратшуда ҷанбаи халқии ашъори худро қавитар намуда, тавассути онҳо образҳои навро ба адабиёт дохил намудааст.

Тавассути вожаҳои халқӣ забони ашъори Ашур Сафар басо ғанӣ гашта, мазмунҳову маъниҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки вожаҳои халқӣ дар матни ғазалҳои Ашур Сафар вазифаҳои гуногунро иҷро намуда, тавассути онҳо мазмуну матлабҳои нави шоир ба вуҷуд оварда мешаванд. Яке аз вазифаҳои вожаҳои халқӣ дар ашъори шоир – ин ба воситаи онҳо матраҳ сохтани тамсил мебошад. Шоир тавониста, ки бо ҳунари махсуси худ вожаҳои халқиро барои тамсилҳои зебо ба навъе зебову таъсирбахш корбаст намояд. Аз ҷумла, дар байти зерин шоир ба василаи вожаи *барфоба*, ки хусусияти халқӣ дорад, тамсили хуберо ба вуҷуд овардааст:

Зи гармои баҳорон гул дамад паҳлуи барфоба,
Шавад аз сеҳри лафзи хуб кас барнодилу қодир [67, саҳ.489].

Шоир дар байти боло барои он ки аз сеҳри лафзи хуб барнодилу қодир гаштани касро баён бидорад, сухани худро бо тамсили гармои баҳорон ва дар ин фасл паҳлуи барфоба дамидани гулро асоснок намудааст.

Ҳамчунин, дар байти зерин шоир ба воситаи вожаи дигари халқии *саглес*, ки миёни мардум ҳамчун як навъи бемори́ шуҳрат дорад, тамсили дигареро ба вуҷуд овардааст:

Чорае ҷуз танқид охир нест бар нуқсони кор,

Нест бинмояд зи тан саглесро дуди сипанд [67, саҳ.477].

*Саглес* ин дар истилоҳи имрӯз аллергия ном дорад ва дар урфи мардум бемориест, ки бар асари он дар тани инсон ҷо-ҷо доғҳои сафед мебароянд ва муҷиби пес ва нозебо гаштани ранги пӯст мегардад. Тибқи тибби халқӣ, мардум яке аз роҳҳои аз песӣ тоза кардани пӯсти инсонро дар истифодаи сипанд медиданд. Бинобар ин, ба ақидаи шоир, монанди он ки дуди сипанд бемории саглесро нест менамояд, барои бартараф кардани нуқсони кор чора ин танқид аст.

Баъзан вожаҳои халқӣ дар матни ашъори Ашур Сафар якбора ду вазифаро иҷро менамоянд: ҳам барои тамсил ба кор гирифта мешаванд ва ҳам барои тасвирҳои зебои шоирона. Чунончи, дар байти зерин ҳамин ҳолат ба назар мерасад:

Холҳо дар сурхии рухсораат бичкондаӣ,

Кулчаи хушрӯйиро кадбону муғпар мезанад [67, саҳ.483].

Маълум аст, ки занону духтарон бештар ба зебу зинат ва ороиши зоҳири хеш аҳамият медиҳанд, чунончи яке аз аломатҳои ин зинаткорӣ гузоштани холи сунъӣ дар рӯю атрофи лаб мебошад. Ашур Сафар ҳамин ҳолатро дар тасвиркориҳои шоиронаи хеш истифода намудааст. Дар тасвири вай маҳбуба дар сурхии рӯйи худ холгузорӣ менамояд. Ин тасвиркорӣ ба василаи истифодаи санъати тамсил таъсирбахштару зеботар баромадааст. Шоир, барои он ки зебоии дар рухсораи ёр чида шудани холҳоро тасвир намояд, онро тавассути тамсили ба кулча муғпар задани кадбону баён намудааст.

Вожаҳои халқӣ ё калимаҳои хосси забони муҳовара ва лаҳҷаҳову шеваҳо баъзан майдони истифодаашон дар матни ашъори Ашур Сафар васеътар гашта, ҳатто гоҳо ба ҳайси вожаи калидӣ мавриди корбурд

қарор мегиранд. Тибқи андешаи Озод Саидҷаъфаров, вожаҳои хосси забони муҳовара дар адабиёти тоҷик собиқаи куҳани корбурд дошта, ҳанӯз дар эҷодиёти шоирони классикӣ аз устод Рӯдакӣ ибтидо гирифта, риштаи он то ба суханварони муосир мерасад [133 , саҳ.8].

Ашур Сафар ҳам дар пайравӣ аз бузургони пешини худ вожаҳои бунӣ ва асилро ба хушӣ истиқбол гирифта, дар матраҳ сохтани мазмунҳои нави шоирона аз онҳо истифодаи муносиб намудааст.

Дар мавриди феълҳо бошад, бояд қайд намуд, ки дар ашъори Ашур Сафар аксаран феълҳое аз забони халқ корбурд шудаанд, ки аз ҷиҳати сохт таркибиянд ва бар навъи таркибии номӣ тааллуқ доранд. Аз ҷумла: феълҳои амсоли: *адо гаштан* [67, саҳ.508], *кора кардан* [67, саҳ.515], *кор гирифтан* [67, саҳ.492], *нобуд будан* [67, саҳ.480], *пазмон шудан* [67, саҳ.505], *панаҳ кардан* [67, саҳ.463], *парво кардан* [67, саҳ.450], *парт кардан* [67, саҳ.514], *роҳӣ будан* (дар маънои равона будан) [67, саҳ.480], *саргардон шудан* [67, саҳ.505], *сарсон шудан* [67, саҳ.475], *саршӯён кардан* (маҷоз аз расму анъанаи халқӣ ҳангоми тӯю сур) [67, саҳ.506], *сиёҳӣ задан* [67, саҳ.515], *поиста гаштан* [67, саҳ.518], *тар кардан* [67, саҳ.456] аз зумраи феълҳое ба ҳисоб меравand, ки дар забони мардум истифода мешаванд.

Ашур Сафар ба воситаи феълҳои хусусияти халқидошта руҳу равон, расму анъана, авзоъу ҳолот ва вижагиҳои гуногуни ба зиндагии мардум алоқамандро инъикос намуда, мазмуну мундариҷаи ашъори хешро ғанитар намудааст. Аз ҷумла, дар мисоли зерин бо истифода аз феъли *саршӯён кардан*, ки ҳолати махсусе дар тӯю сур мебошад ва дар байни мардум чун анъанаи тӯёна басо маъруф аст, матлаб ё мавзуи ишқиро баён намудааст:

Об гардонам диламро, бар сарат борон кунам,
То нагиряд абр, дар саҳро нахандад лолае.
Майдаю нозук буборам, то ту саршӯён кунӣ,

Барги гул резад, агар ки сахт борад жолае [67, саҳ.506].

Вожаи *саршӯён* дорои ду маънӣ аст: аслӣ ва маҷозӣ. Маънои аслии саршӯён ҳамон сар шустан аст, аммо дар ин маънӣ миёни мардум басо кам истифода мешавад. Ин вожаро мардум бисёртар дар маънои маҷозияш истифода менамояд. Дар маънои маҷозӣ саршӯён кардан – ин ҳолати шустани сари арус мебошад, ки рӯзи тӯйи арусии ӯ бо ёрии хешу ақрабои вай (модар, холаҳо, хоҳарон...) сурат мегирад. Дар рӯйи сари арус чодари махсус гузошта, бо хондани суруди махсуси маросимӣ сари арусро шонаи ба обу шир таркардашударо мезананд ва бо ин роҳ ӯро ба ҷодаи ҳаёти мустақилона гусел менамоянд. Бинобар ин, с*аршӯён кардан* дар байтҳои боло на дар маънои аслӣ, балки дар маънои маҷозӣ истифода гардидааст, яъне мақсуди шоир аз корбурди ин феъл бо роҳи маҷоз ё дар маънои маҷозӣ матраҳ сохтани он аст. Яъне, *саршӯён кардан* киноя аз хурсандӣ кардани маҳбуба аст, зеро ин ҳолатро мардум тибқи анъанаи халқӣ маҳз дар рӯзи хурсандӣ ба кор мебаранд. Феъли мазкурро Ашур Сафар дар баёни ҳолати ошиқона басо зебо истифода кардааст, ӯ дилашро барои маҳбубаш об менамояд, то ин ки вай бо борони дили ӯ саршӯён намояд. Бояд зикр намуд, ки дар мисоли боло ҷуз аз феъли халқии зикршуда, ҳамчунин, вожаи майда низ, ки хусусияти халқӣ дорад, истифода шудааст.

Ҳарчанд феълҳои сохта ҳам дар ашъори Ашур Сафар истифода шудаанд, аммо онҳо аз ҷиҳати теъдод нисбат ба феълҳои таркибӣ камтаранд. Аз ҷумлаи феълҳои сохта метавон феълҳои *бимурдан* (дар маънои фидо шудан) [67, саҳ.461], *дардодан* (дар маънои оташ гирондан) [67, саҳ.516], *партофтан* [67, саҳ.449], *сулфидан* [67, саҳ.515], *тобидан* [67, саҳ.453]-ро мисол овард. Агарчи феълҳои мазкур дар забони адабӣ ҳам истифода мешаванд, аммо бо хусусиятҳои вижаи худ онҳо миёни мардум бештар ба кор гирифта мешаванд. Масалан, феъли *бимурдан* ҷуз аз маънои аслии худ дар байни мардум дар маънои фидо шудан истифода

мешавад. Аз ҷумла дар байти зерин шоир феъли мазкурро маҳз дар ҳамин маънои халқияш истифода кардааст:

Бимирам ман дар ин хосиятат, ки дил
Зи шавқат гарму хуррам чун баҳорон аст [67, саҳ.461].

Як хусусияти феълҳои зикршуда, ба вижа феълҳои сохта иборат аз он аст, ки нақши маҷоз дар пайдо шудани онҳо басо назаррас мебошад, чунончи дар феъли бимурдан ҳамин ҷиҳат мушоҳида мешавад. Гоҳо дар матни як ғазали Ашур Сафар чандин феълҳо, ифодаҳо ва умуман вожаҳои халқӣ истифода гардидаанд. Масалан, дар ғазали зерин чандин намуна аз вожаҳову ифодаҳои халқӣ корбурд шудаанд, ки ин нишондиҳандаи нақши калидии вожаҳои мазкур дар тасвирҳо ва мазмунофариҳои шоиронаи ӯ мебошад:

Дӯш кор афтодаму муҳтоҷи як *часпак* шудам,
Ҳар тараф овора бо ин пешаи андак шудам.
Ваъдаи бисёр бишнидам ба нархи хел-хел,
Зери пои нарху ваъда *шалҳа* чун *хомак* шудам... [6, 511-512]

Вожаҳои хосси забони мардум бар ғазали мазкур як навъ таъсирбахшии хос низ ато намудаанд ва ба қавли адабиётшинос Умар Сафар, ашъори Ашур Сафар бо «обу гили ин калимот» дар худ ҳусни дигаре пайдо намудаанд [155, саҳ.142]. Дар ғазали мазкур тавассути вожаҳои *часпак, хомак, элак, шоирчак, досак, тахтак, мардак*, ки хусусияти халқӣ доранд ва бештар миёни мардум истифода мешаванд, каломи шоир зеботару ҷолибтар гардидааст.

Навъи сеюми нишонаҳои мардумии ашъори Ашур Сафар дар қолаби иборaву ифодаҳои халқӣ инъикос гардида, ифодакунандаи тамоюли халқии шоир ба забони муҳовара ё зиндаи гуфтугӯист. Намунае аз ибораи халқиро метавон дар мисоли ибораи аз *афти кор* (дар маънии зоҳиран ва чунонки менамояд) дар мисоли зерин мушоҳида кард:

Касе берун зи андарзи падар рафт,
Падарро дар ду дунёяш писар нест.

Бихонда шеъри як шоир, бигуфтанд:

Аз афти кор, мардак беназар нест [67, саҳ.458].

Дар байти охири шеъри боло ҷуз аз ибораи аз *афти кор* боз вожаи *мардак* ҳам ба забони муҳовара тааллуқ дорад.

Дар ғазалиёти Ашур Сафар мақолу зарбулмасалҳо ва ифодаҳои маъруфи халқӣ ҳам ҷилваи махсус дошта, руҳи халқии матни ашъори ӯро неруи дигар бахшидаанд. Муҳаққиқони эронӣ Сируси Шамисо ва Муаззама Иқболӣ мақолҳои маъруфи халқиро амсоли соир ва ирсолулмасал номгузорӣ кардаанд, ки ба воқеият наздик аст, зеро ин мақолҳо миёни табақаҳои гуногуни ҷомеа сайри забонӣ карда, шуҳрату маъруфият касб менамоянд (171, саҳ.81; 107, саҳ.206).

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Бозор Тилавов нақши мақолу зарбулмасалҳои халқиро дар ҳифзи равониву фаҳмоии забон, расму анъанаҳои халқӣ, инъикоси ҳаёти мардум, донишу ҷаҳонбинии он, афкори иҷтимоӣ, ҳамчунин барои мухтасару таъсирбахштар ифода кардани фикр басо бузург арзёбӣ намудааст, ки қобили дастгирӣ аст [151, саҳ.6].

Ҳамин гуфтаҳои муҳаққиқони мазкурро метавон дар мисоли ашъори Ашур Сафар ба исбот расонид. Масалан, дар байти зерин шоир ба василаи корбурди мақоли маъруфи халқӣ фикри худро ифода намудааст:

Саҳоб аз қибла хезад, сахт тӯфон мешавад, гӯянд,

Ман охир тарс аз шӯридани он хушнасаб дорам [67, саҳ.492].

М. Фозилов қайд намудааст, ки зарбулмасалу мақолҳои халқӣ тавассути шоирон дар либоси нав, яъне назм боз ҳам хушоҳангтару зеботар гардидаанд [195, саҳ.4]. Чунонки дида мешавад, дар мисраи аввали байти боло мақоли маъруфи «Абр аз қибла хезад, сахт борон мешавад» бо тағйири ҷузъии шаклӣ дар шакли назм басе моҳирона истифода гардида, мазмуни байтро қавитар намудааст.

Дар байти зерин бошад, мақоли «Коҳи куҳнаро бод додан» мавриди истифода қарор гирифтааст ва он ҳам бо табдили ҷузъҳову вожаҳо тарҳрезӣ гардидааст:

Борҳо дил додаму бар ман диле нагзоштанд,
Ғуссаи деринаро аз нав фузудан хуб нест [67, саҳ.461].

Ба ақидаи устод Худои Шариф, зарбулмасал ҷанбаи зеҳнии тамсилро муаррифӣ менамояд [174, саҳ.250]. Исботи гуфтаҳои муҳаққиқи мазкурро метавон дар намунаҳои боло пайдо намуд, зеро дар онҳо хусусияти зеҳниву ақлонӣ бештар мушоҳида шуда, инъикосгари таҷрибаҳо ва ҷаҳонбинии мардум мебошанд. Манзури гӯянда аз ҳамчунин мақолу зарбулмасалҳо агар аз ҷониб монанд намудани воқеаву ҳодисаҳо ва мазмуну маънӣ бошад, аз сӯйи дигар, инъикос намудани ҷузъе аз ҳаёти рӯзмарраи мардум ва таҷрибаҳои ҳаётии вай мебошанд. Масалан, дар байти зерин ҳамин ҷиҳатро мушоҳида намудан мумкин аст:

Нони кас қарз аст,- мегӯянд,- бар кас,- одамон,
Дил агар додан нахоҳӣ, дил рабудан хуб нест [67, саҳ.461].

Абдураҳмон Абдуманнонов роҷеъ ба нақши зарбулмасалу ифодаҳои халқӣ қайд менамояд, ки «Агар таассурот амиқ ва фардӣ бошад, зарбулмасалу мақол ва ифодаҳои забоннишаста ҳам маънои тоза ва иҷтимоиро хубу барҷаста ифода мекардаанд» [80, саҳ.140]. Дар байти боло мақоли маъруфу забоннишастаи халқӣ дар мисраи аввал истифода шуда, маънои ишқиро боз ҳам барҷастатару муассиртар ифода намудааст. «*Қарз будани нони кас*» миёни мардуми тоҷик мақоли маъруфест ва он дар он сурат истифода мешавад, ки инсон агар аз касе ёриву кумаке, хидмате ва ё дастгириеро дида бошад ва бар асари он дар фикри баргардонидани он бошад.

Миёни мардум чунин мақоле маъруф аст: «Сагро кор нагирӣ ё ба ҳоли худаш гузорӣ, корат намегирад». Дар байти зерин шоир ҳамин мазмунро ба кор бурдааст, аммо бо иваз намудани вожаи саг бар мор:

Корат нагирад мор, чу кораш ту нагирӣ,

Аз морсифат тарсаму аз мор натарсам [67, саҳ.492].

Адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторов қайд менамояд, ки шеъре, ки аз зиндагӣ дур аст, ба мисли гули коғазист [143, 116]. Манзури муҳаққиқи мазкур аз гули коғазӣ чизи хушку беасар аст, ки дар худ ранг дораду таровате бӯе надорад. Рангу бӯйи шеъри Ашур Сафар унсурҳои зиёди халқиянд, ки матни ашъори ӯро аз ҳар ҷиҳат таъсирбахшу зебо мегардонанд.

Дар ҳақиқат, забони ашъори Ашур Сафар ба туфайли наздик будани он бо услуби халқӣ басо таъсирбахшу ҷолиб буда, ин хусусият дар кулли ғазалҳои вай аз мақоми калидӣ бархӯрдор мебошад. Бад-ин ҷиҳат, аслиҳаи асосии Ашур Сафар дар баёни мазомини шоиронааш халқиёти ӯ, бахусус вожаҳо, ифодаҳову таркибҳо ва мақолу зарбулмасалҳо ба ҳисоб мераванд.

Метавон қайд намуд, ки нақши унсурҳои халқӣ дар эҷодиёти шоир Ашур Сафар, махсусан дар ғазалиёти вай, ки қисмати асосии жанрҳои шеърии ӯро фаро мегиранд, басо бузург буда, корбурди онҳо ба ҳайси марказитарин хусусияти сабкӣ ва забонӣ-услубии эҷодиёти шоир ба ҳисоб меравад. Ҳамаи навъҳои унсурҳои мазкур дар эҷодиёти шоир иштироки фаъол ё истифодаи васеъ дошта, ҳусни ашъори ӯро боз ҳам зиёд мегардонанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки нодида гирифтани унсурҳои мазкурро дар ҳунари шоирии Ашур Сафар дар таҳқиқоти эҷодиёти шоир мушкилоти ҷиддиеро ба бор меоварад.

Хусусияти дигари сабкии ғазалҳои Ашур Сафар – ин ба кор бурдани муколама дар матни ғазал аст, ки таъсири назаррасе дар тарҳу шакли ғазалҳои ӯ бар ҷой мегузорад. Агарчи дар илми бадеъ муколамаро санъати саволу ҷавоб низ меноманд, адабиётшинос Субҳон Давронов инро нодуруст мешуморад ва бар он ақида аст, ки бар саволу ҷавоби ду нафар номи муколама гузоштан ҷоизтар аст. [100, саҳ.128].

Муколама чунин навъи гуфтор аст, ки миёни ду ва ё чанд нафар сурат мегирад. Аксаран муколама дар байни ду нафар сурат гирифта, дар он як нафар суолдиҳанда ва нафари дигар посухдиҳанда ба ҳисоб меравад. Агарчи муколама махсуси наср аст ва дар суҳбатҳои рӯзмарраи шифоҳии мардум истифода мешавад, дар шеър ҳам нишонаҳои зиёди он ба чашм мерасанд. Дар шеъри форсӣ суханони муколамаӣ ё дар шакли муколама тарҳрезишуда собиқаи зиёда аз ҳазорсола дорад. Аввалин намунаи муколамаи шеърӣ аз ин рубоиии маъруфи устод Рӯдакӣ оғоз ёфта, минбаъд дар эҷодиёти шоирони дигар идома меёбад:

Омад бари ман. - Кӣ? – Ёр. – Кай? – Вақти саҳар.
Тарсанда зи кӣ? – Зи хасм. – Хасмаш кӣ? – Падар!
Додам-ш ду бӯса. – Бар куҷо? – Бар лаби тар.
Лаб буд? – На! – Чӣ буд? – Ақиқ. – Чун буд? – Чу шакар! [7, саҳ.49].

Мунаққид ва шоири маъруф Аскар Ҳаким қайд намудааст, ки шоир «барои ифодаи ҳаррангии мазмуну мундариҷа аз гуногунтарин воситаҳои услубӣ истифода мекунад» [157, саҳ.144]. Дар ғазалҳои Ашур Сафар корбурди ҳунармандонаи муколамаро метавон яке аз воситаҳои барҷастаи услубӣ арзёбӣ кард. Дар девони шоир чандин ғазал вомехӯранд, ки дар онҳо шоир андешаҳою тахайюлоти бадеии хешро тавассути муколама, яъне суолу ҷавоб матраҳ сохтааст. Муколамаҳо дар ғазалҳои шоир бо ду роҳ сурат пазируфтаанд: муколама бо объекти ғиноӣ ва муколамаи шоир бо худ.

Дар муколамаи навъи якум суолу ҷавоб миёни шоир ва маъшуқа сурат мегирад. Навъи мазкур, дар навбати худ, бо ду тарз сурат мегирад. Хусусияти назарраси ҳар ду тарзи ин навъи муколама чигунагии алоқаи онҳо бо мисраъҳою байтҳо мебошад. Дар тарзи якум суолу ҷавоб дар ҳаҷми як байт сурат мегирад, яъне дар мисраи аввал худи шоир савол медиҳад ва дар мисраи дуюм объекти ғиноӣ, яъне маъшуқа ё ёр посух медиҳад. Чунончи:

Гуфтам ту азоби ҷони мой!
Гуфто ту бигӯ, ки аз куҷоӣ?
Гуфтам, ки диёри ман бари туст,
Гуфто, ки магар ту ошноӣ?
Гуфтам, ки зи ман наю зи дил пурс,
Гуфто, ки ту рози дилкушоӣ?
Гуфтам, ки чӣ гуфтанат надонам,
Гуфто зи кадом мактаб ойӣ?... [67, саҳ.508]

Муколама дар ғазали мазкур дар мухтавои як байт сурат гирифта, дар мисраъҳои аввал худи шоир савол медиҳад ва дар мисраъҳои дуюм маъшуқа ба саволҳои ӯ посух медиҳад. Бар илова метавон қайд кард, ки муколамаи мазкур дар пайравии муколамаи Хусраву Фарҳод аз достони «Фарҳод ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ эҷод шудааст, бо ин ду фарқият, ки асари Ҳаким Низомӣ дар вазни маснавӣ суруда шуда ва муколама дар он миёни на ошиқу маъшуқа, балки миёни ду ҳариф сурат мегирад; аммо муколамаи Ашур Сафар дар вазни ғазал буда, суолу ҷавоб дар он миёни худи шоири ошиқ ва маъшуқа сурат мепазирад.

Дар девони Ашур Сафар як ғазали дигар низ бо ин навъи муколама дида мешавад, ки матлаи он чунин аст:

Гуфтам зи лабат чошнӣ дорам ҳавас охир,
Гуфто набарам ман ҳаваси ҳеҷ кас охир [67, саҳ.487].

Дар тарзи дуюм муколама дар ҳаҷми ду байт сурат мегирад: дар байтҳои аввал саволҳои шоир ё шахси мавҳум ба сифати ошиқ матраҳ мегарданд ва дар байтҳои дуюм ҷавобҳои маъшуқа тарҳрезӣ мешаванд. Чунончи, дар яке аз ғазалҳои шоир, ки унвони «Ҳеҷ гаҳ дар ҳеҷ ҷо» дошта ва дар дохили қавс «Гуфтугӯ ҳангоми рақс дар тӯй» низ оварда шудааст, ҳамин тарзи муколама басо зебову латиф дар силки назм кашида шудааст:

- Дар куҷо, кай вохӯрем, эй моҳрӯ,
Сояи зулфи ту манро орзу.

- Пеш аз гуфтор андешанд хуб,

  Чашм бикшою нигар атроф ту.
- Тӯй ҳасту ҷашни ишқу васли ёр,

  Ҳар ки бо дилдор дорад гуфтугӯ... [67, саҳ.701]

Дар ғазали мазкур муколама ба мисли ғазали қаблӣ дар ҳаҷми як байт сурат нагирифта, балки ҳудуди он ду байтро дар бар мегирад. Суолҳо (яъне: суолҳои шахси ошиқ) дар муколамаи мазкур то байти сеюм дар ҳудуди як байт ва аз байти 6-ум дар ҳаҷми ду байт идома меёбанд (яъне: байтҳои 6-ум ва 7-ум). Ҷавобҳо бошанд, дар байтҳои 2-юм ва охир дар ҳудуди як байт ва оғоз аз байти 4-ум ду байт (байтҳои 4-ум ва 5-ум)-ро фаро мегиранд.

Дар муколамаи навъи дуюм суолу ҷавоби шоир на бо маъшуқа, балки бо худ роҳандозӣ мешавад. Дар девони шоир як ғазал мавҷуд аст, ки дар он шоир худ бо худ муколама мекунад, яъне худ савол медиҳад ва худ ба саволи хеш посух медиҳад. Суолу ҷавоб дар ин муколама дар ҳаҷми як байт сурат гирифта, дар мисраи якум шоир савол медиҳад ва дар мисраи баъдӣ ба саволи худ посух медиҳад:

- Чӣ мешуд, гар намешуд бахтовар?
- Касе хушбахт мисли мо намешуд.
- Чӣ мешуд, гар набудӣ иттифоқӣ,
- Ба разме дасти мо боло намешуд.
- Чӣ мешуд, гар намешуд тухми бадхоҳ?
- Ба олам ҳеҷ гаҳ ғавғо намешуд [67, саҳ.484].

Бояд қайд кард, ки овардани муколама аз ҷониби шоир дар матни ғазал бе ҳадаф ва ё ҳамин хел барои пурра кардани матн набуда, балки муколама дар матни ҳар асари бадеӣ, аз ҷумла ғазал вазифаи вижаи бадеиро иҷро менамояд. Шоир тавассути тарҳрезии муколама мавзуи мавриди тасвирро зеботару таъсирбахштар мегардонад. Чун дар ғазал объекти ғиноӣ ва симои инъикоскунандаи шоир ҷинси зан ва аксаран

дар сурати ёр ё маъшуқа аст, бинобар ин, суолу ҷавоб бо ин объекти ғиноӣ худ мавзуи завқбахшу дилхушкунанда аст. Баъдан, муколама бар ҳар сухани мавзун, аз ҷумла жанри ғазал, як навъ эҷозу кӯтоҳбаёнӣ мебахшад, зеро як хусусияти муколама худ иборат аз мушаххасбаёнию муҷазбаёнӣ аст.

Яке аз хусусиятҳои дигари сабкӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар – ин такрори вожаҳо дар матни ғазал мебошад. Дар чандин ғазали шоир мушоҳида мешавад, ки баъзе вожаҳоро шоир борҳо ва ба такрор овардааст. Вожаҳои такрорӣ дар ин маврид дар оғози ҳамаи мисраъҳои байтҳо мушоҳида мешаванд. Ин вожаҳои такроршаванда на ба қофияҳо ва на ба радифҳои ғазал робитаву алоқа надоранд, шоир онҳоро ҳамин хел то охири ғазал такрор намудааст. Чунончи, дар ғазали зерин вожаи «дигар» аз аввал то охири мисраъҳои ғазал такрор гардидааст:

*Дигар* дидори ҷонбахшат бароям тухми анқо нест,
*Дигар* моҳии уммедам бурун з-оғӯши дарё нест.
*Дигар* ҷонам намеояд ба лаб аз сӯзи ҳиҷронат,
*Дигар* бесабру танҳо дил ба сомон асту танҳо нест... [67, саҳ.454].

Дар ғазали зерин бошад, такрори вожа аз оғоз то анҷом ба назар мерасад. Ин такрор дар шакли феълҳои амрии навъи тасдиқию инкории амсоли: *биё, марав, бигӯ, нишин, шунав, бидон, машав, нигар, макан, бидеҳ*, феъли шартии *наоӣ* ва исми *ҳазар* (дар вазифаи ҳиссача) истифода шудаанд. Чунончи:

Биё, биё, ки бе туам дигар намонд тоқате,
Марав, марав, ки мешавад ба по маро қиёмате.
Бигӯ, бигӯ, баҳори дил, куҷо равӣ, чаро равӣ?
Нишин, нишин, ки ҷони ман барад зи ту ҳаловате... [67, саҳ.506-507]

Ба андешаи мо, такрори вожаҳо дар матни ғазалҳои шоир ду вазифаи вижаро иҷро менамояд: аввалан, ҷиҳати таъкиди фикр истифода мешавад, то бар ин васила муаллиф таваҷҷуҳи хонандаро бештар ҷалб

намуда, ӯро аз андешаҳо ва майлу хостаҳои хеш бештар воқиф гардонад; баъдан, тавассути такрор якнавохтӣ ва ҷанбаи мусиқии мисраъҳою байтҳоро таъмин намояд.

Хулосаи боб. Дар иртибот бо вазнҳои асосии ғазалиёти Ашур Сафар метавон гуфт, ки онҳо, аслан, бар ду вазн: баҳри рамал ва баҳри ҳазаҷ, зеро дар якҷоягӣ ҳар ду байт 331 ғазалро ташкил медиҳанд, ки 93 %-и кулли ғазалҳои шоирро фаро мегиранд. Бо дигар баҳрҳо, монанди: музореъ, раҷаз ва мунсареҳ, ки дар якҷоягӣ 29 ғазалро дар бар мегиранд, ҳамагӣ 6-7 %-ро ташкил медиҳанд.

Дар иртибот бо қофия дар ғазалиёти шоир чандон нововарӣ ё нукоти қобили таваҷҷуҳ мушоҳида намешаванд. Аммо дар мавриди радиф ғазалиёти шоир дорои баъзе хусусиятҳост. Агар баъзе радифҳои шоирони пешинро шоир дар шакли худи онҳо истифода бурда бошад (амсоли: «манам, ман» ва «гум макун»), дар корбурди баъзеи онҳо каме тағйирот ворид намудааст (монанди: «орад ҳаме», «ғам мехӯрам»). Дар қисмате аз радифҳои ғазалиёти шоир ибтикороти худи ӯ ба чашм мерасанд, чун онҳо танҳо марбут бар ғазалҳои шоиранд ва дар дигар шоирон мушоҳида намешаванд. Ба инҳо мисол шуда метавонанд, радифҳое амсоли: «мешуда бошад», «шавам садқа», «аст духтур», «чӣ гӯянд».

Ғазалиёти Ашур Сафар дорои хусусиятҳои махсуси сабкӣ мебошанд. Яке аз онҳо нуқтаи назари худи шоир бар шеъру суханварӣ аст. Шоир дар эҷоди ашъор сухани тозаву нав, содаву равон ва орӣ аз мушкилро меписандад. Бинобар ин, саропойи ғазалҳои вай равон ва бо услуби сода навишта шуда, дар баробари ин, аксаран тозаву обнашустаанд ва дарак аз ҳунару тахайюли шеърпардозии вай медиҳанд. Хусусияти қобили таваҷҷуҳи ғазалҳои шоир – ин ҷилваи дурахшони унсурҳои халқӣ – вожаҳою ибораҳо, ифодаҳою мақолҳои халқӣ ба ҳисоб мераванд. Унсурҳои мазкур, пеш аз ҳама, аз руҳи халқӣ дар ашъори

шоир далолат менамоянд. Ин вижагиҳо ҳам майлу рағбати ӯро нисбат бар забони зиндаи халқ бозгӯйӣ менамоянд,  ҳам нишондиҳандаи фардият ва ё шахсияти шоирии ӯ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти дигари сабкӣ, ки дар ғазалҳои Ашур Сафар мушоҳида мешавад, ин дар матни ғазал ба кор бурдани муколама мебошад. Дар девони шоир чандин ғазал мавҷуданд, ки дар онҳо муколама нақши назаррас дошта, афкору андешаҳои шоир тавассути онҳо тарҳрезӣ гардидаанд. Дар маҷмуъ, муколамаҳои ғазалиёти шоир ба ду қисми алоҳида – 1) муколама бо маъшуқ; 2) муколама бо худ ҷудо мешаванд. Дар қисме аз муколамаҳои шоир таъсири муколамаҳои ашъори классикон, бахусус Низомии Ганҷавӣ ва устод Рӯдакӣ, ба чашм мерасад.

Дар ғазалҳои шоир, ҳамчунин, дигар вижагиҳои сабкӣ, амсоли: такрори вожаҳо ва корбурди феълҳои хосси услуби классикон мушоҳида мешаванд. Шоир дар оғози қисмате аз ғазалҳояш вожаҳоро дар гунаи такрору таъкид оварда, бо ин роҳ оҳангнокию равонии матни ашъори хешро бештар гардонидааст. Дар мавриди корбурди феълҳо бошад, назари мо ин аст, ки шоир онҳоро аслан, бо тақозои вазни ашъораш дар услуби классикон, ки аксаран дар ашъори онон дар тарзи ихтисору тахфиф оварда мешуданд, истифода кардааст.

# Боби IV

# Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ашур Сафар

## IV.1. Мавқеи тамсил дар ғазалиёти Ашур Сафар

Нақши санъатҳои бадей – ҳамчун унсур ва рукнҳои устувор дар зеботар баён кардани мазмунҳои шоирона басо назаррас мебошад. Муҳаққиқон дар хусуси нақши воситаҳои тасвир дар муассир гаштани каломи манзум андешаҳои қобили таваҷҷуҳ баён намудаанд. Аз ҷумла, Муҳаққиқ Юрий Бобоев қайд менамояд, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар образнок шудан ва ба таври бадеӣ баён кардани идеяи асар дорои аҳамияти бузург мебошанд [90, саҳ.224]. Адабиётшиносон С. Саидов ва А. Шоев низ дар ҳамин маврид зикр кардаанд, ки «унсурҳои таркибии шеър на танҳо вазн, қофияву радиф, ҳамчунин мавзуву бадеият мебошанд... Дар тафсири шеър муайян сохтани мавзуъ ва саноеи бадеӣ низ мисли обу ҳаво аст» [187, саҳ.23]. Юсуф Акбарзод низ бар он назар аст, ки шеър новобаста аз чигунагии жанр ва қатъи назар аз шакли куҳна ва нави он, агар дар қатори вазну қофия ва сабку услуби баён , ҳамчунин, аз нигоҳи корбурди санъатҳои бадеӣ ва чигунагии тасвири бадеӣ барҷастагие надошта бошад, онро наметавон шеъри асил унвон ниҳод [83, саҳ.158].

Дар ғазалиёти Ашур Сафар низ воситаҳои тасвири бадеӣ, амсоли тамсил, талмеҳ, ташбеҳу истиора ва монанди инҳо аз унсурҳои барҷастаи каломи бадеи вай маҳсуб меёбанд. Яке аз назаррастарин санъатҳои бадеӣ дар ғазалҳои шоир – ин тамсил ба ҳисоб меравад. Дар таърихи шеъру адаби форсу тоҷик тамсил ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ ҳам дар эҷодиёти суханварони классикӣ, ҳам даврони шуравии адабиёти тоҷик ва ҳам даврони истиқлолият аз ҷойгоҳи басо назаррас бархӯрдор мебошад. Санъати тамсил бар ҳунари суханофаринии шоирону нависандагони классик пайванди басо зичу ногусастанӣ дорад ва дар

ҳолати нодида гирифтани ин воситаи тасвири бадеӣ пояи сухан дар матни осори онҳо ба куллӣ барбод меравад.

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик шоироне мавҷуданд, ки навъи дигари тамсил – ирсолулмасалро дар ашъори хеш ба ҳайси вижагии асосӣ қарор додаанд ва ин воситаи тасвири бадеӣ то он ҷо дар эҷодиёти онон, ба хосса дар жанри ғазали онон дорои мақоми баланд аст, ки агар онро аз матни ашъори онҳо ҷудо намоем, шеъри онҳо латофату таъсирбахшии пешинаи худро аз даст медиҳад. Аз зумраи ин шоирон метавон ду нафар суханвари бузурги ғазалсаро – Соиби Табрезӣ ва Сайидои Насафиро ном гирифт, ки тамсил дар шеъри онон аз мақоми бас баланд бархӯрдор аст. Шиблии Нуъмонӣ, муҳаққиқи нуктасанҷи адабиёти классикии форсу тоҷик тамсилпардозиро хосси ҳунари шоирии Соиби Табрезӣ эътироф намудааст [5, саҳ.181].

Вожаи тамсил ҳам дар осори донишмандони қадим ва ҳам дар фарҳангҳои муосир тақрибан дар як маъно шарҳ ёфтааст. Аз ҷумла, Атоуллоҳ Ҳусайнӣ тамсилро дар маънои мисол овардан зикр намудааст [75, саҳ.157]. Дар луғатномаҳои Х.К. Баранов ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳам тахминан ҳамин маънои вожаи тамсил нишондод шудааст, дар ҳар се асари мазкур тамсил дар маънои мисол овардан ва ташбеҳ кардан маънидод гардидааст [189, саҳ.741-742; 194, саҳ.317].

Дар илми баён ҳам донишмандони классикӣ ва ҳам муҳаққиқони муосир тамсилро навъе аз истиора зикр намудаанд. Аммо Шамси Қайси Розӣ, бо вуҷуди он ки тамсилро яке аз анвои истиора қаламдод менамояд, онро аз санъати истиора бартар мешуморад: «Ва он ҳам аз ҷумлаи истиорот аст, илло он ки ин навъи истиорае аст ба тариқи мисол, яъне чун шоир хоҳад, ки ба маъние ишорате кунад, лафзе чанд, ки далолат бар маъние дигар кунад, биёраду онро мисоли маънии мақсуд созад. Ва аз маънии хеш бад-он мисол иборат кунад. Ва ин санъат хуштар аз истиораи муҷаррад аст» [6, саҳ.295].

Дар луғати русии истилоҳоти адабиётшиносӣ тамсил ба ҳайси ҳикояти хурди дар маънои дигар ё маҷоз матраҳгашта, ки дорои ҷанбаи пандуҳикматӣ мебошад, шарҳ дода шудааст, ки он бо таърифоти донишмандони классикии форсу тоҷик ва муҳаққиқони муосири шеъру адаби форсӣ комилан мувофиқат менамояд [192, саҳ.295].

Сируси Шамисо дар мавриди вижагии фарққунандаи санъати бадеии тамсил қайд менамояд, ки дар санъати мазкур танҳо ҷузъи мушаббаҳун биҳи зикр гашта, тавассути он мушаббаҳ дар назар гирифта мешавад [167, саҳ.79]. Дар ҳақиқат, дар тамоми анвои санъати тамсил танҳо аз ҷузъи ташбеҳкунанда зикр меравад ва шоирон аз баёни ташбеҳшаванда дар ин маврид сарфи назар менамоянд. Таъсирбахшоӣ ва нақши маънавии тамсил ҳам дар ҳамин ҷиҳат инъикос меёбад, ки дар он мафҳумҳову ашё ва хостаҳои ҳар адиб аз тариқи ҷузъи ташбеҳкунанда баррасӣ мегардад ва тавассути ин қисмат он чӣ ки шоир ё нависанда дар зеҳни худ қарор додааст, ба тасвир кашида мешавад.

Дар адабиётшиносии муосир ба ҷойи тамсил бештар истилоҳи ирсолулмасал ба кор меравад, ки дар маънои ҷузъии худ навъе аз тамсил ба ҳисоб меравад ва вазифаҳои он ҳам тақрибан ҳамон вазифаҳои адабии тамсил аст. Аз ҷумла Туроқул Зеҳнӣ он ҷо ки дар хусуси санъатҳои маънавӣ сухан меронад, дар баробари дигар санъатҳои навъи мазкур ба ҷойи тамсил унвони ирсоли масалро зикр карда, вожаи тамсилро дар поён дар дохили қавсайн меоварад [105, саҳ.112]. Тамоми муҳаққиқоне, ки оид ба ирсолулмасал ё ирсоли масал таҳқиқот бурдаанд, дар таърифи ин санъат ҳамон қоидаи маъмуливу анъанавиеро, ки донишмандоне классик дар мавриди тамсил қайд намудаанд, такрор намудаанд. Ин нишон медиҳад, ки ҳам донишмандони классикӣ ва ҳам адабиётшиносони муосир ҳар дуро айни як чиз медонанд.  Аз ҷумла Муаззама Иқболӣ дар таърифи ирсолулмасал ҳамон қоидаи тамсилро дар назар гирифта, онро «гунҷонидани масале машҳур ё калимоти

қассори бузургон дар шеър, бо сурудани мисраъе, ки ҳолати масал пайдо мекунад» маънидод кардааст [107, 206].

Дар эҷодиёти Ашур Сафар, ба хусус дар ғазалиёти вай тамсил ҷилваи зиёд дорад. Ғазалеро дар эҷодиёти шоир наметавон пайдо намуд, ки дар он ҳадди ақал як намуна аз санъати бадеии тамсил истифода нагардида бошад. Санъати тамсил дар ғазалиёти Ашур Сафар дорои хусусиятҳои гуногун мебошад, ки асоситарини онҳо гуногунмавзӯӣ дар матни ғазалҳои шоир, мақоми баланди афкори пандуахлоқӣ ва нуктаҳои ҳикматомези ҳаётӣ дар онҳо, гуногунрангӣ дар макони истифодаи тамсил дар матни абёти шоир, мақоми тамсил дар матни пурраи як ғазал ва ниҳоятан мақоми далелу бурҳон дар матни худи тамсилҳои шоир ба ҳисоб меравtotанд.

Тамсилҳои ашъори Ашур Сафар аз ҳайси мавзуъ гуногунранг буда, аксари онҳо ҷанбаи ҳаётӣ доранд ва аз ин ҷиҳат дорои хусусияти пандуахлоқӣ низ мебошанд. Аз ин ҳайс тамсилҳои ашъори шоирро метавон тамсилҳои пандуандарзӣ ном гузошт, зеро дар аксари онҳо ҷанбаи афкори ҳикматомез ба чашм мерасад. Вобаста ба фарогирии мавзуоти пандуандарзӣ ё ҳикматомез тамсилҳои ирсоли масалҳои бакоргирифтаи Ашур Сафар дар умум ба ду қисмат ҷудо мешаванд: 1) мавзуоти куллӣ ё урфӣ; 2) мавзуоти ҷузъӣ ё номаъруф.

Дар тамсили навъи якум ҷанбаи ҳикматии афкори шоир равшантару мустаҳкамтар мебошад. Дар ин навъ тамсил агарчи шоир афкори пандуахлоқии бузургони пешин ва суханони ҳикматноки халқиро дар бештари мавридҳо такрор кардааст, аммо тавониста онро дар либосу пирояи нав ба тарзи хоссе адо бикунад. Масалан, дар тамсили тилло, ки шоирони пешин дар холисиву мондагории он мукаррар сухан гуфтаанд, Ашур Сафар тавониста фикри тозаеро тавассути бакоргирии он ба вуҷуд оварад. Дар байти зерин вай ҳикмати халқиро, ки «тилло дар гилу лой ҳам тилло аст», бо ин тариқ ифода намудааст:

Пок агар дар хирқа гардад ҳам, ҳамеша пок ӯст,

Умрҳо тилло намебандад ба зери хок занг [67, саҳ.451].

Зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки масали мазкур дар байни мардуми тоҷик дар гунаи дурушттару қабеҳ низ истифода мешавад, ки ин ифодаи мардумиро ин ҷо мисол овардани он раво нест.

Дар байти дигари ғазали шоир тамсили рӯд истифода гардидааст, шоир рӯзгори одамиро бар рӯде, ки ба баҳр фурӯ мерезад, шабеҳ карда, ба василаи ин шабоҳат ҷанбаи ҳикматии байтро мустаҳкам намудааст:

Рӯзгори одамӣ пур аз фарозу шебҳост,

То ба баҳре рӯд резад, ҳаст дар ранҷу азоб [67, саҳ.453].

Чунонки қаблан зикр шуд, дар аксари тамсилҳои Ашур Сафар ҷанбаи ҳаётии афкори шоир басо қавӣ аст. Дар ин маврид аз эҳтимол дур нест, ки шоир зери таъсири ғазалсароёни бузурги классик: Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ ва монанди онон қарор гирифта бошад, зеро дар тамсилҳои ин ду суханвари хушадо, ки дар бобати тарҳрезиву ибтикорот дар санъати тамсил дар мақоми басо арҷманд қарор дорад, ҷанбаи мазкур бисёр қавӣ аст. Дар афкори тамсиломези Ашур Сафар ҳам ҷанбаи ҳаётӣ, ки самараи таҷрибаҳои рӯзгори вай мебошанд, ҷӯш мезананд ва хонандаи хешро аз ин ҳайс тарбияи маънавӣ менамоянд. Масалан, дар байти зери шоир тавассути тамсили оҳан ва дар оташ обутоб ёфтани он одамиро ҷиҳати гирифтани таҷрибаи ҳаёт панд медиҳад:

Тоб овардан ба ҳар як мушкилӣ шарт асту фарз,

Оҳан андар обу оташ сахт ёбад обутоб [67, саҳ.453].

Тамсилҳои Ашур Сафар обхӯрда аз обутобу таҷрибаҳои ҳаётиянд ва хонандаи худро дар идомаи зиндагонӣ ва сабру тоқат кардан дар баробари мушкилоти он таскин медиҳанд ва ӯро дар зиндагонӣ дар руҳияи бурдбориву сабру таҳаммул тарбият менамоянд. Аслан дар жанри ғазал истифода намудани тамсилҳое, ки хусусияти ҳаётӣ доранд ва бархӯрдор аз панду андарзҳои зиндагониянд, басо муносиб аст.

Чунонки адабиётшинос А. Сайфуллоев қайд намудааст: «Лирика ифодаи афкор ва эҳсосоти шоир аст, ки ба таъсири воқеаҳои мухталифи зиндагӣ ва муносибатҳои гуногуни инсонӣ ба вуҷуд меояд. Асоси асарҳои лирикиро ҳақиқати ҳаёт ва руҳи замон, маънавиёти бойи инсон ва муносибати шоир ба ҳодисаҳо ташкил менамояд» [135, саҳ.120]. Гуфтаҳои адабиётшиноси мазкурро дар мавриди афкори Ашур Сафар низ, ки тавассути тамсилҳои зиндаву ҳаётии хеш баён намудааст, метавон қабул намуд, зеро дар аксари тамсилҳои ҳаётии шоир таъсири муҳит ва таҷрибаҳои зиндагӣ эҳсос карда мешавад. Хонанда ҳаётӣ ва зинда будани ин тамсилҳоро худ эҳсос менамояд ва аз он як навъ лаззати эстетикӣ мегирад. Аз ҷумла дар байти зер шоир мухталиф ва пасту баланд гузаштани зиндагиро ба василаи тамсили мол - ҳайвони хонагӣ баён намудааст:

Зиндагӣ пайвастаи хушкомию нокомӣ аст,
Мол зери пӯст гаҳ фарбеҳ шавад, гоҳе хароб [67, саҳ.453].

Аксари тамсилҳои навъи мазкур агарчи гунаи дигаре аз афкори бузургон ё мақолҳои халқӣ матраҳ гардидаанд, дар худ тозагии зиёд доранд. Ин тозагиро тарзи адои марғубу содаи шоиронаи Ашур Сафар ташкил медиҳанд. Масалан, дар байти зерин ҳамин содагии тарзи баён эҳсос мешавад:

Бибӯсам хоки пои пири деҳқонро,
Ки мегӯянд, агар нон нест, имон нест [67, саҳ.451].

Адабиётшинос Атахон Сайфуллоев дар мақолае, ки зери унвони «Дунёи шеър» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» роҷеъ ба ҳунари шоирии Бозор Собир навишта буд, дар мавриди иртиботи адиб бо унсурҳои халқӣ қайд намуда буд, ки «яке аз муҳимтарин вазифаҳои ғоявии адабиёт дар замони ҳозира ба даст овардани дили халқҳо ва ба ҳамдигар қарин кардани онҳост» [134, саҳ.124]. Бемуҳобо, агар яке аз роҳҳои мақбули оммаи мардум гардонидани ашъори худ барои ҳар шоире – ин бар тибқи ормонҳову хостаҳои равониву қалбии мардум сухан гуфтан бошад, роҳи

дигар, ки онро ҳам метавон аз роҳҳои асосӣ ҳисоб кард, дар ин маврид бар тибқи суханон ва тарзи гуфтори мардум сухан гуфтан мебошад. Яке аз нишонаҳои аввали бар тибқи забони мардум сухан гуфтан истифода кардани вожаҳову иборахо ва ифодаҳову таъбирҳои халқӣ мебошад. Дар эҷодиёти Ашур Сафар ҳам намунаҳои зиёди аз абёти тамсилиро метавон пайдо кард, ки ҷуз аз ҷанбаи пандуҳикматӣ дар онҳо руҳи сухани мардум дар қолаби махсуси халқӣ инъикос гашта, нишондиҳандаи забони зиндаи халқ мебошад; чунончи дар намунаҳои боло дар мисоли тамсилҳои шоир чанде аз онҳоро зикр намудаем. Ҳамчунин дар байтҳои зерин ҳам, бо истифода аз услуби вижаи мардумӣ ва вожаҳои хосси забони халқ, амсоли *гаранг, човандоз, бузкашон, ҷар* (ҷузъи номӣ дар таркиби феъли *ҷар кардан*, дар маънии ғелонидан), *роҳӣ* (дар маънои ба самте ҳаракат кардан), ки дар дохили тамсилҳо кор фармуда шудаанд, афкори шоир боз ҳам ҷолибу таъсирбахштар гаштаанд:

Бар сӯрохе даст монӣ, ҷои гунҷишкаш махон,
Мор гаҳ хоб аст он ҷо гашта аз сармо *гаранг* [67, саҳ.451].
Чун намедонӣ ту нагу зӯри *човандозҳо*,
Дар миёни *бузкашон* ёбу давонданҳо чаро [67, саҳ.452].
Бар баландӣ рӯ ниҳӣ аз пастие, роҳат ба хайр,
Аз баландиҳо ба поён санг *ҷар* кардан хатост [67, саҳ.456].
Ба ҷои дур бошад корвони орзу *роҳӣ*,
Муҳаббат корвонсолор аз рӯи вафо гардад [67, саҳ.480].

Дар тамсилҳое, ки шоир тавассути онҳо ба мавзуоти ҷузъиву номаъруф мурочиат намудааст, шоир кӯшидааст ба мавзуъҳои хурду ночиз, ки ба ҷиҳати камаҳамиятии худ ба фикри аксари одамон намеояд, таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Аммо яке аз хусусиятҳои ҳамин навъи тамсилҳои бакоргирифтаи шоир иборат аз он аст, ки дар онҳо ҳам ҷанбаи ҳаётӣ ва бо таъсири он вижагии ҳикматомезу пандуахлоқӣ низ мушоҳида мешавад. Масалан, дар байти зер шоир ҳушёру эҳтиёткор будан дар ҳар

корро ба воситаи устухони гӯшт ифода кардааст ва гуфтааст: чун худро ба ягон кор ворид намудӣ, эҳтиёткориро аз даст мадеҳ ва танҳо аз омади кор набол, зеро гӯшт устухонҳое дорад, ки аз сӯзан бориктар аст ва мисли наҳанг хунрез аст:

Хеш чун бар кор додӣ, чашми он медон, зи бас

Устухон дар гӯшт дорад борик аз сӯзан наҳанг [67, саҳ.451].

Дами тоза гирифтани хок пас аз боридани борон агарчи дар чашми аксари одамон аён аст, аммо бо сабаби ҷузъӣ будани худ дар фикри аксари мардум намеояд. Ашур Сафар аз ин ҳолат низ тамсил сохтааст ва меҳрубониҳои ёрро бар ин борон монанд намудааст ва гуфтааст:

Борон, ки шавад, хок дами тоза бигирад,

З-ӯ бар тани мо ҷомаи армон шуда бошад [67, саҳ.481].

Яъне: чунонки борон дар тани хоки хушк дами тозаеро меоварад, меҳрубониҳои маҳбуби ман низ бар тани ман чун ҷомаи армон мебошанд ва орзуҳои маро амалӣ менамоянд.

Оташ дар зери хокистар мемонад ва дар вақти муайян якбора аланга мезанад. Ҳамин ҳолати оташро Ашур Сафар ҳамчун тамсил истифода кардааст. Ӯ меҳри худро ба оташи зери хокистар монанд кардааст ва онро нишони хоксории хеш шуморидааст:

Шубҳа бар меҳрам кунӣ аз хоксориям гаҳе,

Ҷони ман, медон, ки оташ зери хокистар шавад [67, саҳ.480].

Яъне: чунонки оташ бо он ҳама сӯзонии хеш зери хокистар аст, меҳру муҳаббати зиёд маро низ хоксор гардонидааст ва ту надониста нисбат бар сӯзи даруни ман шубҳа менамоӣ.

Дар матни абёти Ашур Сафар тамсил дар ҷойҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифтааст. Умуман макони истифодаи тамсил дар абёти шоир дар се ҳолат аст: дар мисраи охири байт, дар мисраи дуюми байт, аз нимаи мисраи якум то охири мираи дуюм, дар ду мисраи байт.

а) дар мисраи дуюми байт. Бояд зикр намуд, ки дар мисраи дувум истифода намудани тамсил аз рӯйи қоидаи анъанавии санъати мазкур

аст, зеро шоир ҷиҳати тақвият додани фикри хеш аввалан фикри худро меорад, баъдан барои исботи он мисол меорад, ки ҳамин мисол тавассути санъати тамсил адо мешавад. Масалан, дар байти зерин тамсили кафтар ва паропар шудани он, ки барои пайдо шудани ёр ва мушавваш шудани шоир истифода гардидааст, дар мисраи дувум корбурд шудааст:

Пайдо шудиву мушаввашам сохтӣ боз,

Кафтар бари дона бе паропар нашавад [67, саҳ.479].

Яъне: ҳангоме ки дар назди ман пайдо шудӣ, маро бори дигар мушавваш сохтӣ, чунонки кафтар бо дидани дона дар паропар меафтад. Бояд зикр кард, ки аксари тамсилҳои ашъори Ашур Сафар дар мисраъҳои дувуми байт истифода шудаанд ва тамсилҳои мисраи дувум дар қиёс бо мисраи якум ва аз нимаи якум ба баъд зиёда аз 90% фоизро ташкил медиҳанд;

б) дар мисраи якуми байт. Ин ҳолати истифодаи тамсил аслан аз рӯйи қоидаи маъмулии тамсил нест. Аммо шоирон баъзан масалу мақол ва суханони ҳикматомезро дар мисраи якум ирсол менамоянд. Аз ҷумлаи дар байти зерин ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад:

Аз сӯрохиҳо шавад овози най рангибаранг,

Дил насӯзад, лутф бо оҳанги маънӣ ҷӯр нест [67, саҳ.456].

Яъне: Чунонки ба василаи сӯрохиҳо овози най рангину ҳархела мегардад, дил ҳам то насӯзад ва аз сӯзи зиёд сӯрох нагардад, латиф намегардад. Дар байти дигар ҳам тамсил дар мисраи якум корбурд шудааст:

Об барфи қуллаҳо гардад барои даштҳо,

Ёрии ёрон набошад, гӯшае маъмур нест [67, саҳ.456].

Яъне: чунонки обшавии барфи қуллаҳо даштҳоро сероб гардонида, ташнагии заминро мешиканад, агар ёрону ҳамдилон инсонро дастгирӣ накунанд, гӯшаи вай ободу маъмур нагардад;

в) аз нимаи мисраи якум ба баъд. Ин ҳолат дар қиёс бар ҳолатҳои боло дар ашъори шоир басо кам истифода гардидааст. Ашур Сафар ба таври бисёр ҳунармандона фикри хешро дар маҳдудаи ним мисраъ баён карда ва мисоли онро дар якуним мисраи баъдӣ овардааст. Масалан, дар байти зер ҳамин ҳолат ба чашм мерасад:

Гавҳари покиза чидан нест осон, гуфтаанд:

Гавҳари покиза дар қалби садаф рӯидааст [67, саҳ.458].

Яъне: чунонки гавҳари нодиру покиза танҳо дар қалби садаф парвариш меёбад ва ба даст овардани он осон нест, фарзанди солиму боақлу тамизро низ ба вуҷуд овардану тарбият намудан осон нест. Бояд зикр кард, ки дар байти мазкур гавҳар киноят ва истиора аз фарзанд аст, зеро матни ғазал пурра ба мавзуи фарзанд бахшида шудааст.

Дар байти зерин бошад, фикри шоир басо кӯтоҳу мухтасар аст ва тамсили овардаи вай зиёда аз якуним мисраъро дар бар гирифтааст:

Ростӣ пешаи хубест, ба як чӯбаки рост

Кӯр ҳам пай бубарад, ки ба раҳаш ҷӯбор аст [67, саҳ.454].

Яъне: ростӣ чизи хубест, он доимо инсонро ба роҳи дурусту бехавф раҳнамоӣ мекунад, чунонки чӯбаки рост шахси нобиноро аз пешомади ҷӯйбор хабар медиҳад;

г) дар ду мисраи як байт. Тамсилҳои навъи мазкур агарчи дар матни ғазалҳои шоир гоҳ-гоҳ вомехӯранд, аммо ӯ тавонистааст, ки тавассути ҳамчунин тамсилҳо манзараи мушобеҳеро нисбат ба фикри қабл ё пас аз байти тамсилӣ ба тарзи басо ҳунармандона тасвир бисозад. Яъне байти тамсилӣ дар матни ғазалҳои шоир дар ду маврид: баъд аз фикри шоир (ки дар байти қаблӣ ифода мешавад) ва пеш аз фикри ӯ (ки дар байти баъдӣ баён меёбад) мавриди истифода қарор гирифтааст. Барои исботи он ки тамсили овардаи шоир пурра дар матни як байти ғазали вай корбурд шудааст, бояд байти робитадошта бо тамсилро ҳам, ки пеш аз тамсил ва ё баъд аз он оварда шудааст, қайд намуд. Масалан,

дар абёти зерин ҳолати аввал, яъне баъд аз фикри шоир овардани тамсил мушоҳида мешавад:

Дар қисмати ман гӯӣ ба ҷуз сӯхтани ҷон
Аз рӯзи азал пешаву касби дигаре нест.
То шамъ насӯзад, нашавад гӯшае равшан,
Сар хам накунад шоха, дар он гар самаре нест [67, саҳ.460].

Яъне: чунонки то шамъ гирён набошад, ҷое равшан намегардад ва то самаре дар шоха аён набошад, он сари худро бар замин фуруд нанамояд, насиби ман ҳам доимо сӯхтани ҷон будааст. Таъсирбахшии байти тамсилии шоир, ки дар мисраъҳои сеюм ва чаҳоруми шеъри фавқуззикр истифода гардидааст, дар он аст, ки дар ин байт якбора ду тамсил: дар ҳар ду мисраъ ба таври алоҳида ва бо мазмуни ҷудогуна оварда шудаанд. Ин аз ҳунари баланди тамсилсозии Ашур Сафар далолат менамояд.

Дар мисраи зерин бошад, ҳолати дувум, яъне пеш аз фикри шоир, ки дар байти баъдии байти тамсилӣ оварда шудааст, ба чашм мерасад:

Турнае аз села монад дур, сарсон мешавад,
Села аз дурии он дар доду афғон мешавад.
Ногаҳон ояд фалокат бар сари бечорае,
Бандаро дил ҳамчу кӯдак зуд гирён мешавад [67, саҳ.475].

Чи тавре ки дида мешавад, ду мисраи аввал ба тамсил ва мисраъҳои охир бар фикри худи шоир тааллуқ доранд. Дар байти тамсилӣ шоир беозориву нозукдилии хешро бар селаи турнаҳо ва бечораеро, ки ба фалокат гирифтор шудааст, бар турнаи танҳо монанд кардааст ва дар умум ҳолати худ ва бечораро тавассути тамсили турна ва селаи турнаҳо баён кардааст.

Яке аз хусусиятҳои тамсилсозии Ашур Сафар ба кор гирифтани ин санъати бадеӣ дар кулли матни ғазал аст. Дар эҷодиёти шоир ғазалҳое мавҷуданд, ки аз ибтидо то интиҳо ё дар қисмати аъзами матнашон ба василаи тамсил тарҳбандӣ шудаанд ва ин воситаи тасвири бадеӣ ба

ҳайси устухони ҷисми афкори манзумаш хидмат менамояд. Масалан, дар ғазали зерин ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад, чун дар тамоми байтҳои он санъати тамсил корбаст шудааст:

1.То тавонӣ, улфате аз воқифи дилҳо биёб,
Суҳбати ноаҳл дилро мекунад тангу хароб.
2.Рӯ ба рӯ бо ёр сӯзонтар бувад аз ҳаҷри ёр,
Май агар ояд ба лаб, ҷон мешавад дар изтироб
3.Шеъри ман ҳоли дилам ҳамвора пинҳон мекунад,
Бар кабоби рӯи оташ дуди он бошад ҳиҷоб.
4.Партави рӯи ту ҳаст эҳёгари зебоиҳо,
Манбаи нур асту нори рӯи олам офтоб.
5.Дилсиёҳӣ мӯи сарро зуд бинмояд сафед,
Бигзарад яксола умри чуғз бо садҳо азоб.
6.Мард бошӣ, аз талоши хайрхоҳӣ сар мапеч,
Барраи нар боиси қурбонӣ аст андар ҳисоб.
7.Ҳарф агар бемаънӣ бошад, гуфтанаш ҷоиз мадон,
Нест байни мавҷ аз бемағзиҳо гардад ҳубоб [67, саҳ.453].

Тамсилҳо дар ғазали боло фақат дар мисраоти дувум корбурд шуда, ҳамагӣ хусусияти асосноку далелнок намудани афкори шоирро, ки дар мисраъҳои якуми ҳар байт оварда шудаанд, доро мебошанд. Хусусияти дувум ва назарраси тамсилҳои ҳар байт омезиши онҳо бо панду андарз ва ҳикматомез будани онҳост, чун ҳамаи онҳо аз ҳикмати ҳаёт ва таҷрибаҳои рӯзмарраи зиндагонӣ сарчашма гирифтаанд. Дар ҳафт байте, ки дар ғазали мазкур мавҷуданд, ҳафт тамсил мавриди истифода қарор гирифтаанд, монанди: *суҳбати ноаҳл, май(-и барлабомада), дуди оташ, офтоб, чуғз, тамсили барра, ҳубоб*. Дар байти 1-ум шоир суҳбати ноаҳлро ҷиҳати тақвияти фикри худ истифода кардааст ва таъкид намудааст, ки аз суҳбати ноаҳл дурӣ биҷӯй ва бо

воқифи дилҳо, яъне шахси дилогоҳ улфат бигир. Дар байти 2-юм шоир азоби рӯбарӯйи ёр истоданро бар майи сӯзон монанд кардааст ва гуфтааст: чунонки май ошомидан ҷони инсонро дар изтироб медарорад, рӯбарӯйи ёр истодан низ боиси сӯзиши қалби ошиқ аст. Дар байти 3-юм шеъри худро бар дуди болои кабоб монанд карда, қайд намудааст: чунонки дуди болои кабоб ҳиҷоби рӯйи он аст, шеъри ман ҳам ҳолати ботинии маро доимо пинҳон мекунад. Дар байти 4-ум партави рӯйи маҳбубро бар офтоб шабеҳ кардааст ва баён намудааст: чунонки офтоб сарчашмаи нур ва гармӣ аст, партави рӯйи маҳбуб ҳам зиндагисозу эҳёгар аст. Дар байти 5-ум дилсиёҳиро бар ҳолати чуғз шабоҳат додааст ва гуфтааст: чунонки чуғз яксола умри худро дар азобу хабарҳои шум мегузаронад, дилсиёҳӣ ҳам мӯйи сарро мудом сафед намуда, соҳиби онро аз ғаму кулфат тезтар пир менамояд. Дар байти 6-ум таъкид бар кӯшиши хайрхоҳӣ намуда, мардиро дар хайру саховат медонад ва тамсили ин мардиро аз барраи нар меорад, ки баҳри қурбонӣ тарбият мебинад. Дар байти 7-ум сухани бемаъниро бар ҳубоб шабеҳ намудааст ва қайд кардааст: чунонки ҳубоб аз бемағзиву холигии худ дар мавҷ нест мегардад, сухани бемаъниву пуч ҳам бепоя аст ва соҳиби худро бар боди нестӣ меафканад.

Чунонки дида мешавад, ҳар мисраи дувуми байтҳои ғазали зикршуда ҳамчун тамсил ба кор гирифта шудааст ва хусусияти масал задан ё монанд кардани мафҳумҳоро доро мебошад. Ҳамчунин, дар ҳар тамсил ҷанбаи панду ҳикмат ва афкори ҳикматомез басо қавӣ аст. Дигар ин ки афкори пандуандарзӣ дар тамсилҳои корбурдшуда ҳамагӣ чошнӣ аз таҷрибаҳои рӯзгорон мебошанд ва аз ин ҳайс зиндаву ҳисшавандаанд. Чунин ғазалҳо, ки матну муҳтавои онҳо пурра иборат аз тамсилҳои пандуандарзӣ ва ҳаётӣ бошанд, дар маҷмуаи ашъори Ашур Сафар кам нестанд. Як чизро дар ин маврид қайд кардан бамаврид аст, ки тавассути чунин ғазалҳои тамсилӣ дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва назаргоҳи фалсафиву

ҳикматии муаллифи онҳоро метавон муайян намуд, зеро аксари онҳо омезиши зиёд бо ҳикмат доранд.

Дар тамсилҳои ашъори Ашур Сафар яке аз хусусиятҳои назаррас далелнокӣ ва бурҳоннокии онҳо мебошад. Тавассути далелу бурҳон шоир афкори худро асоснок намуда, аз сӯйи дигар робитаи мантиқиро миёни монандкунанда – тамсил ва монандшаванда – афкори шоир ба вуҷуд меоварад. Мисоли равшани ҷанбаи далелу бурҳон дар тамсилҳои шоир ҳамон 7 байте мебошанд, ки дар ҳар яке санъати мазкур истифода гардидааст. Зимнан бояд зикр намуд, ки аксари тамсилҳои бакоргирифтаи Ашур Сафар дорои ҷанбаи далелу бурҳон мебошанд, зеро дар қиёс бо кулли санъатҳои бадеӣ, ки дар матни ғазалҳои шоир мавриди истифода қарор гирифтаанд, маҳз ба василаи тамсил афкори шоир асоснок ва дорои далелу бурҳон мешаванд. Чунончи дар байти зерин мисраи дувум ирсоли масал аст ва дар он ҷанбаи далел басо қавӣ аст:

Шамъи базми мо нагардад хомӯш аз бухли касон,
Тира ҳаргиз шаб насозад партави маҳтобро [67, саҳ.449].

Яъне: чунонки шаб партави моҳро тира сохта наметавонад, бухли касон низ шамъи базми моро хомӯш карда наметавонад. Дар тамсили байти мазкур ҷанбаи далелнокии фикр тавассути шабеҳ кардани шамъи базм бар партави маҳтоб ва бухли касон бар шаби тира матраҳ гардидааст.

Дар байти дигар низ неруи далелнокӣ дар тарҳрезии тамсил басо қавӣ аст:

Ҳар чӣ дорад поишу қадру замони хешро,
Кафши тобистонаро дар об тар кардан хатост [67, саҳ.456].

Яъне: ҳар чиз вақту ҳангоми худро дорад, чунонки кафшро дар об тар кардан хатост, ҳар чизро беҳангому бевақт набояд истифода намуд.

Дар байти зерин низ мисраи тамсилӣ аз ҷанбаи далелу бурҳон бархӯрдор аст:

Маро ишқат ҷавону зинда дорад,

Зи оби рӯд сарсабзӣ ба чӯл аст [67, саҳ.462].

Яъне: чунонки аз оби рӯд чӯлу саҳро сарсабзанд, маро низ ишқи ту ҷавону зинда медорад. Дар тамсили мазкур ҷанбаи далелнокӣ тавассути монанд кардан ба вуҷуд оварда шудааст.

Дар анҷом метавон қайд намуд, ки тамсилҳои ашъори Ашур Сафар дар мисоли ғазалҳои вай аз чаҳор вижагӣ бархӯрдоранд: аз ҳайси мавзуъ бештар фарогири афкори ҳикматомез ва пандуандарзиянд, аз ҳайси макони истифода бар қисматҳои алоҳида тақсим мешаванд (дар мисраи якум, мисраи дуюм, нимаи мисраи якум ва мисраи дувум, дар ҳар ду мисраи як байт), аз ҷиҳати фарогирӣ баъзан як ғазали комилро фаро мегиранд ва аз ҳайси чигунагии ифодаи фикр аз ҷанбаи далелу бурҳон бархӯрдоранд.

Тамсил дар матни ғазалиёти Ашур Сафар ҷанбаи тасвирии афкори ӯро пуркувваттар кардааст, зеро махсусан тавассути корбурди ин воситаи тасвир шоир андешаҳои бадеи хешро зинати бештар бахшида, онҳоро аз ҳайси мисолу далел устувортар намудааст.

### IV.2. Нақши талмеҳ дар офаридани мазмунҳо

Воситаҳои тасвири бадеӣ зинати дарунии ғазалҳои шоирро муҳайё месозанд. Сабку услуб ва ҳунари суханпардозии Ашур Сафар дар робита бар корбурди анвои васоити тасвир махсус аст ва дар бисёр мавридҳо аз истиқлоли фикрии вай гувоҳӣ медиҳанд. Адабиётшинос Худой Шариф ҳамин ҷиҳати ҳунари суханпардозии Ашур Сафарро ба инобат гирифта, қайд менамояд, ки «Ашур Сафар дар шеъру сухан, ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва ҳунар бадеияти худро дорад» [173, саҳ.8].

Дар ғазалҳои Ашур Сафар дар баробари дигар анвои васоити тасвир нақши санъати талмеҳ низ басо қобили таваҷҷуҳ аст. Талмеҳоти ашъори шоир мағзи суханони рангини шоирро ташкил медиҳанд ва онҳоро пурмоя мегардонанд. Талмеҳ вожаи арабӣ аст ва решаи он феъли

«ламаҳа» мебошад. Феъли мазкур дар луғатномаи арабӣ ба русии Х.К. Баранов дар 8 маънӣ шарҳ ёфтааст, ки яке аз маъноҳои он ишорат кардан бар чизе мебошад [189, саҳ.730]. Аммо худи вожаи *талмеҳ* дар луғатномаи мазкур дар маънои киноя маънидод шудааст. Шарҳи мазкурро метавон аз нигоҳи илми баён ё адабиётшиносӣ низ маънидод намуд, зеро дар шарҳи истилоҳии вожаи мазкур метавон ишороти киноии шоирро дар мавриди мафҳумҳову ашё фаҳмид, ишороте, ки ғайриҳақиқиянд ва маънои аслии онҳо дар назар гирифта намешавад.

Вазифаи бадеии талмеҳ барои шоир ин исботи сухан тавассути ишорот бар ашхоси таърихӣ, мазмуни калом, қиссаҳо ва мафҳумҳову ашё мебошад. Шамси Қайси Розӣ талмеҳро далолаткунандаи алфози андак бар маънии бисёр зикр намудааст, ки мантиқан дуруст аст [6, саҳ.301]. Дар ҳақиқат, ҳангоме ки шоир номҳои таърихии амсоли номи шоҳону ҳокимон, паёмбарону шахсятҳои дигари маъруфи динӣ, номи ҳакимону донишмандон, номҳои ҷуғрофӣ, амсолу байтҳои маъруф ва монанди инҳоро меоварад, бе зикр кардани ҷузъиёт ва чигунагии онҳо афкори хешро тавассути он номҳо якбора тақвият мебахшад. Ҳар як номи таърихӣ ва дигар ишораҳои талмеҳӣ дорои ҷанбаи махсуси тарбиявиву ахлоқӣ ва илмиву фалсафӣ дошта, шоир бо корбурди он ё тавассути ишорат бар он фикреро, ки дар шеъри худ матраҳ месозад, бадеътару таъсирбахштар мегардонад. Муҷазбаёнӣ, ҷанбаи ахлоқиву тарбиявӣ ва илмиву фалсафӣ бахшидан – инҳо аз асоситарин хусусиятҳои санъати бадеии талмеҳ ба ҳисоб меравад.

Дар ғазалиёти Ашур Сафар мавқеи санъати талмеҳ ба ҳайси яке аз барҷастатарин воситаҳои тасвири бадеӣ басо назаррас мебошад. Ашур Сафар талмеҳро ҷиҳати баёни афкори хеш асос намуда, мазомини шоиронаи хешро ба василаи онҳо ҷилваи бештар медиҳад. Дар талмеҳоти бакоргирифтаи Ашур Сафар асоситарин вижагиҳое, ки дар иртибот бар санъати мазкур дар боло зикр гардидаанд, ҷилваи басо

назаррас доранд. Аксари талмеҳоти шоир нишондиҳандаи муҷазбаёнии вай буда, ӯ ба василаи корбурди анвои гуногуни санъати мазкур андешаҳои зебои шоиронаи хешро мавриди тасвир қарор додааст. Ашур Сафар анвои мухталифи санъати талмеҳро истифода намудааст. Дар эҷодиёти вай ҳам ишороти зиёд бар ашхоси таърихиву фарҳангӣ, ҳам ишорот бар номҳои ҷуғрофӣ ва ҳам қиссаҳову амсол, пораҳои шеърии маъруф ва монанди инҳо ба чашм мерасанд, ки бо тарзи басо ҷолибу зебое роҳандозӣ гардидаанд. Талмеҳ дар ғазалиёти Ашур Сафар аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа гуногун буда, дар онҳо ишораҳо бар мавзуоти мухталифи таърихиву фарҳангӣ мушоҳида мешавад. Дар робита ба ҳамин гуногуннавъӣ талмеҳоти ашъори Ашур Сафарро метавон ба чунин навъҳо ҷудо намуд:

1.Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар қаҳрамонон мешавад. Ин навъи талмеҳ дар навбати худ ба ду қисм ҷудо мешавад:

а) талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар қаҳрамонони ҳамосаӣ ё шоҳномаӣ мешавад, аз ҷумла Кова, Фаридун, Рустам ва Суҳроб. Бояд қайд намуд, ки дар матни ғазалиёти Ашур Сафар як бор ишорат бар номи Суҳроб [67, саҳ.449, 549] ва ду бор ишорат бар Рустам – дар гунаи Рустами Дастон ва Рустами Зол [67, саҳ.496] ба чашм мерасад;

б) талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар қаҳрамонони ишқномаҳо: Ширин, Фарҳод, Қайс ва Лайло мешавад [67, саҳ.549, 483].

2. Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат ба номҳои асотирию динӣ мешавад. Дар ин навъи талмеҳ дар ғазалиёти шоир як намуна: Аҳриман, Қорун ба чашм мерасад [67, саҳ.449, 549].

3. Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар номҳои таърихӣ мушоҳида мешавад. Исми *Искандар, Ҳотам* ва *Шабдез* – номи аспи Хусрави Парвиз ба чунин навъи талмеҳ тааллуқ дорад [67, саҳ.477, 510].

4. Талмеҳоте, ки ба ишорати номҳои ҷуғрофӣ бастагӣ доранд. Ин навъи талмеҳ низ чун навъи аввал ба ду қисмат ҷудо мешаванд:

а) талмеҳоте, ки ба номи шаҳрҳову минтақаҳо тааллуқ доранд, аз ҷумла: Каъба, Зосун, Хиросима [67, саҳ.549, 504, 486];

б) талмеҳоте, ки ишора ба номи дарёҳо менамоянд: Оқсӯ, Рӯди Ҷайҳун [67, саҳ.473, 484].

5. Талмеҳоте, ки ишорат ба номи сайёраҳо менамоянд, аз ҷумла: Замин, Сурайё [67, саҳ.470].

6. Талмеҳоте, ки пайванд бо номи шоирону нависандагон доранд. Ин навъи талмеҳ низ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

а) номи файласуфону мутафаккирон (Арасту, Афлотун) [67, саҳ. 549];

б) талмеҳоте, ки ишорат ба номи классикон менамоянд. Масалан: Адиб Собири Тирмизӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Зебуннисо, Туғрали Аҳрорӣ [67, саҳ.549, 504, 498, 549];

в) талмеҳоте, ки ишорат бар адибони муосир менамоянд: Ҷалол Икромӣ, Қутбӣ Киром, [67, саҳ.508, 495].

7. Талмеҳоте, ки ишорат бар аҳли санъат менамоянд. Масалан: Акашариф Ҷӯраев ва Одина Ҳошим [67, саҳ.499, 495].

8. Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар ашъори дигар шоирон мешавад [67, саҳ.450].

9. Талмеҳоте, ки тааллуқ бар мақолу масалҳо доранд [67, саҳ.488, 489, 504].

Мавзуоти мазкур асоситарин мавзуъҳо дар талмеҳоти эҷодиёти Ашур Сафар дар жанри ғазал маҳсуб мешаванд. Тавассути муроҷиат ба мавзуъҳои мазкур шоир мазомини хуберо мавриди тасвир қарор дода, ашъори хешро боз ҳам рангинтару муассиртар намудааст. Чи дар тасвири ҳолоти ишқӣ, чи дар тасвири зебоиҳои табиат ва чи дар баёни аҳвол ва авотифи шоирона Ашур Сафар бо бакоргирии ҳамчунин талмеҳот бар муваффақиятҳои назаррас ноил гашта, афкори хешро ҷилваи бештар медиҳад. Ба василаи истифодаи талмеҳ аст, ки вожаҳову иборахои ашъори шоир маънию мазмуни дигареро касб менамоянд ва

дар саҳнаи офаридани образҳои нав фаъолона иштирок менамоянд. Табдили маънӣ ва мазмун таъсири сухани шоирро батамом дигар намуда, онро дар зеҳни хонандагон бештар ҷойгузин менамояд. Шоир ва мунаққиди маъруф Аскар Ҳаким ҳамин ҷиҳати вожаҳо дар матни шеърро ба инобат гирифта, қайд менамояд, ки «вақте ки калима барои ифодаи мафҳуми батамом дигаре меояд, вай ягона ва нотакрор аст ва он мафҳуми тозаро танҳо дар ҳамон матн ифода мекунаду бас» [156, саҳ.133].

Талмеҳоти истифоданамудаи Ашур Сафар дар матни ашъори вай батамом дар маънои дигар корбурд шуда, ҷиҳати пайдоиши образҳову мазмунҳои тоза нақши хуберо бар ҷой мегузоранд. Масалан, дар байтҳои зерин аз як ғазали шоир, ки ба тасвири фасли баҳор бахшида шудааст, ибораи камони Рустам на ишорат бар камони паҳлавони шоҳномаӣ, балки ишорат бар ҳолати табиӣ аст, ки дар баҳорон ба вуҷуд меояд:

Баҳор омад, гули хандон баромад,
Раёҳин бо қади ларзон баромад.
Зи Машриқ то ба Мағриб баъди борон
*Камони Рустами Дастон* баромад [67, саҳ.479].

Камони Рустам ин ҷо худи камон нест, балки ишорат бар тиру камони табиӣ мебошад. Ин ҳолати табиӣ, чунонки медонем, дар байни мардуми тоҷик *ба тиру камон* ва *камони Рустам* ва дар забони илмии классикон ба *қавси қузаҳ* маъруфият дорад. Талмеҳи мазкур ҷанбаи таъсирбахшиву завқбахшии мисраъ ва дар маҷмуъ байтро бештар намуда, тасвири шоирро басо рангину табиӣ гардонидааст. Зебоии тасвири баҳорон дар назари ҳар хонандае дар мадди аввал қарор гирифта, зеҳни ӯро аз маонии аввали ибораи талмеҳӣ, яъне маънои аслии камон ва Рустам – қаҳрамони ҳамосаӣ дур сохта, сӯйи ҳолати муъҷизаофари табиат мекашонад. Адабиётшинос Худоӣ Шариф ҳам дар

иртибот бар ҳамин мавзуъ баҷо қайд менамоянд: «Барои шоири лирик калима фақат воситаи тасвир набуда, балки ҳамон гуна ки дар русӣ мегӯянд, олами предмети вай аст» [172, саҳ.104].

Дар талмеҳоти ашъори Ашур Сафар истифода аз номҳои таърихӣ, амсоли номи шоҳону ашхоси таърихӣ низ ба чашм мерасанд. Аз ҷумла дар байти зер шоҳ Искандари Мақдунӣ ба ҳайси намунаи ибрат мавриди истифода қарор гирифтааст:

Сарои зиндагии ҳеҷ касро нест подевор,
Гирифтан ибрат аз Искандари шамшерзан беҳтар [67, саҳ.510].

Чунонки оид ба фарҷоми зиндагонии Искандари Мақдунӣ ривоят мекунанд, вақте ки ӯро дар тобут мекунанд, як дасташ банонох аз тобут берун мешавад. Бар асоси ин ҳолат мардум аз дасти берунрафтаи Искандар ҳикмат сохтанд, ки Искандар бо он ҳама ҷоҳу ҷалол ҷуз аз кафан чизеро бо худ набурд. Ашур Сафар ҳам дар байти боло ишорат бар ҳамин ҳолат мекунад.

Яке аз анвои марғуби талмеҳ дар ғазалиёти Ашур Сафар, чунонки дар фавқ зикр гардид, ин ишорат бар мисраот ва абёти шоирони классик мебошад. Аз ҷумла, дар ғазале, ки мавзуи он иборат аз таблиғи сулҳу дӯстӣ мебошад, Ашур Сафар мисраи Шайх Саъдиро истифодаи ҳунармандона намуда, дар ишорат бар он афкори сулҳҷӯёнаи хешро зинат додааст:

«Он ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад»,
Дар паноҳи сулҳ фирӯзу тавоноем мо [67, саҳ.450].

Тавассути истифода аз мисраи мазкури Шайх Саъдӣ шоир фикри худро асоснок намуда, аз ҷониби дигар онро тақвият додааст.

Яке аз хусусиятҳои талмеҳ дар ашъори Ашур Сафар робита ва омезиши санъати талмеҳ бо дигар воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Дар ғазалиёти худ шоир баъзан ба воситаи талмеҳ ба эҷоди дигар анвои васоити тасвир муваффақ гардидааст. Аз ҷумла тавассути талмеҳ сохта

шудани ташбеҳ, тафзил, муболиға, истиора ва махсусан ташбеҳи навъи пӯшида нисбат бар дигар васоити тасвири бадеӣ ҷилваи бештар дорад. Масалан, дар байти зер бо истифода аз исми шоира Зебуннисо ва камони вай Ашур Сафар ташбеҳи зебоеро аз навъи пӯшидаи он сохтааст:

Ҳар куҷое меравад, аз вай нагардам ман ҷудо,

Ӯ шавад Зебуннисову ман камонаш мешавам [67, саҳ.498].

Бояд зикр кард, ки дар шеъри тоҷик қабл аз ин вожаи *камон* дар ишорат бар *камони Рустам* гоҳ-гоҳ мавриди истифода қарор мегирифт, аммо ишорат бар *камони Зебуннисо* ва исми худи қаҳрамони миллати тоҷик ба ҳайси талмеҳ бисёр кам вомехӯрад. Бинобар ин, талмеҳи навъи мазкурро метавон аз навпардозиҳои Ашур Сафар маҳсуб донист. Тавассути талмеҳи мазкур шоир маҳбуби худро ба таври пӯшида, яъне бе истифода аз адоти ташбеҳ ба Зебуннисо ва шахси худро ба камони ӯ монанд кардааст.

Дар байти зерин аз ғазали дигар бошад, шоир боз талмеҳи нави дигар: *Акашариф Ҷӯраев* ва *тори* ӯро ба кор гирифта ва тавассути ин талмеҳ ташбеҳи пӯшидаи дигареро ба вуҷуд овардааст ва худро ба танбӯри санъаткори мазкур монанд кардааст:

Пурсанд маро гоҳ ба танҳоӣ кӣ бошам,

Танбӯри Шариф Ҷӯрааму тор надорам [67, саҳ.499].

Дар байти зер бошад, бо истифода аз номи *Ҳотами Тай* санъати тафзилро ба вуҷуд овардааст:

Дар сахо аз Ҳотами афсонавӣ кам нестам,

Ҳар чӣ дорам дар бисотам, садқаи ёрон шавад [67, саҳ.477].

Чунонки дида мешавад, дар байти мазкур шоир саховатмандии хешро аз Ҳотами Тай боло медонад.

Дар байти дигар шоир ба василаи ишорат бар Ҷайҳун санъати муболиғаро ба вуҷуд овардааст, ӯ ашки чашмони модарашро ба таври муболиға сад рӯди Ҷайҳун қаламдод кардааст:

Дар хаёлам чун бисанҷам талхии айёми ҷанг,

Ашки чашми модарам сад рӯди Ҷайҳун мешавад [67, саҳ.484].

Дар байти зер шоир тавассути талмеҳ санъати истиораро ба вуҷуд овардааст:

Пои Шабдези ҷаҳонпаймо нагардад суда ҳеҷ,

Ҳар қадар ки рӯзу шабҳо дар равуоем мо [67, саҳ.450].

Шабдез, чунонки дар таърих маълум аст, номи аспи Хусрави Парвиз аст, аммо дар байти мазкур бо ишорат бар Шабдез шоир «Корвони сулҳ»-и тоҷиконро дар назар дорад. Ғазале, ки байти фавқ дар шумори он аст, ба сулҳи тоҷикон бахшида шудааст.

Яке аз вижагиҳои талмеҳоти ашъори Ашур Сафар ин ишорат бар мақолу масалҳо мебошад. Вазифаи аввалдараҷаи талмеҳ ҳам ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ ин ишорат бар амсолу мақолоҳо мебошад. Ин навъи талмеҳ дар қиёс бо дигар анвои талмеҳ дар эҷодиёти шоир ҷилваи бештар дорад ва аз ҳайси теъдод ҳам бештаранд. Навъи мазкур дар баробари ишорат бар суханони маъруфи халқию афкори бузургон, ҳамчунин вазифаи панду ахлоқ ва андарзро низ иҷро менамояд. Масалан, дар байти зер мисраи нахустин мазмуни пандуахлоқӣ дорад:

«Интизорӣ бадтар аз ҷон кандан аст»,

Ман ба ҷони беқарорам интизор [67, саҳ.488].

Чунонки дида мешавад, шоир интизории хешро тасвир карда, онро тавассути мақоли мисраи аввал асоснок намудааст ва аз ҷониби дигар фикри хешро дар иртибот бар мавзуи мазкур тақвият бахшидааст.

Дар ғазали дигар бошад, шоир бо истифода аз мақоли «Сухан бисёр дону андаке гӯ» суханони хешро асоснок намудааст:

Гапи бисёр медонам, вале онро намегӯям,

«Сухан бисёр дону андаке гӯ», гуфтаанд охир [67, саҳ.489].

Дар байти зерин бо истифода аз мақоли халқии дигар, ки ба бузургдошти модар бахшида шудааст, назари хешро ба модараш чунин баён кардааст:

Ба фарҳангам ба оби зар навиштам:

«Биҳишти тифлакон – маъвои модар» [67, саҳ.486].

Дар талмеҳоти ашъори Ашур Сафар ишорат бар ашхоси фарҳангӣ: шоирону нависандагон ва аҳли санъат бисёр ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ғазали зерин, ки мавзуи он болидан аз рӯзҳои осудаву фараҳманди миллат аст, ишорат бар исми Хоҷа Ҳофиз шудааст:

Баркушодам аз сари сидку вафо

Аз китоби Хоҷа Ҳофиз фоли нав.

Гашт маълумам, ки мегардад накӯ

Рӯзгори мардум аз аъмоли нав [67, саҳ.504].

Адибони муосир низ дар талмеҳоти ашъори Ашур Сафар истифода шудаанд. Аз ҷумла дар байти зерин ҳам исми Ҷалол Икромӣ ва ҳам сухани вай талмеҳ шудаанд:

«Бигзашта бихону қадри имрӯз бидон!»

Мегуфт ба суҳбате Ҷалол Икромӣ [67, саҳ.508].

Дар байти зер бошад, бо ишорат бар номи овозхони шаҳир Одина Ҳошим ва мусиқии милли тоҷик «Фалак» аҳволи ботинии хешро чунин баён намудааст:

Ҳар гаҳе Одина мехонад «Фалак»,

Ман зи умри бебаҳо ғам мехӯрам [67, саҳ.495].

Талмеҳоте, ки ишорат бар номҳои ҷуғрофӣ менамоянд, дар эҷодиёти Ашур Сафар баъзан агар анъанавиву такрорӣ бошанд, баъзан нав низ мебошанд. Аз ҷумла, дар байти зерин аз як ғазали шоир, ки ба мавзуи вафову сидқ, дӯстӣ ва сулҳ бахшида шудааст, шоир исми Хиросимаро истифода карда, тавассути ишорат бар он нафрату бадбинии худро нисбат ба таҳқиру таҷовузи инсоният баён намудааст:

Таманно мекунам такрори рӯзи шодии мардум,

Намехоҳам вале гардад Хиросима дигар такрор [67, саҳ.486].

Яке аз хусусиятҳои корбурди санъати талмеҳ дар ғазалҳои Ашур Сафар – ин такрори он, яъне истифодаи мукаррар мебошад. Шоир баъзандар матни як ғазал чандин санъати талмеҳро мавриди истифода қарор дода, афкори шоиронаи хешро тавассути онҳо аз як тараф устувору далелнок, аз тарафи дигар зебову бадеъ намудааст. Чунин ҳолатро дар чандин ғазали шоир метавон мушоҳида намуд. Аз ҷумла, дар ғазали зери матлаи «Мапурс аз рӯзи талхам – як дили оғӯшта дар хунам, Парешонхотиру оворагарди дашту ҳомунам», ки аз калонтарин ғазалҳои шоир маҳсуб мешавад, шаш байт дарёфт шуд, ки дар онҳо муаллиф санъати талмеҳро мавриди истифода қарор додааст. Дар талмеҳоти мазкур шоир ишорат ба қаҳрамонони ишқномаҳо, ҳакимону донишмандон, ашхоси фарҳангиву таърихӣ, шоирон ва номҳои ҷуғрофӣ намуда, афкори хешро ба воситаи ин ишораҳо тақвият бахшидааст. Вобаста ба ҳамин, мо ин ҷо зарур шуморидем, ки ин шаш байт аз як ғазалро, ки Ашур Сафар дар ҳар яке аз онҳо санъати талмеҳро бо маҳорати баланд истифода намудааст, ин ҷо зикр намоем:

Забон аз ишқу армон аст дар доми фаромӯшӣ,
На *Ширинам*, на *Фарҳодам*, на *Лайлоям*, на *Маҷнунам*.
Ба хубӣ ҳис намоям дар амал беқадрии худро,
Сухансанҷам, ҳунармандам, *Арасту* ё *Фалотунам*.
Агар сӯзу гудозу шевану ғам давлате бошад,
Бадавлаттар дар ин дунёи ғамовар зи *Қорунам*.
Ҳақиқатро агар гӯям, шавам ноҳақ гунаҳкоре,
Ки гӯӣ *Туғрали* қурбони роҳи ҳақ ба *Зосунам*.
Ба ҳар як ҷой *Заҳҳок* асту ақли пок бар ӯ қут,
Агар ман *Кова* бошам, нест дардо, ки *Фаридунам*.
Ҳама шавқ аз дилу аз дидаҳо бурданд зебоӣ,
Чу *Соби*р беҳ, ки партоянд бо санге ба *Ҷайҳунам* [67, саҳ.549].

Чунонки дида мешавад, дар ҳар байте аз абёти зикршуда якнамунаӣ аз санъати талмеҳ корбурд шудаанд. Дар байти якум

тавассути ишорат бар қаҳрамонони ишқномаҳо – Ширин, Фарҳод, Лайло ва Фарҳод шоир аҳволи хешро баён намудааст. Бояд зикр намуд, ки дар байти мазкур Ашур Сафар ҳамчунин санъати тафзилро низ басо ҳунармандона истифода кардааст, ӯ худро дар ҷодаи ишқ аз қаҳрамонони фавқ ҷудо намудааст. Дар байти дуюм ишорат бар номи ду файласуфи Юнони Қадим – Арасту ва Афлотун дида мешавад. Шоир шахси худро дар ҳис кардани беқадрияш ба ин ду донишманд монанд кардааст. Дар байти сеюм ба василаи ишорат бар Қорун, муаллиф боз ба таври басо нозук санъати тафизилро истифода намудааст, ӯ дар давлату савлат аз Қорун бодавлаттар хондааст ва гуфтааст, ки агар сӯзу гудози ошиқонаро битавон давлат унвон гузшт, пас, ӯ аз Қорун ҳам доротар аст. Дар байти чаҳорум шоир худро дар мавзуи ифшои ҳақ ба Тғрали Зосунӣ монанд кардааст. Дар байти панҷум тавассути ишорат бар Заҳҳок, Кова ва Фаридун шоир авзои иҷтимоии даврони худро, ки дар солҳои ҷанги шаҳравндӣ басо муташанниҷ гардида буд, баён менамояд. Шоир аз ин бисёр афсӯс мехӯрад, ки дар ҳар қадаме ӯро Заҳҳоке аз пеш мебарояд ва бинобар ин, ӯ худро ба Коваву Фаридун монанд менамояд. Дар байти шашум идомаи таассуфи шоир аз авзои нобасомони замонааш мушоҳида мешавад ва вай мегӯяд, ки беҳтар аст ӯро ҳамчун Адиб Собири Тирмизӣ ба оби Ҷайҳун партоянд, то чашмони ӯ чунин авзоъро набинанд.

Дар ғазалиёти Ашур Сафар талмеҳ ба ҳайси василаи тасвири бадеӣ саҳми қобили мулоҳизаеро бар ҷой гузошта, дар рангинтару муассиртар тасвир кардани мазомини шоирона нақши босазое дорад. Чи аз ҷиҳати гуногунии мавзуъ ва чи аз нигоҳи тарзи баён талмеҳоти истифоданамудаи Ашур Сафар қобили мулоҳиза мебошанд ва ҳар яке дар мавриди худ як навъ навгоние доранд.

### IV.3. Нақши дигар санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар

Агарчи миёни васоити тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар нақши тамсил ва талмеҳ болотар аз ҳама аст, аммо дар тасвири

шоиронаи мафҳумҳою ашё санъатҳои бадеие, амсоли: ташбеҳ, истиора, муболиға, ташхис, тафзил ҳам қобили таваҷҷуҳ аст. Миёни васоити мазкури бадеӣ ҷойгоҳи ташбеҳ ва истиора – ин ду рукни муҳими маҷозро метавон махсус қайд кард.

Ташбеҳ, агарчи дар матни ғазалҳои шоир бештар дар батни тамсилҳои зебои вай ва ё дохили онҳо корбаст шудааст, аммо дар ғазалҳои шоир ташбеҳоти зиёдеро метавон бархӯрд кард, ки дар матни ғазалҳои шоир ҷилваи махсус доранд. Васоити ташбеҳсоз дар тасвирҳои шоир дар бисёр мавридҳо ҳамон адоти асосӣ ва анъанавии ташбеҳсозиянд, ки ҳам дар ашъори классикон ва ҳам муосирон ҳукми умумро доранд. Ба инҳо дохил мешаванд, адоте амсоли: зайли [67, саҳ.503], мисли [67, саҳ.484, 459], мисоли [67, саҳ.504], монанди [67, саҳ.507, 515], ҳамчу [67, саҳ.522], чун [67, саҳ.499, 529, 544], дар намуди [67, саҳ.544] ва монанди инҳо.

Дар ғазалҳои шоир ҳар ду навъи асосии ташбеҳ – кушода ва пӯшида бисёр ба чашм мерасанд. Аммо нуктае, ки дар мавриди ташбеҳоти ғазалҳои шоир метавон таъкид кард, ин ибтикороту навовариҳои вай дар мавриди мазомини нави ташбеҳсозии мафҳумҳою ашё ба ҳисоб меравад, ки дар ҳар ду навъи ташбеҳ ба таври басо назаррас мушоҳида мешаванд. Чунончи дар мисолҳои зер шоир тавассути адоти «чун» ва «монанди», ки васоити аслии ташбеҳоти кушодаанд, ба монандсозии мафҳумҳо муваффақ гардидааст. Аз ҷумла, наздикшинии худро ба либоси ҳиндуӣ, ки дар гирди миён печида мешавад, монанд кардааст:

Лутф рӯи лутф карда, гӯядам наздик шин,
*Чун либоси ҳиндуӣ* гирди миёнаш мешавам [67, саҳ.498].

Дар байте аз ғазали шоир, ки мавзуи он ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бародаркушӣ бахшида шудааст, бародарон (ки муқобили ҳам қарор доранд), ба гӯсфанди теғхӯрда монанд карда шудаанд:

Ба ҳам *чун гӯсфанди теғхӯрда*

Ба ҳайронӣ нигаҳдорем имрӯз [67, саҳ.511].

Дар байти зер шоир бар асари бевафоӣ кафидани дилро ба пӯфаке, ки дар ҳаво мекафад, шабеҳ намудааст, ки ташбеҳи навест:

Кафад *монанди пуфак* дил ҳавоӣ,

Агарки пеш ояд бевафоӣ [67, саҳ.515].

Ҳамчунин, дар ин байт шоир ғами дили худро ба кирми дохили себ, ки меваро аз дарун мехӯрад, ташбеҳ намудааст ва бо ин тариқ иддао дорад, ки ғам қалби ӯро дарун-дарун хӯрда истодааст:

Дар дили ман хона дорад *ҳамчу кирми себ* ғам,

З-он ки умри одамӣ гаҳ меравад бар ройгон [67, саҳ.541].

Як хусусияти назаррас дар ташбеҳсозиҳои шоир, ба хосса ташбеҳи навъи кушода – ин тарзи махсуси адои ташбеҳ ба ҳисоб меравад. Чун васоити ташбеҳ дар шеъри тоҷик аксаран анъанавию такрорианд ва ибтикороти шоирон дар сохтани намунаҳои дигари он қариб ки мушоҳида намешаванд, бинобар ин онҳо дар истифодаи ҳамин вожаҳои обхӯрдаи такрорӣ баъзан тозагию тасвирсозиҳои навро ба кор мебаранд, то ҷилваи ташбеҳоти хешро бештар намоянд. Ташбеҳоти бакоргирифтаи Ашур Сафар низ гоҳе бо тарзи нави адо матраҳ мешаванд, ки дар навъи худ тозагие доранд. Аз ҷумла, дар байти зер дар ҳар ду мисраъ тавассути вожаҳои «ранг» ва «оҳанг» тарзи наве дар тарҳрезии ташбеҳ мушоҳида мешавад:

Рӯям аз дурии ту *ранги гули хоре гирифт*,

Нолаи дил дар бадан *оҳанги сеторе гирифт* [67, саҳ.414].

Дар ғазалҳои Ашур Сафар ташбеҳоти пӯшидаи нав низ ба чашм мерасанд, ки онҳо аз ибтикороти худи шоир дарак медиҳанд. Чунончи, дар мисоли зер, ғайр аз он ки дар мисраи нахуст ташбеҳи кушода («рӯдсон») истифода гардидааст, дар мисраи якум шӯхиҳои рӯди кӯҳиро ба табъи худ монанд кардааст:

Шӯхиҳои рӯди кӯҳӣ *ҳамрадифи табъи мост*,

Рӯдсон дар роҳпӯӣ мустақил афтодаем [67, саҳ.497].

Қайд кардан лозим аст, ки дар ташбеҳи мазкур фахрияи нозуке низ нуҳуфтааст, зеро шоир дар он на табъи худро ба шӯхиҳои рӯд, баръакс, шӯхиҳои рӯдро ба табъи худ монанд карда, бо ин тариқ ишораи малеҳе бар ҳунари шоирии худ намудааст.

Дар яке аз ғазалҳо, ки мавзуи он ба солҳои нобасомонӣ бахшида шудааст, шоир килки худро ба ходаи дор монанд кардааст:

Ман ба размат хестам, чун гуфтӣ бошад инқилоб,

*Ходаи дор* аст, бингар, килки оташбори ман [67, саҳ.542].

Дар ташбеҳи мазкур вожаи «хода», ки дар маънии чӯби росткардашуда аст, ба мазмуни ташбеҳ тозагие бахшидааст.

Ташбеҳоти навъи пӯшида дар ғазалҳои шоир қиёсан зеботару тозатар буда, дар мазмунсозию образофаринӣ нақши бештар доранд. Чунончи, дар байти зер наздик бар ташбеҳе, ки дар байти боло дар мавриди навъи кушода овардем, шоир ба таври пӯшида дилро ба кӯрак ва ғами онро ба кирм монанд кардааст:

Дил бувад кӯраку ғам кирм дар он,

Чора ҷӯ, кирм фароҳам нашавад [67, саҳ.471].

Агарчи дар ташбеҳи пӯшидаи зер такрори мазмунсозии классикон эҳсос мешавад, аммо тарзи зебои адои он ташбеҳро завқбахш намудааст:

Одамӣ – деҳқон, ҷавонӣ – навбаҳор, умр аст сол,

Мон, ки бошад ин баҳору солу деҳқон дар амон [67, саҳ.501],

Дар ташбеҳи зерин бошад, ҳарчанд ҷузъи «намо»-и ташбеҳ нишондиҳандаи адоти ташбеҳ аст ва ба навъи кушода тааллуқият пайдо мекунад, аммо ҷанбаи пӯшидагӯии он бештар эҳсос мешавад:

Ёри мо ҷилвакунон аз бари мо мегузарад,

Дили мо чок зада *теғнамо* мегузарад [67, саҳ.482].

Ташбеҳоти навъи пӯшида, баъзан, дар ғазалҳои шоир нақши назаррасро дар тасвири мазмунҳо иҷро намуда, қисмате аз матни онро фаро мегиранд. Чунончи, дар ғазали зерин, ки таронагуна аст, ҳамин ҳолат ба чашм мерасад, чун ташбеҳ дар ҳар мисраъ хусусияти фарогир дорад:

Ҳаҷри ту олами шаб,
Ашки ману ситора.
Қалби ман оташу сӯз,
Қалби ту санги хора [67, саҳ.504].

Ташбеҳоти пӯшидаи шоир баъзан сарчашма аз гуфторҳои халқӣ гирифта, мазмуни байтро завқбахштар менамоянд. Чунончи, дар мисоли зер шоир дилро ба ду мафҳум – ҷамъ ва тарбузи садпора монанд карда, дар ташбеҳи дуюм ифодаи халқиро истифода намудааст:

Ошиқӣ бахт асту сахт аст он қадарҳо, ки аз он
Гоҳ дилҳо ҷамъу гоҳе *тарбузи садпораанд* [67, саҳ.481].

Дар ғазалиёти Ашур Сафар истиора пас аз ташбеҳ дар ҷанбаи тасвирӣ гирифтани образҳову мазмунҳои шоирона мавқеъ дорад. Аммо дар мавриди ин воситаи тасвир бояд қайд кард, ки агарчи саҳми шоир дар офариниши баъзе истиораҳо эҳсос мешавад, аксари истиораҳои дар ғазалиёти шоир истифодабурдашуда обшуставу такрорӣ буда, сарчашмаи худро аз осори классикон гирифтаанд ва ибтикори шоир дар онҳо мушоҳида намешавад. Дар ғазалиёти Ашур Сафар истиораҳои мураккаб, ки бо ду ва зиёда вожаҳо корбаст шудаанд ва маъмулан изофӣ (изофаи истиорӣ ва ё баръакс истиораи изофӣ) хонда мешаванд, нисбат ба истиораҳои навъи сода, ки тавассути як вожа корбурд шудаанд, қиёсан бештар истифода гардидаанд.  Ба инҳо дохил шуда метавонанд истиораҳое, амсоли: аруси орзу [67, саҳ.498], аспи тараб [67, саҳ.496], бағали хоб [67, саҳ.509], боғи муҳаббат [67, саҳ.454], боди ҳаводис [67, саҳ.511], бодияи меҳр [67, саҳ.493], борони ашк [67, саҳ.457], гулбоғи орзуҳо [67, саҳ.478], дарёи муҳаббат [67, саҳ.483], дасти шафқат [67,

